

МУКОТИБАИ САДРИДДИН АЙНӢ ВА АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ



Душанбе 2003



С .Айнӣ ва А. Лоҳутӣ соли 1941 дар ш. Москав.

АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ
БА НОМИ РӮДАКӢ

МУКОТИБАИ САДРИДДИН АЙНӢ ВА АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ

(Нашри дуввум бо такмил ва иловаҳо)

Душанбе 2003

ББК 84. (2) 7-5 тоҷик.
М-75
84 (2) 7-5 тоҷик

Эҳдо ба 125-солагии
устод Садриддин Айнӣ

Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ.
Душанбе, «Деваштич» 2003, 140 саҳ.

Ба чоп ҳозиркунанда ва муаллифи тавзеҳот:
Хуршеда Отахонова

Муҳаррири масъул:
Шаҳобуддини Шуҷоъ

Ин китоб аз мактубҳои ду устоди бузург, Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ фароҳам омадааст. Мактубҳо қимати илмиву адабӣ ва таърихӣ доранд.

© «Деваштич» 2003

ЧАНД СУХАН ОИД БА ТАРТИБИ ИН МАҶМӮА

Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ,ки дар бойгонии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академиям илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст, бори аввал ба тариқи мунтахаб соли 1978 ба муносибати ҷашни 100-солагии устод Айнӣ ба табъ расида буд. Он вақт мо имконият надоштем, ки ҳамаи мактубҳои ин ду устоди бузургро ба нашр ҳозир намоем. Аз ҷумла мактубҳое, ки ба солҳои 1937-38 марбут буда, воқеаҳои давраи шахспарастӣ,иғвоҳои дар атрофи устод Айнӣ ба амал омадаро инъикос кардаанд,ба маҷмӯа дохил нашуда буданд,

Аввал ин ки ин мактубҳоро мо дар даст надоштем. Аз тарафи дигар ҳанӯз дар он солҳо бо вуҷуди ошкор шудан ва маҳкум гардидани шахспарастӣ барои интишори мадорики мушаххас доир ба ин масъалаҳо замина ба миён наомада буд. Танҳо баъд аз даҳ соли нашри «Мукотиба» ду мактубро доир ба саргузашти талхи Садриддин Айнӣ дар он айём ва ёрии беғаразонаи Абулқосим Лоҳутӣ ба ӯ устод Муҳаммад Осимӣ ба даст оварда,дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» ба табъ расониданд ва асли онҳоро лутфан ба бойгонии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ супориданд. Нашри нави «Мукотиба» ин ду мактуб ва чанд мактуби дигарро аз бойгонии Институт,ки дар атрофи масъалаҳои мазкур баҳс мекунанд, дарбар кардааст.

Аз нашри пешинаи «Мукотиба» инчунин мактубҳои хусусияти шахсӣ дошта, яъне мактубҳое, ки дар онҳо сухан аз ҳаёти маишӣ ва моддии оилавии онҳо меравад,берун монда буданд. Ҳоло мо тасмим гирифтем,ки ин қабил мактубҳоро ҳам ба маҷмӯа ворид созем, зеро ҳаёти шахсии одамони бузург аз ҳаёти ҷамъиятиашон ҷудонашаванда буда, он ҳам аҳамияти таърихӣ,адабӣ ва тарбиявӣ дорад. Ҳар чизе, ки аз зери қалами ин нобиғаҳои давр таровидааст, як ҷиҳати ҳаёти онҳо, хислатҳои инсонӣ, муносибати онҳоро ба аъзои оила ва атрофиён мунъакис менамоянд.

Дар охир баъзе мактубҳое, ки дар нашри соли 1978 бо сабабҳои гуногун ихтисоран зикр ёфта буданд, дар нашри нав ба таври пурра, яъне дар шакли аслиашон дохил гардидаанд.

Маҷмӯа аз рӯи санаи таълиф тартиб ёфта, нахуст мактуби яке ва баъд ҷавоби дигаре омадааст. Дар сурати набудани мактубҳои ҷавобӣ чанд мактуби яке паиҳам зикр меёбад. Аксари мактубҳо сана доранд, вале агар сана вуҷуд надошта бошад, санаи мактуби ҷавобӣ муаяйн гардида, дар қавсайн оварда шудааст.

Азбаски мактубҳо аҳамияти таърихӣ доранд, имлои муаллифон ба қадри имкон маҳфуз монд. Бинобар ин, дар тарзи навишти калимаҳои русию интернатсионалӣ ягонагӣ дида намешавад.

Нашри аввали ин маҷмӯа бо сарсухани Муҳаммад Осимӣ ба табъ расида буд. Як ҳафта пеш аз вафоташон устод Осимӣ сарсуханро бо илова ва таҳрир ба мо супорида, ба нашри нав фотиҳа дода буданд. Инак сарсухани эшон ба маҷмӯа ворид карда шуд.

Хуршеда Отахонова

САРСУХАН

Дар ин китобча мактубҳое гирд омадаанд, ки муносибати ду саромади адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутиро инъикос менамоянд. Ин муносибат, ки бисёр ҷиҳатҳои ибратбахш дошт, хислатҳои инсонӣ, мавқеи адабию ҷамъиятӣ, фаъолияти серсоҳа ва ниҳоят хидмати он ду суханвари бузургро ба халқу Ватан, ба маданият ва адабиёти тоҷик ифода мекунад.

Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ дар марҳилаи хеле мураккаб, ҳассос ва тақдирсози халқи тоҷик зиндагӣ ва фаъолият кардаанд. Ду устоди забардасти назму наср, донишмандони беҳамтои адабиёти классикии форсу тоҷик ба адабиёти муосири тоҷик пояҳои мустаҳкаме гузоштанд ва дар ҳифзи сарвати маънавии миллат ва дастраси халқ гардондани он кӯшиши зиёде ба харҷ дода, хидмати бузурги таърихиро адо намуданд. Дар ин ҷода онҳо ҳамдигарро дастгирӣ мекарданд ва ба ҳамдигар илҳом мебахшиданд. Ин соҳаи фаъолияти пурбаракати онҳо дар мактубҳо акс ёфтааст.

Ҷустуҷӯи оромгоҳи сардафтари адабиёти форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, навиштани тадқиқотҳо доир ба эҷодиёти классикон, ба нашр ҳозир намудани асарҳои онҳо, тартиб додани луғате, ки хондану фаҳмидани он асарҳоро осон мекард ва ғайраҳо, ки дар мактубҳо дар бораи онҳо сухан рафтааст, як соҳаи муҳими фаъолияти С.Айнӣ қарор гирифта, ин масъалаҳо, дар айни замон, таваҷҷӯҳи А.Лоҳутиро низ ба худ ҷалб мекарданд.

С.Айнӣ "Намунаи адабиёти тоҷик"-ро навишт ва он бо сарсухан ва саъю кӯшиши Лоҳутӣ дар Москва нашр гардид. Аз мактубҳо маълум мешавад, ки ин китоб на фақат дар мамлакати мо, балки берун аз хоки он низ шӯҳрат пайдо карда будааст.

Мутолиаи мактубҳои ин ду устод ба хубӣ нишон медиҳад, ки онҳо ниҳонтарин розҳои худро ба ҳамдигар изҳор мекардаанд, дар душвортарин рӯзҳо дастгири ҳамдигар будаанд.

Соли 1937 дар рӯзномаҳои "Ҳақиқати Ӯзбекистон" ва "Ленин

йўлӣ" дар ҳаққи устод Айнӣ мақолаҳои саропо тӯҳматангезе чоп шуданд. Муаллифони ин мақолаҳо эҷодиёти Айниро тамоман ба таври дигар маънидод карда, асарҳояшро ба Ҳукумати Шӯравӣ душманона ва худи ӯро душмани синфӣ эълон карданд. Ин тӯҳмати ногаҳонӣ устод Айниро ҳам ба ғазаб оварда ва ҳам маъюсу малӯл гардонид. Устод Айнӣ ба устод Лоҳутӣ дар ин рӯзҳои ногувор мактуби пурсӯзу гудозе навишта, ӯро аз вазъи ҳоли пуризтироби худ бохабар намудааст. Ӯ , аз ҷумла, дар ин мактуб навиштааст:

"Ман агар пир намебудам, ба ин аҳвол сабр карда метавонистам, зеро яқин дорам, ки ба тафтиши дурусти советӣ оқибат ҳақиқат маълум хоҳад шуд. Лекин азбаски пири барҷомонда шудаам, метарсам, ки то ба зуҳур омадани ҳақиқат организми ман тоб наоварда маҳв шавад."

Айнӣ бо ин мактуб ба унвони роҳбарони ҳизб ва ҳукумати Ӯзбекистону Тоҷикистон ва Иттиҳоди нависандагони СССР аризаи муфассале (дар ҳаҷми 30 саҳифа) навишта ба Лоҳутӣ фиристодааст ва илтимос кардааст, ки дар тарҷумаи он ёрӣ расонад.

Устод Лоҳутӣ ин аризаро дар тарҷумаи Бону ба ҷойҳои лозимӣ расондааст ва худаш доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Айнӣ дар маҷлиси правленияи Иттифоқи нависандагони СССР маърӯза кардааст.

Хушбахтона, кӯшиши устод Лоҳутӣ ва ҳамсари ӯ мӯҳтарама Бону барабас нарафтанд. Ҳақиқат ғалаба кард. Лоҳутӣ устод Айниро аз шиканҷа ва гумномии тӯлонӣ наҷот дод, номи неки ӯро ҳифз кард. Агар дахолати ҷасуронаи Лоҳутӣ намешуд, кӣ медонад, ки тақдири Айнӣ чӣ мешуд. Ин хидмати ӯро тоҷикон ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳанд кард.

Мактубҳо як қатор хислатҳои муҳимми инсонии ин ду адибро акс кардаанд. Ҳамеша манфиати ҷамъиятро дар мадди аввал гузоштан, моли халқро эҳтиёт кардан ва ба исрофи он роҳ надодан барои онҳо одати муқаррарӣ будааст. Масалан, дар мактуби худ аз 6 апрели соли 1940 Айнӣ навиштааст:

"...Худам ба тариқи доимӣ ба таҳрири "луғати русӣ-тоҷикӣ" машғулам, Колпаков (корманди илмии Базаи тоҷикистонии Академияи фанҳо) бо ман кор мекунад. Азбаски аз ҳукумат харҷи

сафар ва рӯзина мегирад ва ҳам бе харҷе дар гостинитса менишинад, ман бо вуҷуди қувватам кам будан кӯшиш мекунам, ки зиёдтар кор кунам, то ки ба ҳукумат бори зиёд нашавад."

С.Айнӣ ва А.Лоҳутӣ дар ҳеҷ вазъият ҳисси масъулият ва вазифашиносиро фаромӯш накардаанд. Ба ҳар коре, ки пеш ояд, бо ҷиддияти тамом машғул шудаанд, ба ҳалли масъалаҳои муҳимми ҳаётӣ басо дурандешона ва нозукбинона муносибат намудаанд.

Аз мактубҳо чунин ба назар мерасад, ки онҳо чӣ дар пешаи адабӣ ва чи дар корҳои ҷамъиятӣ ҳамеша нисбат ба худ ва дигарон серталаб будаанд. Аз ҳар як мактуби онҳо ҳамин серталабӣ ба ҳамдигар, серталабӣ нисбат ба эҷоди якдигар, дар зимни ғамхории доимӣ бо назари танқид муносибат кардан ба асарҳои якдигар пай бурда мешавад. Онҳо ҳамеша фурсатро ғанимат донистаанд ва ҳар дақиқаи зиндагии пурсамари худро ба манфиати мардум, ба манфиати ҷамъият истифода кардаанд.

С.Айнӣ ва Лоҳутӣ аз мактубҳо ҳамчун шахсоне ба назар мерасанд, ки дӯстӣ ва рафоқати ҳамдигарро барои худ бисёр азиз медонанд. Дӯстии ин ду марди бузург саршори самимият ва эҳсосоти поки одамӣ буда, ба адабиёти тоҷик бисёр фоидаҳо овардааст. Онҳо аз комёбиҳои якдигар шодмон ва аз нобаробариҳои кори эҷодиашон ғамгин мегардидаанд. Чунончи, А.Лоҳутӣ яке аз китобҳои С.Айниро гирифта ба ӯ навиштааст:

"Асарҳои наватон барои халқи тоҷик ганҷинаҳои наве ҳастанд, ки боигарии адабиёти тоҷикро афзун мекунанд. "Чашми бад дур", ҳанӯз як китоби шумо хонда нашуда, китоби дигар мерасад, чи қадар бояд Тоҷикистон хурсанд бошад... Чӣ кунам!

Зи дасти кӯтаҳи худ зери борам,
Ки аз болобаландон шармсорам.

Асаре қобили ҳадя надорам, аммо умед ҳаст, ки "Девон"-и дуюм барояд ва ба хидмати шумо бифиристам."

Дар бораи аҳамияти мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, ки саҳифаҳои дурахшони таърихи адабиёти муосири тоҷикро дар назари хонанда муҷассам мекунанд, сухан дароз аст. Хонандагони мӯҳтарам ин мактубҳоро мутолиа карда, воқифи бисёр ҳодисаҳо хоҳанд шуд, ки чи дар шарҳи ҳоли

бобаракати ду устоди бузург ва чи дар таърихи тараққиёти ҳаёти мадании халқи тоҷик аҳамияти калон дорад. Ғайр аз ин маводи ин маҷмӯа дар тадқиқи таърихи адабиёти тоҷик ва дар бобати муайян намудани симои онҳое, ки дар сари гаҳвораи адабиёти муосири тоҷик истода, барои ба камол расидани он хидматҳои пуразрише кардаанд, сарчашмаи муҳимест.

Муҳаммад Осимӣ,
академики Академияи илмҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон

1.

Аз Москва ба Самарқанд,
6 апрели 1927

Устоди бузургвор, Садриддин Айнӣ!

Ду ариза (бо ин 3-то) фиристодам ва як телегроф задам. Ба ҷавоби ҳеҷ як сарафроз нашудам. Ба пиндори ин, ки шояд бо нишони нашриёти Тоҷик ба шумо нарасад, ин якеро тавассути рафиқ Саидризо Ализода мефиристам. Банда дар ин рӯзҳо кореро, ки ҳамеша орзуи онро доштам, ёфта қабул шудаам. Аз ин сабаб бисёр фикрам осуда шуда ва мумкин аст, ки ҳоло дигар муолиҷа шавам. Фардо, ки рӯзи ҳафтуми апрел аст, ба санатурӣ меравам, ки як моҳ бимонам. Аз масъалаи талаби банда ва васотати шумо ҳеҷ хабаре нест. Ҳатто моҳонаамро нафиристодаанд. Ин бисёр беназокатист. Махсусан дар ин вақти муолиҷа барои ман ёрии зиёде мешуд. Шумо медонед, ки рафтану баргаштани банда ба Тоҷикистон маро наздики панҷсад сӯм қарздор карда, чунки як тин ба ман надоданд. Бо ин ки ман дар Маскав бекор набудам, маро рафиқ Имомуф даъват карда буд. Дар ҳар ҳол мунтазири хати шумо ҳастам, ки дар санатурӣ бихонам. Агар осори наве бошад, бо фиристодани як рӯйхат аз он сарфарозам кунед. Дастхати шумо, аз манзиле, ки дорам, барои ман ба санатурӣ хоҳанд фиристод.

Ба рафиқ Имомуф салом бирасонед. Аз ӯ гила намекунам, ки чаро ҷавоб наменависад, чаро ки ҳоли ӯ ҳамин аст. Ба касе хат наменависад. Рафиқи азиз Ҷабборио салом мерасонам. Ӯ фиристодани «Кремл»-ро фаромӯш кард. Бародари азизам Ҳасанзодаро саломи фаровон мерасонам. Қиблагоҳӣ Махсум ва дигар рафиқонро саломи иродатмандона мерасонам.

Бо саломи шогирдӣ
Лоҳутӣ.

Махсусан Холидаҷонро саломи бисёр-бисёр баланд аз тарафи амаки Лоҳутӣ!

2.

Аз Москва ба Самарқанд,
21 апрели 1927

Рафиқи мӯҳтарам ва устоди муаззам Садриддин Айнӣ!

Ду рӯз аст, ки ба Маскав ворид шудаам ва дар корҳои фирқавӣ машғули хидмат ҳастам. Аз шумо истидъо дорам, ки натиҷаи қоғаз ба рафиқ Муҳиддинуфро ба банда марқум доред. Агар хоҳиши ман ва шуморо қабул накарда, аз Маскав иқдом хоҳам кард. Агар шумо дар Маскав коре ва ё фармоише доред, бинависед, албатта, анҷом хоҳам дод. Ҳар вақт рафиқи мӯҳтарам Мунзим (устоди ман) аз сафар боз омаданд, саломи шогирдонаи маро таблиғ фармоед.

Орзу дорам, ки ҳамеша аз саломатии шумо бохабар бошам. Дар Маскав гоҳо маҷлисҳои роҷеъ ба адабиёти форсӣ мешавад ва ҷамъияте ҳам ҳаст. Ошно ки шудам, майл дорам шуморо ба он анҷуман муаррифӣ кунам. Дар он ҷо аз адабиёти Шарқ, махсусан форсӣ гуфтугузорҳо мешавад.

Холидаҷонро аз қавли амаки Лоҳутӣ салом бирасонед!

Бо эҳтиром ва салом
Лоҳутӣ!

3.

Аз Ленинград ба Самарқанд,
22 августи 1927

Фозили мӯҳтарам ва устоди азиз Садриддин Айнӣ!

Як ҳафта аст, ки дар Ленингрод ҳастам ва ду рӯзи дигар ба Маскав меравам. Дар ин ҷо донишманди мӯҳтарам профессор Бертелсро мулоқот кардам. Бисёр хушам омад. Марде фозил ва устоде қодир аст. Тамоми забонҳои Шарқ ва тақрибан ҳама забонҳои Ғарбро монанди забони модарӣ медонад ва аз таърих ва тамоми ҷузъиёти онҳо бохабар аст. Дар хидмати эшон махсусан аз мақоми фазлу дониши шумо гуфтугузор кардам.

Бисёр шод аст ва аз шумо мамнун, ки ба воситаи "Намунаи адабиёти тоҷик" басо шоирони Осиёи Миёнаро шинохта ва аз чоп шудани чунин китобе бисёр розӣ ҳастанд. Худашон ҳоло як китоб роҷеъ ба адабиёти Эрон менависанд, ба забони русӣ, ки дастовезҳои зиёде дар он ҳаст. Бисёр орзу дошт, ки рӯзномаҳои тоҷикиро барои ӯ бифиристанд. Намедонам ин мумкин аст ё не. Гумон мекунам, ки агар шумо ба Душанбе бинависед, қабул кунанд. Агар илова ба шоироне, ки дар "Намуна" номашон навишта шуда, боз ҳам шоироне ба ёдатон омад, бо каме аз намунаи ашъорашон барои профессор бифиристед. Ба гумонам бечо набошад.

Як ғазал дар ин покет фиристодам. Илтимос ин ки пас аз тасҳеҳ кардан онро ба "Овози тоҷик" бидиҳед ва бифармоед, ки ҳамон тавре ки ҳаст, чоп кунанд ва дар болояш "Пешкаш ба ҷаноби Мовандӣ" бинависанд. Бисёр миннатдор мешавам. Як сӯм дар ҳамон покет фиристодам, ки дигар ғазалро ака Ҳасан чоп кунад, аз ҳамон рақам ба қадри як сӯм ба нишонаи ман ба Маскав бифиристанд.

Дар мактаби шарқшиносии Ленингрод ҳама гуна китобҳои тоҷикӣ буд, ба ҷуз "Адабиёти сурх" ва "Кремл". Фақат ду ҷилд аз вазорати маорифи Ӯзбекистон ба таври шахсӣ барои профессорҳо фиристода буданд.

Умедворам, ки дар Маскав дастхати шуморо зиёрат кунам. Агар фармоише бошад ба ҷону дил дар иҷрои он мекӯшам. Холидаҷонро аз тарафи амакаш салом. Камолҷонро иродате бо камоли хидмату ҳасрати дурӣ саломи бародарона! Бародари мӯҳтарам Ҷабборио саломи фаровон мерасонам.

Махсусан хидмати бародари мӯҳтарам Имомуф саломи бисёр таблиғ фармуда, аз саломатиаш марқум доред.

Бо салом, иродат ва ихлос Лоҳутӣ!

4.

Аз Москва ба Самарқанд,
4 декабри 1927

Устоди мӯҳтарам Айнӣ! Намояндагони Эрон ва мудирони рӯзномаҳо ва вакилони маҷлис, ки омада буданд, беандоза аз

судмандии "Намунаи адабиёти тоҷик" хурсанд буданд ва борҳо дар хусуси ин китоб ва заҳмати шумо дар тараққии адабиёти тоҷикӣ баҳс карданд.

Мегуфтанд, ки ҳама кас дар Эрон орзуи дидани ин китобро дорад. Чанд дастовез роҷеъ ба ҳамон китоб, ки яке аз онҳо пеши худам пайдо шуд ва дигаронашро аз нашриёт гирифтам, барои шумо мефиристам. Гарчи вақти онҳо гузашта, аммо чун роҷеъ ба шумо буд, барои худатон фиристодам.

Ба хидмати дӯстони мӯҳтарам Зеҳнӣ, Ҷабборӣ, қиблагоҳӣ Махсум ва дигар дӯстон саломи фаровон мефиристам. Хоҳишмандам саломи бародаронаи маро ба рафиқ Имомзода расонед. Ба хидмати рафиқ Мусавӣ саломи рафиқона

Холидаҷонро салом мерасонам. Саломатии Камолиддини Самарқандиро аз табиат мунтазирам.

Бо салом, иродат ва ихлос *Лоҳутӣ*.
Москва, Воровская, 25 М-Л-К.
ком. 6, Лахути

5.

Аз Москва ба Самарқанд
12 ноябри 1929

Устоди мӯҳтарам!

Хати азизи шуморо гирифта, аз ёдоварии устодонаи шумо мамнун шудам. Худатон, албатта, медонед, ки чӣ қадар орзу дорам дар Самарқанд бошам ва аз ҳузури шумо дарки илму файз кунам. Аммо чӣ чора, ки беморӣ (дар натиҷаи хиёнат ва ҷинояти корҳои чошлусонаи душманони дӯстнамо) кори худро карда ва бар хилофи орзу маро ҳазорон фарсанг аз шумо дуртар андохт. Хуб бошад дурии роҳ монеъи наздикии дил нашавад. Иродати банда нисбат ба шумо дар ҳадди камол аст ва ба қадри муҳаббати Камол нисбат ба шумо. Тафсили ҳоли худро ба рафиқи азиз Раҳим навиштаам, ба шумо арз хоҳад кард.

Аз он ки номаро дер навиштам, маъзурам...,

Холидаҷон ва Камолро иродате ба камол мерасонам.

Ба хидмати дӯсти мӯҳтарам Вадуд Маҳмудӣ салому арзи иродат дорам.

Бо салом ва ихлоси дӯстӣ
Лоҳутӣ.

6.

Аз Москва ба Самарқанд,
4 июли 1930

Устоди мӯҳтарам ва азиз!

Яке аз рафиқони аврупоӣ, ки коргари муҳимест, мехоҳад дар вақти истироҳати тобистонӣ чанд рӯзе бо занаш дар Самарқанд монда, ҳам саёҳат ва ҳам истироҳат кунад. Баъд ба ҷоҳои дигар равад. Дар ин чандрӯза мехоҳад ҷои сабзу хурраме дошта бошад. Агар мумкин нашавад ба Самарқанд намеояд. Аз ман хоҳиш карда, ки ин масъаларо ба дӯстони худам дар Самарқанд бинависам ва агар мумкин бошад, ки чанд рӯзе дар боғ бимонад, он вақт дар ҳамин саёҳат ба Самарқанд ҳам меояд.

Ман ин мавзӯъро хидмати шумо ва тавассути шумо ба рафиқи азиз Раҳим Ҳошим ҳам менависам. Ё шумо ё Раҳим агар қабул кунед, ки он рафиқ дар боғи шумо ё боғи дигар, ки шумо маслиҳат донед, монад (чанд рӯз), он вақт ба ӯ бигӯям, ки осудахотир бошад. Аввалҳои сентябр аз Маскав ҳаракат хоҳад кард. Илова бар ин ки одами бо аҳамияте аст, коргари адабӣ ва адабиётдӯст ҳам ҳаст ва дар доираи байналмилалӣ хидматҳои адабӣ мекунад. Аз ин ҷиҳат аст, ки ман низ чандрӯза ӯро аз ҷиҳати ҷой дар боғ аз ҷониби шумо илтимос мекунам.

Ҳам шумо ва ҳам бародарам Раҳим аз мулоқот бо ӯ розӣ хоҳед шуд. Аммо дар хусуси худам дар Кумитаи Марказӣ дар Маскав монда дохили хидмат шудаам Илтимос ин ки агар коре дошта бошед ба банда бинависед, хидмате, ки аз дастам ояд, дареғ нахоҳам кард. Агар ҳам рӯзе гузоратон ба Маскав афтод, манзил манзили хоссаи худи шумост.

Дӯст ва шогирди шумо
Лоҳутӣ.

Албатта ё Шумо ё Раҳим (ё ҳарду) ҷавоби ин аризаро хоҳед

навишт, ки ба он рафиқ бигўям. Асосан дилам мехоҳад, ки шумо бо ў ошно шавед. Бародарзодаҳоям ва модарашонро салом аз тарафи амакашон бирасонед.

Мунтазири ҷавоб.

Москва, площадь Свердловск-3 кв. 26

Лахути

7.

Аз Москва ба Самарқанд,(июли 1930)

Устоди мўҳтарам! Яке аз коркунони байналмилалӣ бо занаш ба истироҳат меравад ва мехоҳад, ки дар Самарқанд чанд рўз бимонад, ба шарте ки битавонад дар як боғе манзил кунад. Ман ба ў ваъда додам, ки дар ин хусус ба вай ёрӣ кунам. Албатта дар ин ваъда итминонам ба мароҳими шумо буд. Дар ин бора хидмати шумо ариза кардам, вале ҷавобе нагирифтам. Ин аст, ки аз дигар менависам ва истидъо мекунам, ки дар ҳар сурат ҷавоб бинависед, чаро ки рўзи аввали август ин кас ҳаракат мекунад.

Дирўз бо вай гап задем. Шуморо ғоибона мешиносад. Худаш адабиётчӣ аст. Мулоқоти шумо бо вай хуб аст.

Дар сурате, ки ҷо додан ба вай дар боғ (чанд рўз) барои шумо мумкин набошад, бинависед, ки он кас донад ва дар Самарқанд нафарояд.

Умед аст, ки ин илтимос бе ҷавоб намонад.

Ба амаки азизам, Холидаҷон ва Камолиддини Самарқандӣ салом мерасонам.

Бо салому иродат

Лоҳутӣ

Москва, площадь Свердлова, д. 3, кв. 26, Лахути.

8.

Аз Москва ба Самарқанд,
18 июни 1931

Устоди мўҳтарам Садриддин Айнӣ!

"Малая Советская Энциклопедия"-ро аз нав чоп карда

баровардани ҳастанд. Ман ба ӯҳда гирифтаам, ки як мақолаи хурд рочеъ ба шумо бидиҳам, ки дар он чоп кунанд. Барои ин кор лозим аст, ки шумо ба саволҳое, ки дар вараҳи махсус навишта ва ҳамроҳи ин хат мефиристам, ҷавоб диҳед.

Ба илова як акси худатонро, ки пушти маҷрӯҳи шуморо нишон медиҳад ва яке ҳам акси дигари худатонро, албатта, барои банда бифиристед.

Ман дар Маскав дар рӯзномаи "Правда" хидмат мекунам. Аҳволи саломатиам як навъ, на нағзу на бисёр ганда, мегузарад. Тартиби осоиш ва хонаам нағз аст. Илова бар "Правда" дар ду ҷои дигар ҳам хидмат мекунам.

Агар барои шумо мумкин шавад як китоби " Алифбо"-и тоҷикӣ ва як китоби хониши соли аввал барои ман бифиристед. Хеле муташаккир мешавам. Аз ман талаб кардаанд, ки як алифбо ва як китоби қироат бо хати лотинии нав, ки барои эрониёни хоки шӯравӣ қабул карданд, бинависам. Ман ин китобҳоро, ки аз шумо илтимос кардам, барои истифода кардан мехоҳам. Албатта шумо беҳтарашро интихоб хоҳед кард. Се сӯм барои китобҳо ва уҷрати пусти он фиристодам.

Бо салом ва эҳтироми тамом

Лоҳутӣ

Москва, Тверская "Правда", культ. Отд. Лахути

Ҷавобро зудтар марҳамат кунед.

1) Номи падаратон, 2) Соли таваллудатон, 3) Ҷои таваллудатон. 4) Аз кадом табақаи халқ шумурда мешавед: деҳқон, савдогар, дохунда, мардикор ё дигарон. 5) Узви кадом як ҷамъияти адабӣ ҳастед. 6) Чанд асарҳои чопшуда (ва чопнашуда) доред; Чанд бор ва дар куҷо ва дар кадом забонҳо чоп шудаанд; (Номи асарҳоро навиштан даркор - на ин ки фақат рақами онҳоро). 7) Дар кадом шаҳр ва кадом таърих ва аз тарафи кадом идора чоп шудани онҳоро навиштан даркор, 8) Миллататон.

Ман инҳоро, ки намедонистам аз саволҳое, ки ба таври умумӣ

дар бораи ҳар кас медиҳанд ҷудо карда хидмати шумо фиристодам, ки ҷавоби онҳоро марҳамат карда бинависед. Мунтазирам, ки ба фурсат ин хоҳиши маро анҷом дода, бештар аз пеш мамнунам кунед.

Бо салом ва эҳтиром
Лоҳутӣ.

Москва,
Тверская "Правда", культ. отд.
Лахути.

9.

Аз Москва ба Самарқанд,
15 октябри 1931

Устоди мӯҳтарам Айнӣ!

Хабари муфтахир шудани шуморо бо Нишони Сурхи Заҳмат аз ҳукумати шӯрои Тоҷикистон дар рӯзнома хонда бисёр-бисёр шодам.

Махсусан дар вақте , ки унсурҳои зиддиинқилобӣ аз боқимондаҳои панисломизм, тамоман худро ба пролетариат таслим намудани шуморо дида ба хашм омада, ба шумо ҳуҷум мекунанд ва мехоҳанд бо тӯҳматҳо ва гуфтаҳои ношоиста шуморо аз хидмат ба пролетариат маҳрум кунанд, (қатъиян шумо маҳрум нахоҳед шуд), ин марҳамати ҳукумати коргар-деҳқон хеле бамавқеъ ва дуруст аст.

Ман яқин дорам, ки шумо дар ҷавоби ин хоинҳои манфури пролетариат қалами худро барои хидмат ба тӯдаи заҳматкаш, синфи ранҷбар ва ҳукумати шӯроӣ тезтар хоҳед кард. Инак ман саводи телеграммаҳоеро, ки ба Душанбе фиристодам, хидмати шумо тақдим мекунам, дасти шуморо маҳкам ва дӯстона мефишорам ва шуморо аз таҳти дил табрик менамоям...

Бо салом ва эҳтиром
Лоҳутӣ.

10.

Аз Москва ба Самарқанд,
4 ноябри 1932

Устоди мӯҳтарам

Имрӯз хатеро, ки ба Маскав фиристода будед, пас аз ба Қрим рафтаву гашта омаданам, гирифтам. Марҳамати шуморо бо телефун ба Ҷаводу Рӯҳангез гуфтам, мамнун шуданд.

Ҷаводро ҳам ҷавоб додаанд, ба Сталинобод рафтанӣ аст.

Имрӯз дар Совнаркум прикоз доданд, ки Дорохро озод кунанд ва маро ба ҷои ӯ таъйин карданд. Ман фақат барои ин ки барои он хоин дарс шавад, ин хидматро қабул кардам. Яқин дорам, ки шумо ҳам барои ин хабар хурсанд мешавед.

Ин шеърро, ки фиристодаам, марҳамат карда ба рафиқ Садруллин диҳед ва фармоед, ки бидуни хато чоп кунад. Ман махсусан ҷасорат карда барои шумо мефиристам, чаро ки аз ҳама шеърҳое, ки то кунун гуфтаам, дар назари ман беҳтар аст. Мехоҳам фикри шуморо дар ин (бора) бидонам. Албатта, худам айбҳои онро фаҳмида наметавонам.

Ҳоло соати 8-и шаби 4-ум аст. Мунтазирам, ки Бону омада онро ба тарҷума диҳад.

Холидаҷон, Камолҷон ва укаашонро салом бирасонед.

Ба хидмати рафиқ... ва дигар рафиқон салом бирасонед.

Худованди корӣ Раҳимро саломи калон!

Бо салому эҳтиром
Лоҳутӣ.

11.

Аз Симферопол ба Москва,
22 ноябри 1932

Устоди мӯҳтарам, салом!

Рӯзи 7-уми моҳ аз Маскав ба Ялта сафар кардам. Дар Ялта бештар аз 10 духтуру профессорҳо бо диққати комил маро муойина карданд. Маълум шуд, ки дар гулӯям як раг пора

шудааст ва хун аз ин ҷо буда. Аммо касалии маскавиам ангина будааст, ки ин ҳам ба сахт шудани гулӯ ёрдам карда. Абадан сил набудааст. Акнун ҳолам хуб аст. Ин хатро аз Симферопол менависам. Ин ҷо барои корректории китобам омадам. Охири моҳ Маскав мебошам. Ба ҳама рафиқон салом!

Холидаҷон, Камолҷон ва укаашро салом мерасонам.

Бо эҳтиром ва саломи фаровон
Лоҳутӣ.

12.

Аз Москва ба Самарқанд,
28 декабри 1932

Рафиқи мӯҳтарам Айнӣ!

Ҳар ду хати шуморо бо рафиқ Бону дар як ҷо хондем. Акнун ҷавоби хати якум: Аввало ҳамин, ки аз касал шудани Камол ва шумо бисёр дилтанг шудем. Аммо аз ин ки сиҳату саломат шудаед, хурсандиҳо кардам.

Лекин аз ин бобат хурсанд шуда бошем ҳам, қисмати дигари хати шумо ҳар дуи моро ҳақиқатан мутаассир кард.

Устодҷон, шумо дар хати худатон аз мурдан, он ҳам бо ҳасрат гап задаед. Ин хел маъюсиҳо аз тарафи шумо, ки ранҷбарони тоҷик умедворӣ ба ёрдами адабиатон доранд, (мебахшед) дуруст нест. Акнун ҳама пролеториёти СССР ва аз он ҷумла меҳнаткашони Тоҷикистон ба зиндагонии нав, зиндагонии хушбахтию озодӣ қадам ниҳодаанд, чунин вақте аз мурдан гап задани шумо инсоф-мӣ?

Не, шумо бояд зинда монед ва ба сохтани сусиёлизм дар Тоҷикистон дар қисмати адабӣ хизмат кунед.

Мо аз тарафи хонандагони "Одина", "Дохунда" ва порчаҳои дигари адабии шӯроӣ ба шумо бар зидди ин настроение протест карда ва аз шумо талаб мекунем, ки бисёр зиндагонӣ кунед. Дохундаҳои мукаммалтар нависед. "Мо камбағолонем" барин таронаҳои ранҷбарӣ ба вуҷуд оваред ва дигар ин хел гапҳо нагӯед.

Хуб-мӣ, устодҷон?

Хайр, акнун дар хусуси мусофирати тобистонии шумо ба Вахш ва дигар ҷоҳо. Ин қасди шумо, албатта, қобили табрик аст. Акнун шодмонии дигаре, ки дорем - масъалаи то як андоза озод шудани шумо аз корҳои зиққунанда аст. Ман (Лоҳутӣ) дар Симферопол дар ин хусус бо рафиқ Расулӣ бисёр муфассал гап зада будам ва ба Сталинобод ҳам хат навишта ёдоварӣ карда будам, ки шуморо тамоман аз корҳои идорӣ озод намуда, маошатонро таъйин карда, аз шумо эҷоди асарҳои инқилобии пролетарӣ талаб намоянд.

Мумкин аст, ки ба ҳамин зудиҳо барои чанд рӯзе ба он тарафҳо мусофират кунам. Агар ин мусофират сурат гирад, итминон дорам, ки ин масъаларо бо ҳукумат ва фирқаи Тоҷикистон дар хусуси шумо тамоман ҳал кунам. Хати охиринатонро ҳамин ҳозир хондем ва чунин пеш омад, ки ин хати шуморо ҳам рафиқ Бону мисли хати аввалинатон дар вақти омадан барои тарҷума аз поён гирифта пеши ман овард. Ин аст, ки ҳардуро бо ҳам хондаем. Ҳозир ман нишаста авқот мехӯрам ва дар зимни хӯрдан ҳамин хатро дикта мекунам ва шогирдатон Бону менависад ва аз анҷоми ин вазифа бисёр шод аст.

Он байтро дар шеъри охирин "Ба Сталин" ин хел тасҳеҳ кардан даркор аст:

"Инак-инак тагарги марг парид,
Нохудоро заду расид ба дил".

Агар ҳамин хел тасҳеҳ шуда бошад, бисёр мамнун мешудам.

Аз заҳмати устодонаи шумо дар кӯчонидан ба лотинӣ ва супориш ба рафиқ Садрулин ташаккур, ташаккур!

Бо салом ва эҳтиром
Лоҳутӣ, Бону

Фозили мӯҳтарам, агар дар ин мактуб хатоҳои имлоӣ биёбед, гуноҳамро мебахшед.

Ба Камол, Холида ва модарашон саломи гарм бирасонед.
Бону.

13.

Аз Москва ба Самарқанд,
(охири ноябр ё аввали декабри 1932)

Устоди мӯҳтарам!

Ман аз Қрим гашта омадам. Аз Симферопол як хат навишта ба номи шумо фиристода будам. Намедонам ба шумо расид ё не?

Рафиқа Бону хати шуморо барои ман ба Қрим фиристода будааст. Ман дар роҳ будаам. Ҳанӯз он хат гашта наомадааст. Бисёр афсӯс мехӯрам. Умед аст, ки саломат бошед. Ба ҳама рафиқон салом!

Бачаҳоятон ҳарсеро салом мефиристам.

Дӯсти шумо
Лоҳутӣ.

14.

Аз Тошканд ба Самарқанд,
29 январи 1933

Рафиқи мӯҳтарам Айнӣ!

Рӯзи 25-уми ҳамин моҳ аз Маскав ба Тошканд ворид шудам. Бояд рӯзи 5-6-уми феврал ба Сталинобод равам. Он ҷо як ҳафта бештар намебошам ва дар муроҷиат (агар масъалаи билет то Маскав ёфтан дар Самарқанд ҳал шавад) ду рӯз ба шаҳри шумо меҳмон мешавам. Саломи бародаронаамро ба оилаатон бирасонед. Холидаҷон, Камолу бародарашро салом бирасонед. Махсусан ба рафиқ Аминзода салом мерасонам.

Ба бародари мӯҳтарам Ирфон салому каломи фаровон.

Бо эҳтиром ва салом
Лоҳутӣ.

15.

Аз Сталинобод ба Самарқанд,
20 июни 1933

Рафиқи шафиқ Шоири ҷаҳоншумули инқилобчии болшевик Лоҳутӣ!

Ман шуморо ба муносибати ҷашни сисолагии фаъолияти адабиатон самимона табрик менамоям.

Рафиқи мӯҳтарам!

Шуморо танҳо шоири ҷаҳоншумули инқилобчӣ гуфтан кам аст. Шумо он устоди адабу санъаткори пурбаракат ҳастед, ки бо шеърҳои инқилобии оташбори худ дар димоғи ҷавонони меҳнаткаш шамъи адабиро афрӯхтед ва ҳисси шоириро бедор кардед. Хусусан ҷавонони навраси тоҷик - коргару деҳқонзодагони Тоҷикистонро амалан ва бевосита ёд додед ва тарбия кардед. Ман мисли як нависандаи пири тоҷик ба қатори ин ҷавонони тарбиятдидаатон худро миннатдори шумо мешуморам ва рухсат диҳед, ки бо ин васила дастатонро бо эҳтиром фишорам. Умедворам, ки солҳои бисёр осори адабияи обдори оташбори шумо чун наҳр ҷорӣ буда, дар ин ҷӯйбор садҳо навниҳолони адаб - шогирдони рошиди пролетарӣ расонед.

Дӯсти деринаи шумо:
С.Айнӣ.

16.

Аз Москва ба Самарқанд,
(то соли 1934)

Устод ва рафиқи мӯҳтарам Садриддин Айнӣ!

Номаи шумо, ки дар 16-уми июл навишта будед, расид. Маълум мешавад, ки хати якумини шумо ба нишони дуруст расида, аммо дар он дам як донишманди нодон аз ошно расида ва номаи шуморо гирифта, ки ба ман бирасонад.

Дар ҳамон рӯз ҳам ба истироҳат рафта ва (баъди) даҳ моҳи дигар ба Маскав омад. (Оре, ин гуна донишмандон ёфт мешаванд). Ман чунончи навишта будам, дар санатория машғули муолиҷа ҳастам. Аз Душанбе моҳонаи якуниммоҳаи маро, ки илтимос карда будам, фиристодаанд. Гирифтам, қарзҳоямро додам ва аз шумо ташаккурҳо кардам. Аммо ҳанӯз аз талаби ман роҷеъ ба сурате, ки ба тавассути шумо фиристодаам, хабаре нест, гарчи хате аз бародари мӯҳтарам Муҳиддинзода гирифтам, ки дар он хат ваъдаи фиристодан додаанд. Гумон мекунам, ки шумо ёдоварӣ бикунед, хуб хоҳад шуд.

Дар Маскав як ҷамъияти Эрони озод ташкил шуда буд. Маро дар маҷлиси умумӣ раиси он ҷамъият интихоб кардаанд ва пас аз муолиҷа шурӯъ ба кор хоҳам кард. Умдаи мақсуди ҷамъият нашри маорифи форсӣ аст7 Ман яқин дорам, ки ин ҷамъият манфиатҳои зиёд ба маорифи Тоҷикистон хоҳад расонд. Албатта бо шумо ва дигар уламо робитаи расмӣ пайдо карда истифодаҳо хоҳад кард. Ҷамъият расман дар моҳи ноябр дохили кор хоҳад шуд, аммо пештар ҳам баъзе маҷлисҳо ва корҳо хоҳад кард. Ҷамъият як маҷаллаи махсус хоҳад дошт, ба номи "Эрони озод". Ман гумон мекунам, ки бояд дар ин кор бо ҷамъияти илмии Тоҷикистон алоқа бибандем ва аз якдигар истифода кунем. Мо қувваи илмӣ ва ҳакамии хуб дорем. Аз дохил ва хориҷ моро ёрӣ хоҳанд кард. Илтимос дорам, ки ба Мирзо Абдулқодир ёдоварӣ кунед, ки кори ин кулубро яксара кунанд! Ба рафиқи азиз Ҷабборӣ саломи фаровон! Холидаҷонро саломи махсус, аз тарафи амакаш. Камолро саломи комил! Агар хатояш бошад, албатта, бинависед.

Бо ҳисси эҳтиром ва саломи шогирдона
Лоҳутӣ.

Москва,
Покровка, дом 29, кв. 1 Осетрову для Лахути.
Ин хатро аз санатория дар наздики Маскав навиштам.

17.

Аз Самарқанд ба Москва,
23 ноябри 1934

Рафиқи азиз, Лоҳутии мо!

Салом! Мактуби 9-уми ноябр навиштаатонро 19-моҳи мазкур гирифтам. Мувофиқи хоҳиши шумо аз румони "Ғуломон" ба котиб фармуда чордаҳ саҳифа китобат кунонидам, ки ҳамроҳи ин мактуб ба хидмат мефиристонам. Ҳоло худам дар рӯмони "Ғуломон" кор карда истодаам. Шароити корам ба ин тариқа аст:

Ҳар шаб соати 2-баъд аз ними шаб кор сар мекунам, то соати ҳашти рӯз, баъд чой менӯшам ним соат, боз аз соати 8-ним ба кор медароям то соати 4-ним, бе он ки чизе бихӯрам ва чое нӯшам, кор мекунам. Агар бисёр дил беҳол шавад, як ду дона конфет мемакам. Соати 5 корро ғундошта кӯча меравам ва газета мехарам, ба ин восита пойҳоям, ки 14 соат дузону мондаанд, меёзанд. Боз пас ба хона омада таом мехӯрам, чой менӯшам ва рӯзнома мехонам. Соат, ки ҳафт шуд мехобам. Боз соати 2 гӯё маро касе бедор карда бошад, аз хоб ҷаста мехезам. (Ин мактубро ҳам соати 2-ним, баъди ними шаб, навишта истодаам, ки аввали ҳавсала аст, вагарна хонда наметавонистед).

Агар корам лат нахӯрад, умедворам, ки ин корро ("Ғуломон"-ро) то иди даҳсолагии Тоҷикистон тамом кунам.

Аз чизҳои тозае, ки имсол навиштам, ин аст: ба ман аз институти тадқиқотии педагогии Маскав як мактуб омад ва дар он мактуб хоҳиш карда буданд, ки дар бораи мактабе, ки худам хондаам (мактаби ибтидоӣ) як очерк нависам, ман ин очеркро дар ҳаҷми тахминан ду лист навистам. Дар ин ҷо тарҷума кунонда (ба русӣ) ба институти мазкур фиристодам. Агар шумо хоҳиш дошта бошед, фармоед ба шумо ҳам нависонда фиристонам (албатта тоҷикиашро, аммо таин кунед, ки бо мошинкаи лотинӣ чоп кунонам ва ё бо арабӣ дасти нависонам).

Дар бораи Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ ҳам тахминан се лист чиз навишта ба Тоҷикистон фиристодам.

Бачагон саломатанд, мехонанд. Лутфия ҳам саломат аст, гӯё ки вай ҳам мехонад ва ҳаргиз қаламу дафтарро аз даст

намегузорад ва "менависад".

Аммо модараш озорпой аст. Чанд гоҳ аст, ки бистарист. Умедворам, ки Далер ва модараш ҳам саломат бошанд.

Бо эҳтиром
Айнӣ.

Илова: тарҷумаи ҳоламро ба қадри имкон мухтасар навиштам, агар шумо хоҳед боз ҳам мухтасартар карда метавонед ва аз расми мавҷудаам ҳам якеашро фиристодам.

18.

Аз Москва ба Самарқанд, 1935

Самарқанд,
Ба рафиқ Айнӣ

Романи "Ғуломон"-и шумо на танҳо ба фарзандони озоди ҷумҳуриятҳои шӯроии Осиёи Миёна хизмат мекунад, балки ғуломони имрӯзаи мамлакатҳои Шарқи берунаро, ки бо забони Тоҷикистони фотеҳ гуфтугӯ мекунанд, барои расидан ба озодӣ тайёр менамоянд.

Қалами озоди нависандаи "Ғуломон"-ро аз таҳти дил табрик менамоям.

Лоҳутӣ

19.

Аз Самарқанд ба Сталинобод,
21 октябри 1936

Рафиқи шафиқ, мӯҳтарам Лоҳутӣ!

Ман ҳамон рӯз - рӯзи истиқболи шумо бинобар тангии вақт ҳамаи аҳволи худро ба шумо гуфта натавонистам. Гуфтани сабабҳоеро ҳам, ки ба зудӣ ба рафтани ман ба Сталинобод монеъ буд, фаромӯш кардаам: Ман бинобар бепулӣ ремонти ҳавлиро

нотамом гузошта будам ва ҳамин рӯзҳо мунтазир будам, ки аз Тошканд пул ояд ва ремонтро тамом кунам, агар дер кунам, борон сар шуда кор мемонад. Дуввум барои билети роҳи оҳан ҳам дар Самарқанд камаш як ҳафта мунтазир бояд шавам. Ва инчунин то гирифтани пул аз Тошканд барои хароҷоти роҳ ҳам пул надоштам. Вақте ки телегрофи отдели печати ЦК-аи Тоҷикистонро гирифтам, маҷбур шудам, ки монеъаҳоро рӯйрост гуфта узр хоҳам. Умедворам, ки аз ин кори ман шумо хафа нашавед ва аз ман наранҷед. Агар баҳонаи дигар ёфт нашавад, мумкин аст, ки дар аввалҳои нуябр равам, ба шарте, ки то он вақт шумо дар он ҷо бошед ва пештар хабар диҳед, ки ман билет таҳия карда тавонам.

Бо камоли узрхоҳӣ:
Айнӣ.

20.

Аз Самарқанд ба Москва.
17 январи 1937.

Рафиқи шафиқ, мӯҳтарам Лоҳутӣ!

Салом! Ман аввал бояд ба шумо аз гузориши ҳолам нависам. Тирамоҳ баъд аз тамом кардани иморат хостам ба районҳо биравам. Барои Хуҷанд рафтан аввал Тошканд рафтам. Дар ин ҷо даҳ рӯз мондам, баъд дар 18 сентябр Хуҷанд рафтам. Дар он ҷо даҳ рӯз монда будам, ки аз Сталинобод маро ҷез заданд. Ба Самарқанд баргашта чанд рӯз аҳволи хонаро саранҷом дода дар 6 октябр Сталинобод рафтам. Дар он ҷо то 4 ноябр мондам.

Коре, ки дар он ҷо кардам, ташкили ҳамон рапорте буд, ки шояд дида бошед.

Самарқанд баргаштам, дар роҳ шамол хӯрда бемор шуда, 6 ноябр ба хона омадам. Духтур дид, сахт грипп шудаам, берунравиро манъ кард, 15 рӯз хобидам, хайрият, ки дар иморати нав адои ҳама эҳтиёҷ дар дарун мумкин буд.

Грипп гузашт, аммо сустии дил ва шуш боқӣ монд, бинобар

ин духтоурон маслиҳат доданд, ки рӯзҳои сармо ва бориш берун набароям.

Инак, дар ҳамин ҳол, хонанишин ҳастам. Корҳоям ҳам он қадар пеш намеравад, пештар рӯзе 12 то 14 соат кор мекарда бошам, ҳоло аз 4 ё 5 соат зиёда кор карданам мумкин нест.

Бо ин ҳама камқувватӣ нахостам, ки дар ёдоварии Пушкин иштирок накарда монам. Як порча шеър навиштам, як нусхаи онро бо ин мактуб, аммо дар конверти ҷудогона ба рафиқа Бону фиристода, тарҷумаашро илтимос кардаам. Аз шумо хоҳишмандам, ки дар вақти тарҷума барои эзоҳ ёрӣ медодед ва ҳам дар санаи пушкинии литгазета чопашро таъмин мекардед.

Акнун аз аҳволи хона нависам: модари Холида сиҳатии тамом надорад, аммо бачагон имсол бемор нашудаанд ва ба мактабашон давом мекунанд. Лутфия, ки ҳанӯз ба синни мактабӣ нарасидааст, лекин аз қаламу қоғаз ҷудо намешавад ва мундариҷаҳои баъзе ҳикояҳоеро, ки бародару хоҳараш мехонанд, аз бар кардааст ва ба ман нақл ҳам мекунад.

Дирӯз як воқеаи аҷоиб шуд. Бояд дар хотир дошта бошед, ки шумо соли гузашта аз Қрим ба номи Холида як мактуб навишта ба вай "Ёри масчоҳӣ"-ро фиристода будед. Вақте ки ман он мактубро хондам, номи Лутфияро ҳам ҳамроҳ карда будам, табъи ӯ ҳам баробари Холида ва Камол хурсанд шуда буд.

Дирӯз 16 январ холабачаи инҳо, ки саводи арабӣ ҳам дорад, ин хатро аз даруни чизҳои Холида гирифта хондааст, Лутфия шунидааст.

Пеши ман омад. Дар ҳолате, ки дар чашмаш об чарх мезад ва мактуб ҳам дар дасташ буд, пурсид:

Ин хати амаки Лоҳутӣ аст;

Аз дасташ гирифта дидам ва ҷавоб додам:

Ҳо, мактуби амаки Лоҳутӣ аст.

Порсол шумо дар вақти хондanатон ин хатро номи маро ҳам хонда будед, ҳоло Мирзо "номи ту ин ҷо нест" мегӯяд.

- Номат ҳаст гуфтам ва ба тарзе, ки ба ӯ нафаҳмонам, бо қалами худ номи ӯро ҳам навистам.

- Канӣ куҷост? Нишон диҳед.

Ман он навиштаи худро нишон дода, лекин қариб буд, ки

"обдузд афтам", зеро ранги сиёҳии шумо сабз ва аз ман бунафш буд. Эътироз кард:

-Чаро ҷоҳои дигари хат зангор аст ва азони номи ман бунафш;

-Номи туро бо сиёҳии бунафш, ки хеле аълост навиштаанд.

Ба ин ҷавоби ман он қадар қаноат накарданаш аз чеҳрааш равшан буд, бо вуҷуди ин хатро аз дасти ман пас гирифта:

Ҳоло дурӯғи Мирзоро ба рӯяш мезанам! - гӯён ба хонаи худҳошон давид.

Охир, ин соли панҷумашро пур карда аз соли шашум ба моҳи нӯҳум қадам монд, бисёр чизҳоро мефаҳмад.

Далер, Атияро мебӯсам, аммо намедонам, ки саввум доранд ё не? Ҳамаи самарқандиён, аз он ҷумла худам ва бачагонам хоҳиш доштем, ки шумо имсол дар баҳорон саёҳати Самарқанд мекардед.

Бо эҳтиром ва саломи рафиқона Айнӣ.

Адреси ман:
Самарқанд, Ленинский район,
кв. Қурғонча, дом нумури 10,
Айнӣ.

21.

Аз Самарқанд ба Москва,
14 марти 1937

Мӯҳтарам рафиқ Лоҳутӣ!

Азбаски аҳволи саломатиам хуб набуд, аз гузориши аҳволи худ то ҳол ба шумо хат навишта натавонистам. Ҳоло аҳволам қадре беҳтар аст; мухтасаран навишта натиҷаро маълум мекунам.

Баъд аз аризаам ба Кумитети Марказии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ва Иттифоқи Нависандагони Советии СССР фавран пенсаамро давом кунонида шуд, ки ин ҳолро бо телегроф ба шумо маълум карда будам.

Кумитети Марказии Ӯзбекистон барои тафтиши корҳои ман

дар зери раёсати рафиқ Соттисин як комиссия ташкил дода будааст. Соттисин дар 9 декабри 1937 маро ба Тошканд даъват кард, азбаски ман ҳамон рӯзҳо сармо хӯрда будам, рафта натавонистам ва ваъда додам, ки баъд аз интихобот биравам. Аммо баъд аз интихобот Соттисин ба Тифлис рафт ва тошкандравии ман ҳам то бозгашти ӯ мавқуф монд. Лекин дар охирҳои декабр котиби Кумитети Марказии Ӯзбекистон рафиқ Усмон Юсупов ба воситаи Иттифоқи Нависандагони Ӯзбекистон маро ба Тошканд ҷеғ зад ва шахсан бо ман мусоиба карда хеле дилбардорӣ кард ва ваъда дод, ки ба воситаи шӯъбаи матбуоти Кумитети Марказии Ӯзбекистон изияти асарҳои маро бекор мекунад.

Ман ба Самарқанд баргаштам ва рафиқ Юсупов ба Маскав ба сессия рафт ва баъд аз омаданаш аз сессия аз Маскав он ваъдаи худро ба амал овардааст, ки дар натиҷа узгавлит қароре дар бораи бекор кардани манъи асарҳои ман баровардааст. Ин аст, ки як нусхаи куфияи он қарорро барои маълумот ба шумо фиристодам. (Ман мехостам куфияи қарорро аз нотариус тасдиқ кунонам, аммо нотариуси район ҳақ надоштааст, ки куфияи қарори марказиро тасдиқ кунад ва ин кор махсуси нотариуси ҷумҳурияти марказӣ будааст, бинобар ин ба бардоштани нусхаи оддӣ қаноат кардам).

Дар охири моҳи феврал Союзи Нависандагони Советии Ӯзбекистон маро ба Тошканд ҷеғ зада дар он ҷо як маҷлиси кумитети ташкилотии союзро ва ҳам як маҷлиси умумии нависандагонро гузаронид, бе аслу асос будани ҳуҷумҳои ба ман бударо эълон кард. (Бояд дар наздикӣ қарори ӯ дар матбуот ҳам эълон шавад).

Дар омади гап ҳаминро гуфтанам даркор аст, ки дар ҳамин муддати 7-8 моҳ дар Тошканд на аз тарафи идораҳо ва на аз тарафи шахсҳо, нисбат ба ман ҳеҷ беэҳтиромӣ нашуд. (Ғайр аз рӯзномаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон"). Дар Самарқанд ҳам идораҳои роҳбарии нав (гумрук, гурсовет) ба ман беэҳтиромӣ накарданд. Ҳар кор кард, газетаи маҳаллӣ ва роҳбарони пештара карданд. (Котиби собиқи партияи Самарқанд Ҳоҷиматуф, раиси Густпроф Умаруф, мудири собиқи рӯзномаи Самарқанд Закӣ Сатторуф, ки ташкилотчии ҳуҷум ба ман буд, ҳоло дар ҳабсхона (албатта

на барои кори ман, балки бо гуноҳҳои дигари худ).

Кӯчае, ки дар Самарқанд ба номи ман буд, ҳанӯз ҳам ба номи ман барқарор аст.

Аммо идораҳои поёнии Тоҷикистон ҳар беэҳтиромие, ки мумкин буд, карданд ва колхузҳоро аз номи ман гирифтанд.

Масъалаи пенсияро собиқан навишта будам, ки бо мудохилаи Кумитети Марказии Тоҷикистон дуруст шуд. Инчунин Тоҷигиз як договори маро вайрон кард ва ба панҷ ҳазор сӯм аванс 2500 сӯм настойка зам карда, аз ман 7500 сӯм талаб карда, маро ба суд додааст ва ҳол он ки Тоҷигиз аз ман 5400-у чанд сӯм қарздор буд, ки аз моҳи маи 1937 боз намедод.

Вақте ки ман дар Самарқанд повесткаи судро гирифтам, ба Тоҷигиз хат кардам, ки аввал қарзашро ҳисоб карда аз ин маблағ барорад ва бақияро аз ман талаб кунад ва куфияи ин хатро ба тариқи маълумот ба рафиқ Протопов фиристодам. Фаврӣ телегроф омад, ки кори суд пӯшида шуд.

Хулоса партия ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳам эҳтироми маро нигоҳ дошт, аммо "ҳушёрони" поёнӣ ҳар чи мумкин буд, карданд. Ҳоло гумон мекунам, ки атмосфери Тоҷикистон ҳам нисбат ба ман ислоҳ ёфта бошад.

Ҳоло аҳволи умумӣ нисбат ба ман хуб шуд, аммо аҳволи ҳифзи сиҳҳатиам бад аст. Ба шумо маълум аст, ки ман дар соли 1935 крупозни восполини лӯхки бемор шуда будам. Назар ба қавли духтурҳо баъд аз он беморӣ саломатии ман хавфнок шуда монда буд. Истироҳати порсола, ки дар муддати 20 сол бо маҷбур кардани духтурҳо қабул карда будам, ба ман бисёр фоида дода, диламро хеле ба эътидол оварда буд, ба сабаби воқеаҳои имсол ба сарам омада, дил ва асаб аз кор баромад, ҳоло зуд-зуд тапиши дил рӯй дода аз ҳол меравад. Намедонам, охираш чӣ мешавад.

Ба мӯҳтарам Бону салом, бачагонро мебӯсам.
Бо салом *Айнӣ*.

Адреси ман:
Самарқанд, Ленинский айон,
квортоли Қӯрғонча, дом нумури 10
***Айнӣ*.**

22.

Аз Самарқанд ба Москва,
7 октябри 1937

Рафиқи шафиқ, мӯҳтарам Лоҳутӣ!

Телегрофатон дар вақташ расида буд ва пул ҳам расид, аммо бархилофи насиҳате, ки ба Холида дода будам, дар ҷавоб дер мондам, мебахшед.

Рубоиҳое, ки ба Холида фиристодед, дар хонаи мо сабаби ҷашн гардид, бачагон даст ба даст гирифта хонда қариб буд, ки қоғазро дарронанд. Медонед, ки ин хел корҳо нисбат ба бачагон сабаби тарбияи хеле калон мешавад ва бачагонро ба тарафи адабиёти советӣ монанди як фишанг ҳаво медиҳад.

Худам имрӯзҳо ба кори луғат машғулам. Ман бо Тоҷигиз соли 35-ум як муоҳида баста будам, ки як луғати тоҷикии нимтафсилӣ тартиб диҳам. Медонед, ки дар дасти тоҷикони Осиёи Миёна ду-се луғат ҳаст, машҳуртарини онҳо "Ғиёс" ва "Бурҳони қотеъ" аст. Аммо ҷавонон, ҳатто арабидонҳои онҳо ҳам аз ин луғатҳо фоида бурдан наметавонанд, зеро тартиб бисёр кӯҳна ва луғатҳо бо чизҳое, ки ҳаргиз даркор намешаванд, пуранд. Бинобар ин барои кофта ёфтани як луғати матлуб варақҳоро гардонидан ва саҳифаҳоро хондан лозим меояд, аммо ҷавононе, ки дар замони охир саводнок шудаанд ва арабиро намедонанд, аз он луғатҳо ҳеҷ фоида бурда наметавонанд. Бинобар ин хостам, ки ба асоси ҳамон луғатҳои кӯҳна як луғати тоҷикӣ ба тоҷикӣ бо усули замонӣ тартиб диҳам. Корро ба ин тартиб пеш гирифтам:

Аз луғатҳои кӯҳна ҳар чизеро, ки мурда буд ва ба забони мо даркор намешавад, партофтам, чизҳои даркориро гирифтам. Чизҳои даркорӣ ҳам ду қисманд: як қисми онҳо барои таҳрир ва мутолиаи адабиёти имрӯза ба кор мераванд ва қисми дигарашон барои мутолиа ва фоида бурдан аз адабиёти классикӣ даркор мешаванд.

Медонед, ки ба ин сабаб хеле луғатҳои арабӣ ва форсии қадим, ки дар адабиёти классикӣ ҳастанд, гирифта мешаванд ва манбаи дигари ман халқ аст. Ҳар кадом бобро бо забони халқ, ки то ҳол

дар ягон луғат дида нашудааст, аммо дар миёнаи мардум зинда ва дар гуфтушунид аст, пур мекунам.

Дар тафсили луғатҳои кӯҳна ҳам маънии кӯҳнаашро, ки дар адабиёти классикӣ ва дар забони имрӯза нест, партофтам ва он маъниҳояшро, ки имрӯз зинда аст, гирифта истодаам.

Агар ба тамом кардани ин кор комёб шавам, гумон мекунам, ки барои ҷавонон ва забони адабии имрӯзаи тоҷик хазинаи калон ба вуҷуд ояд. Табиист, ки таҷриба ва кори аввалӣ бо хеле нуқсонҳо омехта мешавад. Бо вуҷуди ин як асосе, ки дар оянда такмил ва ислоҳ кардани он осон аст, гузошта мешавад. Ман хаёл кардам, ки то тамом шудани кор ба кори дигар даст назанам, то ки чизҳои пеш-пеш навиштаам аз ёд набаромада, кор нисбатан зудтар ва осонтар тамом шавад. Ин коре, ки ман ба танҳоӣ сар кардам, корест, ки Бектош бо роҳбарии Нисормуҳаммад бо як дастаи калоин "забоншиносон" сар карда, ду сол "кор карданд" ва садҳо ҳазор сӯми давлат харҷ шуду дар натиҷа чизе ҳам нашуд.

Бектош дастгир шуд, аммо боқимондагони ӯ ва дигар касоне, ки роҳбарони шайкаашон имрӯз фош гардиданд, нисбат ба ман аз иғвогарӣ боз намеистанд. Шумо медонед, ки Вадуд ба ман додарарӯс аст ва инро ҳам медонед, ки миёнаи ман ва ӯ ҳеҷ алоқаи маънавӣ ва маслакӣ нест.

Баъд аз он ки ӯ аз ҳабсу нафӣ халос шуд, асосан дар Тошканд меистод, аммо ҳар вақт, ки Самарқанд ояд, азбаски модараш мурдааст, пеши ҳамшираш меистод. Албатта ҳаммаслакони ӯ ба хонаи ман рафтуоӣ надоштанд.

Соли 36-уми моҳи декабр ба Тошканд рафта буд, то вақти ман ба саёҳат рафтан ӯ дар Тошканд буд. Ман 7 июли соли 37 ба саёҳат рафтам, ӯ дар Тошканд буд. Ман 7 июли соли 37 ба саёҳат баромадам, ки 11 июл дар Маскав будам. Ӯ 16 июл ба Самарқанд омадааст, бачагон дар боғ буданд ва як қисми ин боғ ҳам азони ӯст. Табиӣ дар ҳамон боғ пеши ҳамшираш мондааст ва 19 август дастгир шудааст ва ман 22 август ба Самарқанд дохил шудам.

Инак, ба ҳамин муносибат дар рӯзномаи маҳаллии Самарқанд маро ба кори Вадуд баста навиштаанд. Як бор ки ном дар қатори одамони бадном баромад, чанд блри дигар ба корҳо ва одамоне, ки ман бо онҳо ҳеҷ муносибат надорам, баста навиштаанд.

Албатта ба ҷоҳои даркорӣ ва органҳои тафтишӣ мурочиат кардам, ки ин корро тафтиш намоянд. Лекин то ҳол натиҷаи тафтиш маълум нест. Амин ҳастам, ки ман аз тафтиш пок мебароям, аммо душманон як дараҷа муваффақ шуданд, ки маро беобрӯ кунанд ва ҳар рӯз ҳабс шудани маро дар кӯчаҳо овоза карда гаштаанд.

Бачагонро аз тарафи ман бӯсед, ки онҳо ба бӯсидани ман роҳ надода буданд ва ба мӯҳтарам Бону саломи самимона.

Воқеан аз ёд баровардам, ки пурсам тарҷумаи достони ман чӣ шуда бошад;

Бо саломи самимона:
Айнӣ.

Ба хабари саломатӣ чашм дар роҳам.

Адрес:
Самарқанд, Ленинский район,
квортоли Қурғонча, дом 10,
Айнӣ

23.

Аз Москва ба Самарқанд,
(29 октябри 1937)

Устоди мӯҳтарам Айнӣ! Рӯзи 28-ум аз Сталинобод ба Маскав мурочиат карда, хати шуморо дар хона дидам, ки инак, ба он ҷавоб менависам. Ман хаёл карда будам, ки дар ин сафар ба Самарқанд фуромада, як рӯзро дар сӯҳбати шумо ба сар мебарам, бачаҳотонро мебинам ва духтараки азизам Холидаро, хусусан барои дарсҳояш табрик мегӯям. Аммо чанд сабабҳо маро аз ин саодат маҳрум ва аз шумоҳо шарманда кард. Яке аз ин сабабҳо ин буд, ки дар Тошканд масъалаи мақолаҳои роҷеъ ба шуморо дар газетаҳо хонда бо рафиқони марбута машварат кардам ва ба ин қарор омадам, ки бетарафона ин корҳоро расидагӣ кунам. Росташро гӯям, то кунун аз ҳеҷ ҷо як сабаби сиёсии муҳим наёфтам. Инак, корро то омадани Маскав вогузор кардам. Дар

ин ҷо ба тавассути правления ба ин кор ба таври ҷиддӣ мепардозем. Албатта, ба он чи вазифаи вичдонӣ, одамият ва коммунистӣ (ҳар се як аст) бошад, амал мекунем ва дар ин кор ҳам мисли ҳар корамон роҳи партияро сармашқ қарор медиҳем.

Ба Холидаи меҳрубон, ба Камоли азизу латифаи Лутфия саломи ҳамаи моҳоро бирасонед.

Аз Бону ба рафиқонатон салом ва эҳтиром. Дигар саломат бошед.

Бо эҳтироми тамом
Лоҳутӣ.

24.

Аз Самарқанд ба Маскав,
(6 ноябри 1937)

Рафики мӯхтарам Лохутии азиз!

Хати 29-уми ӯктабр навиштаатонро 5-уми нуябир гирифтам. Шумо дар зарфи 12 сола шиносоӣ дар бораи ман бисёр некиҳо кардед, аммо ин мактубатон аз ҳамаи онҳо фарқият дорад. Дар вақте ки ман тамоман афтодаам ва ҳама аз ман даргурезанд, шумо маро дилпурсӣ кардед. Саломат бошед!

Ман аризаи навиштаи худро мехостам ба русӣ перевод кунонида ба секаи Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ва ҳам ба правленияи Союзи Нависандагони Советии СССР фиристонам. Аммо дидам, ки касе нест ин аризаи дурударозро дар ин вақт ба ман ба русӣ перевод карда диҳад. Бинобар ин он аризаро ба ҳамон ҳоли тоҷикӣ ва арабиаш ба шумо фиристодам, ки дар вақти тафтиши кори ман ба Союз перевод карда, ё маъняшро фаҳмонида хоҳед дод.

Аммо мехоҳам, ки аризаи кӯтоҳтари дигарро ба русӣ перевод кунонида ба секаҳо диҳам, аммо касе нест, ки ин корҳоямро ба ӯ маслиҳат кунам ва дар корҳои техникии перевод ёрӣ талабам.

Чунончи дар аризаи худ гуфтам, ман дар он хабарҳое, ки дар ду газетаи "Ленин юли" ва "Ҳақиқати Ӯзбекистон" навишта шудааст, худро айбдор наменамоям.

Танҳо ман ба ин айбдор ҳастам, ки ба алоқаи маҷбурии Вадуд гирифтор шудам, ман ба бадбахтии шавҳари хоҳари ӯ будан гирифторам. Ман натавонистам зани бемори малари, ревматизм ва порук сердсаи худро бо бачагони хурдсол бароварда пеш кунам.

Вақте ки ман ба хоҳари Вадуд (соли 1920) хонадор шудам, ӯ коммунист буд ва як коммунисти чап буд, ман муллои аз мадраса баромадагӣ будам. Партия ва инқилоб маро тарбия карда ба дараҷаи нависандаи советӣ расонд, мусоҳибатҳои одамони бад ӯро вайрон карда ба ин дараҷа расонд.

Такрор мегӯям, ки ман ба Вадуд ҳеҷ як алоқаи мафкуравӣ ва сиёсӣ надорам ва доштанам ҳам мумкин набуд.

Маро бо алоқаи Файзулло Хӯҷа ва Икромуф айбдор мекунанд. Аммо шумо медонед, ки танҳо кӯшиши шумо ва ҳимояти ҳукумати советӣ маро аз шарри Файзулло Хӯҷа ва Икромуфҳо нигоҳ дошта омад. Шумо медонед, ки Икромуф ба "Намунаи адабиёти тоҷик" чигуна ҳуҷум карда буд, шумо медонед, ки Икромуф ин масъаларо пеши Бухорин гузошта ӯро ба майдон андохта буд.

Имрӯз боқимондаи онҳо мехоҳанд, ки маро ба болои лошаи мурдори онҳо тела дода, мусибати аз афтодани онҳо дидаашонро ба шодии аз маҳв шудани ман гирифтаашон сабук кунанд.

Ман агар пир намебудам, ба ин аҳвол сабр карда метавонистам, зеро яқин дорам, бо тафтиши дурусти советӣ оқибат ҳақиқат маълум хоҳад шуд. Лекин азбаски пиру барҷоманда шудаам, метарсам, ки то ба зуҳур омадани ҳақиқат организми ман тоб наёварда маҳв шавам.

Ман, албатта, бехатою нуқсон нестам, лекин ҳеҷ гоҳ муҳаббат ва садоқати ман нисбат ба Ҳукумати Советӣ ва роҳи Партияи Коммунистӣ халалдор нашудааст ва халалдор нахоҳад шуд. Ман дар вақтҳое, ки диндор будам ва дар вақтҳое, ки ҳанӯз боқимондаҳои мафкураи ҷадидизм дар ман мавҷуд буд ва дар вақтҳое, ки ҳанӯз роҳи партия ва мақсадҳои ӯро намедонистам - дар ҳамон вақтҳо ҳам бо садоқати хосса ба советҳо хидмат мекардам. Садоқати ман мисли имони он аҷуза буд, ки аз вай пурсиданд:

"Худо ҳаст, ё нест?" - ҳаст, - гуфт.

Боз пурсиданд:

" - Агар касе нест гӯяд, ту чигуна исбот мекунӣ?" Ӯ дар ҷавоб табарро бардошт ва гуфт:

" - Ана бо ин табар сари он гуна одамро зада мешиканам". Ин афсона дар самимият ва садоқати ман тамоман мувофиқ аст. Зеро ман медидам, ки Совет мазлумҳоро ҳимоят мекунад ва золимонро мезанад. Аммо вақте ки савияи ман инкишоф ёфт, он садоқати аҷузонаам ба як садоқати илмӣ ва мантиқӣ мубаддал шуд. Ин самимияти ман бояд аз ҳар калимаи навиштаам ҳувайдо бошад, дар асарҳои ман баъзан саҳвҳо, хатоҳо воқеъ шавад ҳам садоқату самимияти худро барҳам намедиҳад. Ман ба ин ҳол фахр мекунам.

Аҳволи дигаре, ки маро зиёда дар печутоб меандозад, ин аст, ки занам бемор аст ва бачагонам хурдсол. Дар ин аҳвол инҳо, ки ба ғайр аз зану бачагони ман будан, гуноҳе надоранд, хароб хоҳанд шуд.

Ман зотан то 45-солагиам - дар замони амир аз он ҷиҳат хонадор нашуда будам, ки дар задухӯрди байни мо ва амир зану бача поймол хоҳад шуд (чунончи зану бачаи додарам баъд аз кушта шудани ӯ дар дасти амир маҳв гардид). Аммо вақте ки инқилоби Бухоро шуд ва амирӣ абадан маҳв гардид, ман ҳам осудаҳолона хонадор шудам. Агар медонистам, ки дар охири умрам ин гуна ҳодиса ба ман рӯй медодааст, ман ҳаргиз хонадор намешудам ва бо гуноҳи ман инҳо азоб намекашиданд.

Шумо маро собир медонистед, тааҷҷуб хоҳед кард, ки чаро ман ин қадар тилтанг шудаам. Дар ҳақиқат ман хеле борбардор будам, дар вақте ки дар арки амир маро мезаданд, гӯштҳоям мепаррид, хун аз баданам мешорид ва гоҳо аз ҳуш мерафтам, лекин вақте ки ба ҳуш меомадам, нигоҳ мекардам, ки онҳо маҷбур мешуданд чашмонашонро аз ман канда ба замин дӯзанд. Аммо ман на дод мегуфтам ва на аз чашмам об мебаромад. Зеро онҳо душман буданд ва дар онҳо ҳамонро дида истода будам, ки чашм доштам ва ба интиқом ҳозир мешудам. Аммо дар шароити советӣ, ки ба вай содиқ ва самимӣ ҳастам, "ту" гуфтанро бардошта наметавонам.

Имрӯз 6-уми ноябр аст, ҳамаи СССР, ҳатто маҳнаткашони хориҷ ҳам ба иди 20солагии уктабри бузург тайёр мешаванд.

Бачагони ман ҳам ба мошин лента баста истодаанд, байрақчаҳоро тайёр мекунанд. Лутфияча ҳам хониши Интернасионалро машқ карда истодааст. Аммо ман, мани бадбахт дар зарфи ин 20 сол танҳо ҳамин рӯз аст, ки дилам пурхун аст, аммо ҳеҷ зоҳир намекунам, то ки ба шодии бачагонам халал нарасонам.

Хулосаи калон, аҳволи ҳозира ҳаминро нишон медиҳад, ки аз Ӯзбекистон ва Тоҷикистон барои беҳбудии кори ман умеде нест. Танҳо умеди ман дар Маскав, дар марказ, дар сека ВКП(б) монда аст. Ман умед дорам, ки партия ва совет бардоштаи худро нахоҳад гузошт, ки бар хоки хорӣ афтад, охир маро сар карда Маскав ва матбуоти шӯравӣ бардошта буд. Ҳоло ҳам умеди ман танҳо ба он ҷо монд. Оҳ, кошки аз ин рӯзи ман Сталини бузург хабардор мешуд ва бори дигар ба ман ҳаёт медод. Охир, ӯ гуфта буд, ки "ба гуноҳи падар писар ҷавоб намедиҳад?"

Илтимоси дигар аз шумо ин аст, ки агар бо ҳамаи кӯшишҳо кори ман бад шавад, шумо ба бачагони ман монанди як каси доғдор нигоҳ накунед. Кӯшиш кунед, ки инҳо дар роҳ намонанд. Шароити Осиёи Миёна бад аст, дар ин ҷо агар касе зада шавад, бачагони хурдсолашро ҳам мезананд, касоне мезананд, ки онҳо ба корҳои ҷамоатӣ ва сиёсӣ ҳеҷ дахле надоранд. Охир шумо коммунист ва соҳиби фарзанд ҳастед. Васияти охирини ман ҳамин аст!

Бо салом ва эҳтиром:
Айнии бадбахт.

25

Аз Маскав ба Самарқанд,
(4 апрели 1938)

Фозили мӯҳтарам! Мактуби аввалини шуморо, ки гирифтам, ба забони русӣ тарҷума кунонда ба маҷлиси секретариат дода ва таклиф кардам, ки зудтар кори шуморо расидагӣ карда як хотима диҳанд. Маг гуфтам, ки вақте роҷеъ ба як нависандаи машҳур дар сари забонҳо ва дар баъзе рӯзномаҳо нисбатҳои бад медиҳанд, ақидаи ман ин аст, ки бояд расидагии комил ва тафтиши сара дар он бора бишавад, ки:

1. Агар он гапҳои забонакӣ ва навиштагӣ дурустанд, пас инро

ошкор намуда ба он кас ҷазои даркорӣ диҳанд. II. Агар ин гапҳои кӯча ва баъзе матбуот асос надорад, бояд ба таври қатъӣ гӯянда ва нависандаи онҳоро фош намуда ва ҷазои даркорӣ диҳанд, ки обрӯи мардумро набурда бигузоранд хидмат кунанд."

Ҳаминро ба рафиқон Прутопопуф ва Юсуфуф ҳам гуфтам. Р.Паустовский ба ҷамъияти нависандагон телегром фиристод, ки комиссия кунанд. Чанд рӯз пеш телегромми рафиқ Юсуфуф расид, ки муждаи дуруст шудани кори шуморо медиҳад. Ин ҳамаро хушҳол кард, ки охираш ба хуррамият анҷом гирифт.

Ман яқин дорам, ки ба сахтиҳо таслим нашуда,т асарҳои хуби ба манфиати халқи фотеҳи шӯрой, ба манфиати Ҳукумати Советӣ ва Партияи Коммунистӣ хоҳед навишт. Шумо дар мактуби худатон гила кардаед, ки "одамони поёнӣ ҳарчи тавонистанд дар ҳаққи шумо бадӣ карданд."

Охир, домуллоҷон, одамони поёнӣ дар ҳаққи кӣ бадӣ накардаанд? Албатта, мо "поёнӣ"-ро нисбат ба сифат ва ахлоқи онҳо мегирем.

Шумо мебинед ба он марди бузурги замонӣ, ба Максим Горкий чиҳо кардаанд? Ва шумо медонед, ки то дақиқаи мурдан ба хидмати коргару деҳқон, ба хидмати ватани сусиёлистӣ машғул буд. Ин барои мо дарс бояд шавад. Агар хидмати мо ба халқу ба партияи коммунистӣ содиқона бошад, он вақт кори мо фоиданок, ҳаёти мо қиматдор ва асари мо ҷовидона аст ва аз ҳеҷ кас ва аз ҳеҷ чиз набояд битарсем. Мунтазири хондани асарҳои нави шӯроии шумо мухлисатон Лоҳутӣ.

Аз тарафи Бону ба оилаи мӯҳтараматон ва аз тарафи ман ба ҳама фарзандони азиз салом бирасонед. Умед дорам саломат бошанд ва хуб бихонанд.

26.

Аз Самарқанд ба Москва,
8 маи 1938

Фозили мӯҳтарам, рафиқ Лоҳутӣ!

Мактуби 4-апрел ба пӯчта супурдаатон, дар вақташ расида буд, аммо дар ҷавоб мебахшед, ки бешармона хеле ва бисёр дер

мондам. Сабаби ин бемориам буд. Рафиқҷон, ман хеле бемори дарунӣ шудаам, ки бо андак таъсири хориҷӣ, масалан бо ягон хӯроки андак нофорам, ё шамоли тундтар зуд бистарӣ мегардам.

Ман дар рӯзҳои гирифтани мактуби шумо бемор будам, он қадар сахт набуд. Ман фикр кардам, ки баъд аз беҳтар шудан ҷавоб хоҳам навишт. Аммо дишаб 17-апрел бо 39 дараҷа таб ба як қай ва исҳоли сахт гирифтор шудам ва ба чунин ҳол як ҳафта бештарин беҳуш будам. Шумо медонед, ки дар вақти бемории қай ва исҳол беҳуш бошанд, чӣ фалокатҳо рӯй медиҳад, бар болои ин модари Холида, ки аслаш бемор буд, дар ҳамин рӯз бемориаш сахттар шуда буд. 24-апрел дардам рӯй ба беҳбудӣ овард. (Албатта яке аз духтурони хуб маро муолиҷа кард). Дар якуми мой ҳарчанд дар намоиш иштирок карда наметавонистам, ба пеши дарвозаам баромада намоишчиёнро тамошо кардам. Аз 7 мой тавонистам, қалам ба даст гирам, ин аст, ки дар 8-мой ба шумо ҷавоб менависам.

Албатта аз он ҳуҷумҳо, хусусан, ки ҳамааш дурӯғ баромад, дар матбуот эълон карданд ва нависандагони мақолаҳо айбашонро ба гардан гирифтанд, рӯҳи ман наафтод, ҳатто аз аввалӣ зиёдтар қувват гирифт. Аммо чӣ кунам, ки бадан, хусусан ин бадани пири фарсуда, ба қуввати аввала наомада истодааст. Одам танҳо бо шавқ ва қувваи рӯҳ кор карда наметавонад, бадани солим ҳам даркор аст, ки ба фармони рӯҳ ва шавқ итоат кунад.

Чунон ки дар мактуби худ ишора кардаед, барои бартараф шудан ва дуруст шудани кори ман қисмати шумо ба воситаи секретариот ва шахсан ба воситаи рафиқ Ставский роли калон бозӣ кард.

Рафиқ Ставский ба Тоҷикистон ҳам телегроф карда будаанд.

Корҳои дар замони сонӣ дар Ӯзбекистон дар ҳаққи ман шуда ин аст: Дар Тошканд дар ҳар маҷлисҳое муносибате бароварда номи маро ба некӣ ёд карданд ва қайд кардаанд, ки ба ман ноҳақ ҳуҷум шудааст. Дар рӯзҳои бемории ман аз Союзи Нависандагони Ӯзбекистон ба Самарқанд одами махсус омада, дар 23-апрел ба муносибати шашсолагии қарори ЦК дар бораи адабиёт як маҷлиси калон гузаронида ҳуҷумкунандагон ба манро фош кардааст. (Зам. директури собиқи газетаи Самарқанд ва мудири культпропи собиқи Самарқанд ба гуноҳҳои

аксулинқилобии худ кайҳо ба подвол рафтаанд.

Рӯзномаи "Ленин юлӣ"-и Самарқанд, ки ташкилотчии ҳуҷум буд, расман эълон кард, ки ҳуҷумҳо нодуруст аст.

Инчунин дар 5 -мой ба муносибати рӯзи матбуот дар Самарқанд маҷлиси умумии шаҳрӣ гузарониданд ва дар он маҷлис маро ҳам даъват карда ба маҷлиси президиум гузарониданд. Дар он ҷоҳо мудири ҳозираи газета ва мудири ҳозираи культпропоблуси Самарқанд баромада ноҳақ шудани ҳуҷумҳо ба манро ва аз тарафи киҳо шудани он ҳуҷумҳоро ба омма гуфтанд ва таклиф карданд, ки нависандагони он мақолаҳо баромада гап зананд. Баъзе аз он нависандагони мақола, ки дар маҷлис буданд, аз он ҷумла Валӣ Карим ном, ки дар Тошканд дар маҷлисе, ки шумо будед, ба ман ҳуҷум карда будааст, баромада иқрор кард, ки ман ба фармуни редактури собиқ, ки ҳоло дар ҳабс аст, он мақоларо навишта будам ва боз редактур баъзе чизҳоро худаш илова кардааст. Ба вай мудири культпроп гап парронд, ки "агар редактур ба ту мегуфт, ки худатро аз бом парто, магар ту мепартофтӣ?..." Албатта соҳиби мақола ба ин сухан ҷавоб гуфта натавонист. Ва инчунин дар рӯзи матбуот дар зовуд ва фабрикаҳо, дар колхозҳои Самарқанд маҷлис гузаронида ноҳақ будани ҳуҷум ба манро эълон кардаанд.

Хулоса дар Ӯзбекистон ва аз ин ҷумла дар Самарқанд, ки маркази ҳуҷум ба ман буд, гуфта метавонам, ки корҳо тамоман дуруст шуд. Зотан ҳам идораҳои расмӣ, аз ин ҷумла Союзи Нависандагони Ӯзбекистон мутлақо ба ман беҳурматӣ накардааст.

Аммо дар Тоҷикистон корҳо дигарранг аст. Дар Тоҷикистон колхозҳо ва ҷоҳое, ки бо қарори Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ба номи ман шуда буд, бе ҳеҷ қарори Кумитаи Марказӣ номҳоро дигар карданд. Ҳарчанд бо ташаббуси шахсии рафиқ Прутопопуф кори пенсаам дуруст шуд, дуговори вайрон кардашуда боз ба амал оварда шуд ва аз тарафи партия рухсат додаанд, ки асарҳои маро хонанд ва ба хрестоматияҳо гиранд, аммо Тоҷигиз ва идораҳои поёнии дигар, хусусан шахсони ҷудогона ҳанӯз дар ҳаққи ман ба зеҳнияти аввалаи худ барқароранд. Масалан Тоҷигиз бо ташаббуси рафиқ Прутопопуф ба ман фармуд, ки то 10 июл кор кардани луғатро тамом карда

диҳам, аммо аз пули ман, ки аз корҳои дигар аз соли гузаштаи моҳи мой қариб 5000 сӯм ба гарданаш аст, як пул намефиристонад ва ҳол он ки ман дах моҳ боз кори пулнок накардаам ва карда наметавонистам ва танҳо бо пенсия зиндагӣ мекунам, ҳар чи сабаб ҳам буд ба фурӯш рафт. Ман шарм медорам, ки масъалаи пулро ҳам ба рафиқ Прутопопуф нависам. Ман дар ҳолати беморӣ кӯшиш карда истодаам, ки то июл луғатро тамом кунам, аммо бо ин зеҳният маълум нест, ки қабул мекунанд ё не, пул медиҳанд ё не.

Дар ҳамин рӯзҳо касе аз коркунони нашриёти Самарқанд омад, мегӯяд, ки аз тарафи Тоҷлит, ҳам отдели печати ЦК фармуданд, ки асарҳои Айниро дар китобҳои мактаб дароред. Баъд аз даровардан, боз касе намедонам аз кучо, бо телефон гуфт, ки ҳозир асарҳои Айниро нигоҳ дошта истед, албатта ин провокатсия аст. Сиёсати партия дар Ӯзбекистон дигару дар Тоҷикистон дигар намешавад, хусусан дар ҳаққи шахсҳо ва асарҳо.

Бадии аҳволи Тоҷикистон дар ҳаққи нависандагон дар он ҷост, ки дар Союзи Нависандагон каси дуруст нест. Танҳо Шанбезода раис аст, ки вай танҳост. Нависандагони ҷавон ба пеши Шанбезода омада таклиф кардаанд, ки маҷлиси расмӣ ҷеғ зада Айниро фош кардан даркор аст. Шанбезода ҷавоб додааст, ки агар билети партиягии маро зи дастам гиранд ҳам, бе ягон ҳуҷҷати расмие, ки исбот шуда бошад, ба дасти ман нарасад, ман ин корро нахоҳам кард.

Котиби Союз Деҳотист, ки ба вай чӣ ном доданро худам ҳам намедонам. Агар дӯсти ман гӯям бояд "дӯсти нодонам гӯям, ки аз душмони доно бадтар аст".

Хулоса, дар Тоҷикистон, ки дар ҳаққи ман ба ғайр аз чизҳои дар газетаи Самарқанд навишта шуда, дигар асосе ба даст надоранд, ҳанӯз дар ҳаққи ман корҳо ҳамин тарз аст. Хайрият, ки ман ба Союзи Нависандагони Тоҷикистон аъзо набудаам, вагарна маро кайҳо аз союз мебаровардаанд. Чунончи баъзе касоне, ки дар Бухоро буданд ва умуман аъзои Союзи Нависандагон набуданд, дар Союзи Нависандагони Тоҷикистон мисли душмани халқ аз союз бароварда дар матбуот эълон карданд.

Баъд аз эътирози он одам эзоҳ доданд, ки саҳв шудааст. Он ғарибон барои муҳофизати худ ва барои ҳушёрӣ нишон додани худ чӣ аҳмақиҳо накарданд. Деҳотӣ як мақола барои пок кардани худ ба рӯзнома чоп карду дар вай ба баъзе хатоҳои худаш рафиқ Садрулинро нишон дод ва Садрулинро дар он мақола ба унвони душмани халқ ном бурд ва ҳол он, ки дар Тошканд кори партиявии Садрулин дуруст шуд ва дар нашриёти Совнаркуми Ӯзбекистон мудир гардид.

Хулоса дар Тоҷикистон хусусан дар ҳаққи нависандагон қарори январии ЦК як фоиз ҳам иҷро нашудааст.

Бо вуҷуди беморӣ ва бемадорӣ бисёр гап зада шуморо дарди сар додам, мебахшед. Аммо "Бе субҳ шабе хоҳам, бо ту ғами дил гӯям, ман гиряму ту хандӣ, танҳо ману танҳо ту".

Агар иғвогарӣ нагӯед, инро ҳам бояд гӯям, ки дар Хуҷанд як колхузро, ки ба номи шумо "Лоҳутӣ" будааст, бо як провокатсия номи шуморо аз вай гирифта ба номи "Димитров" мондаанд ва ҳол он ки лар Сталинобод теотр, кӯча ва колхузҳо ба номи шумо барқарор аст. Ин ҳам ба чигуна иҷро шудани қарори январӣ як мисол аст.

Чунончи аз ин пеш навишта будам, ман бачагонро аз мактаби тоҷикӣ гирифта дар мактаби русӣ монда будам, зеро беҳамин бачагонро олим кардан ва аз мактабҳои олӣ баҳравар кардан мумкин набуд. Зеро дар мактабҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ дарсҳо суст мерафт, хусусан дарси забони русӣ мисли бозӣ буд. Албатта бачагон имсол дуруст фоида бурда тавонистанд. Як муаллими русӣ нигоҳ доштам, ки дар хона дарсҳои онҳоро тайёр карда диҳад. Лекин дар вақтҳои охир аз ҷиҳати бепулӣ маҷбур будам, ки муаллимро рухсат диҳам. Хулоса имсол истифодаи бачагонам аз мактаб ноқис аст, аммо умедворам, ки дар соли оянда дуруст фоида бурда тавонанд.

Қароре, ки ҳукумат ва партияи Ӯзбекистон дар бораи дуруст таълим додани забони русӣ дар мактабҳои ӯзбекӣ ва ғайри русӣ (аз он ҷумла мактабҳои тоҷикӣ ҳам) баровардаанд, умуман мувофиқи талаби зиндагӣ аст.

Умедворам, ки баъд аз ин дар мактабҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ забони русӣ дуруст таълим ёбад ва монанди ман касе маҷбур нашавад, ки фарзанди худро дар мактаби ғайри модариаш

гузошта ҳам харҷи зиёд кашаду ҳам бачагон азоб кашанд.

Ба рафиқ Бону аз худам ва аз оилаам салом. Бачагонро мебӯсам ва бачагон, ҳатто Лутфия ҳам ба шумо ва бачагон салом доранд. Ростӣ Лутфияро ҳам ба боғчаи бачагонаи русӣ мондам. Ба рафиқ Ставский ва Арошур салом.

Бо эҳтиром
Айнӣ.

Адреси ман:
Самарқанд, Ленинский район,
квортали Қурғонча, дом нумур 10.
Айнӣ.

27.

Аз Москва ба Самарқанд,
17 маи 1938

Устод Айнӣ салом! Хати шуморо гирифта аз андоза берун хурсанд удам. Асосан вазъияти шуморо медонистам, ки дуруст шудааст. Дар ҳукумати шӯро зулм мумкин нест. Касоне ҳам, ки барои манфиати шахсӣ хиёнат мекунанд ва дигаронро меозоранд, дер ё зуд ба даст меафтанд. Чизе ки ҳаст, сиҳҳатро хароб мекунад. Ҳоло аз касал будани шумо мутаассирам. Умед аст, ки партияи Ленин-Сталин касолати ҷисми шуморо ҳам шифо диҳад. Омин!

Дар хати худатон навиштаед, ки ким кияк дар пеши ман ба шумо ҳуҷум кардааст. Домулло маълум мешавад, ки ин ҷо ҳам иғвогарӣ кардаанд. Масъала ин аст, ки дар редаксия ба ман мисли яке аз котибони Союзи нависандагон маърӯза карданд ва сабаби ба шумо ҳуҷум карданро (албатта, ба ақидаи инҳо) гуфтанд. Ҳамин тавр тарафдорони шумо ҳам ба манфиати шумо гуфтанд. Ман ҳар ду тарафро гӯш дода ва гуфтам, ки мавзӯъи кӯҳна, аҳамияте надорад ва мо салоҳияти мудохила ба онро надорем. Аммо аз давраи ҳукумати шӯро Айнӣ хидматҳои адабӣ кардааст ва инҳо ба манфиати заҳматкашон аст.

Ман лозим донистам ин масъалаҳоро ба шумо хабар диҳам, ки бештар ба сиҳҳати шумо зарар нарасад ва мисли худам асабонӣ нашавед. Масъалаи дигар мавзӯъи баргардонидани номи колхоз дар райони Ленинобод, аз "Лоҳутӣ" ба "Димитров": Устодҷон, қасам ба маслаки ленинизм ба қадри сари мӯе ба ин корҳо аҳамият надиҳам. Тоҷикистон қадрдонии худашро кунад. Ҳукуматдорони он ҷумҳурият алоқаи шахсӣ надоранд. Майлаш, раҳмат. Ман дилам осуда ва фикрам солим аст. Таърих хомӯш нахоҳад шуд ва халқ нахоҳад мурд. Мардум хидмати адабии маро ба Тоҷикистон медонанд ва раҳбари мардум - фирқаи коммунистӣ ҳам медонад. Аммо як чизро хеле дилам мехост, ки бидонам:

Махсусан ин ки чӣ баҳона доштанд ва иғвогарӣ дар чӣ шакл ва ба чӣ иборат будааст.

Агар инро ба банда менавиштед, мамнуни абадӣ мешудам. Боқӣ кори халқ аст, ба номи ҳар кас, ки мехоҳад колхози худашро меномад. Шумо менависед, ки дар Сталинобод ҳанӯз театру кӯча ба номи ман боқӣ аст. Боқӣ монад ҳам, домулло, аҳамият намедиҳам. Аммо аҳамият барои номи Тоҷикистон дорад. Дар Маскав ҳеҷ мунтазири ин хабар набудам. Ҳоло, ки шуд, хайр шавад. Охир, ки партия инро хоҳад шунид ва фикри худашро хоҳад гуфт. Ман хомӯш мешинам.

Роҷеъ ба Деҳотӣ бошад, нисбат ба ман ҳам иғвогарӣ кардааст. Аммо шумо беҳтар аст, ки ба ӯ нагӯед. Ин хел бачаҳо тараққии худро дар ин гуна "садоқаткориҳо" медонанд. Ба Холидаи азиз, Камоли бемисол ва Лутфиҷон салом бирасонед.

Дилам бисёр мехоҳад онҳоро бубинам.

Акнун як мисоли зинда барои шумо менависам. Ҳарчи мехоҳед аз он дарк кунед: Ду рӯз пеш пирзанак (курйер) якчанд билети театр, ки худам заказ дода будам, аз котибаи ман гирифта ба хонаам оварда дод. Ӯ намедонист, ки билетҳоро худам пул додаам. Фақат котибаам онҳоро тайёр кардааст. Пас бо як зудӣ... ба ман мегӯяд.

Бисёр истода мунтазир шудам. Охираш ба директори театр гуфтам, ки медонӣ ин билетҳо барои кист; ҳо, ӯро тарсондам, даррав дод. Набошад кӣ медонад, билетҳоро медод ё не? Як даҳ

ҳазор одам дар очеред буданд. Гуфтам ташаккур, ҳамин яқинан, ки бидуни шумо билет намедоданд. Хуб, чӣ қадар пул додед. Рангу рӯи мағруронае нишон дода гуфт. Ман пул диҳам? Уҳу, ман барои шумо бепул гирифтам. Ман ба ӯ ташаккур гӯён ҷавоб додам, ки ба котибаи ман бигӯ. Агар аз пули билетҳо, ки ман пеши ӯ гузоштаам, чизе мондааст, ба ту иньом диҳад. Ҳо, корам бисёр, меравам гуфта гурехт.

Хуб, саломат бошед, тандуруст бошед ва бештару беҳтар ва солҳои дароз ба заҳматкашон хидмат кунед.

Бо салом ва эҳтиром Лоҳутӣ.

Илтимос бинависед, масъалаи колхоз чӣ хел иҷро будааст. Ин ҳамон колхози Қистакӯз нест?

Мебинед, домулло. Ман дар хати лотинӣ шогирди Холидаҷон ҳастам.

Холидаҷон, Камолҷон, Лутфияҷон, салом!

Дар орзуи дидори шумо амакатон
Лоҳутӣ.

28

Аз Самарқанд ба Москва,
25 маи 1938

Рафиқи шафиқ, мӯхтарам Лоҳутӣ!

Салом!

Мактуби 17 май ба пӯчта супурдаатонро 23 моҳи мазкур гирифтам, бисёр мамнун ва хурсандам, ки зуд ҷавоб навиштаед. Маънии мисоли зиндаатонро тамоман фаҳмидам, айни мулоқот шарҳ хоҳам дод.

Пеш аз он, ки ба хоҳиши шумо ҷавоб диҳам, як нуктаи мактуби пештараамро мехоҳам шарҳ диҳам, зеро аз мактуби шумо маълум шуд, ки ин фикра дар он ҷо мубҳам ва нофаҳмо рафтааст, сабаби ин он аст, ки ман он мактубро дар ҳолати беморӣ навишта будам: дар он мактуб ба ҳамин мазмун "як кас дар маҷлисе, ки шумо иштирок доштед, ба ман ҳуҷум карда

будааст, ба хатои худ дар маҷлиси умумӣ иқрор кард..." чизе набуд.

Шарҳи ин он аст, ки шумо дар вақте, ки дар Тошканд будед, Союзи Нависандагони Ӯзбекистон як пленум ҷеғ зад. Дар он пленум Валӣ Карим ном аз Самарқанд рафт. Ин одам, яке аз нависандагони он мақолаҳои бесарубун буд, дар пленум дар баромади худ дар болои ман истода баъзе чизҳои нописанд гуфтааст. Инро ман аз ҳисоботе, ки аз он пленум дар газетаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" бо имзои "Солеҳ Исмоилзода" баромад, фаҳмидам. Ана ҳамин Валӣ Каримуф дар маҷлиси умумии рӯзи матбуот дар Самарқанд ба сухан баромада, ноҳақ будани ҳуҷумҳои ба ман кардаашро иқрор кард. Ман хостам, ин воқеаро (яъне ба хатои худ иқрор кардани Валӣ Каримро) мухтасар нависам. Аммо ба ҷое, ки "дар пленуме, ки шумо иштирок доштед..., нависам, бинобар бедиққатии беморӣ "дар маҷлисе, ки шумо иштирок доштед..." навиштаам. Аммо дар ҳақиқат ба ман маълум набуд, ки дар вақти баромади Валӣ Карим шумо дар маҷлис будед ё не?

Ман гумон мекунам, ки бо ин қадар, ин нуктаро эзоҳ дода тавонистам.

Аммо масъалаи мудофиаи шуморо дар бораи худ дар Сталинобод, ҳатто дар баъзе маҷлисҳои хусусӣ дилсӯзиҳои аз ҳад зиёд кардаатонро шунида будам. Албатта ман ин нуктаро ба шумо нанавиштам, зеро ман ҳарчанд худро аз риё, нифоқ тамоман орӣ медонам, боз дар гуфтани некии касе ба рӯи ӯ як навъ бӯи "риё"-ро пай мебарам, бинобар ин он ва монанди он некиҳои шуморо шарм медорам, ки шахсан ба худи шумо нависам.

Масъалаи номи як колхузи Ленинобод ба ман ба ин тариқа маълум шуд: Дар наздикӣ яке аз рафиқон, ки аз Сталинобод омада будааст, пеши ман даромад. Ин дар вақте рост омад, ки бегуноҳии ман дар матбуот ва дар маҷлисҳои умумӣ эълон шуда буд. Ин рафиқ дар аснои ба ман дилдорӣ доданаш ба ҳамин мазмун гуфт: "Ин гуна иғвогариҳо танҳо дар ҳаққи шумо нашуд, дар наздикӣ дар ҳаққи рафиқ Лоҳутӣ ҳам як воқеа шуд. Чунон чи Раҳим Ҷалил аз Ленинобод ба Сталинобод омад, кӯча ва

театрро ба номи Лоҳутӣ дида гуфт: дар Ленинобод дар ҳаққи Лоҳутӣ магар ягон чизи иғвогарона паҳн шудааст, ки колхузи ба номи "Лоҳутӣ" бударо ба номи "Димитруф" гардонидаанд, аммо Раҳим Ҷалил ҳам надонистааст, ки чи гуна будааст ва дар куҷо будани он колхузро нагуфтааст. Фақат аз табдили номи колхуз ҳамин гуна ягон иғвогарӣ буданро ҳис кардааст.

Ин рафиқи нақлкунандаи ин хабар ҳам табиӣ чӣ будани иғвогариро ва дар куҷо будани он колхузро намедонад. Аммо худи ман аз рӯи таҷрибаҳои ба сари худам воқеъ шуда гумон мекунам, ки бояд ягон душман на рӯйрост, балки дар зери доман ба роҳбарони он колхуз дар ҳаққи шумо ягон хабари нописанд гуфта бошад ва он роҳбарон ҳам барои нишон додани "ҳушёрӣ" ва мудофиаи худ ба зудӣ, гумон меравад, ки ҳатто дар маҷлиси умумӣ, номи колхузашонро дигар карда бошанд.

Ба табдили номҳои колхузҳои баноми ман буда ҳам ҳамагӣ қариб ба ҳамин тариқа шуд. Акнун омадам ба болои сиҳҳатии худ: он бемории таҳлуканоке, ки дар мактуби аввалиам навишта будам, гузашт. Аммо харобии бадан, вайронӣ ва азоби беқувватии бадан ва дил, беиштиҳоӣ ва бадҳазмӣ боқӣ аст, бояд ҳаррӯза ҳаёти худро боэҳтиёт гузаронам. Корам ҳозир танҳо кор кардан бар болои луғат аст.

Дар ин миён баъзе мақолаҳо бо хоҳиши баъзе редаксияҳо навишта бошам ҳам, онҳо ба ҳисоби кор дохил намешаванд.

Бачагон дирӯз ба боғ кӯчиданд, худам дар хона танҳоам, фақат бегоҳонӣ соати 5 пеши бачагон рафта соати 9 бармегардам. Азбаски дар боғ хона нест, барои ман дар он ҷо хобидан мумкин нест, бачагон бошанд ҳатто дар айвон намехобанд, дар рӯи суфа... хобидан мегиранд.

Модари Холида бемор аст. Духтурҳо барои вай курортро лозим донистанд ва аз комиссия гузаронида хат доданд. Аммо ба даст даровардани путёвка мумкин наменамояд, хусусан дар ин шароит, ки пул ҳеҷ надорам.

Агар путёвка ба даст медаромад, ӯро мефиристодам ва Камолро барои дастёрӣ ба вай ҳамроҳ мекардам, охир Камол ҳам 12-сола шуд, дар як сола мактаби русӣ қадаре забони русиро ҳам омӯхт, ба қавли худан "об карда хурд".

Аммо худам имсол хаёлоти курорт надорам, аз як тараф ҳеҷ ҳавсала надорам, аз тарафи дигар шароити сафари ман бисёр душвор аст. Порсол, ки рафтам, Деҳотиро барои ёрмандӣ дар роҳ бо худ гирифта будам ва путёвкаи ӯро ҳам худам таҳия карда будам, имсол бошад ин гуна корҳо ба назарам наменамояд.

Бачагон ҳама гуфтан мумкин аст, ки саломатанд, ҳарчанд бинобар бепарвоӣ гоҳо як ду рӯз мехобанд, аммо асосан тандурустанд.

Аз ҷониби ман бачагонро бӯсед ва ба мӯҳтарам Бону салом расониданатонро хоҳишмандам.

Бо салом ва эҳтиром
***Айнӣ.* Самарқанд.**

Адреси ман:
Самарқанд, Ленинский район,
квартали Қӯрғонча, дом № 10.
Айнӣ.

29.

Аз Киев, Ирпен ба Самарқанд,
(9 июни 1938)

Рафиқи мӯҳтарам Айнӣ!

Дар мактуби 17 май ба таври қатъӣ хаёл накарда будам, ки аз хидмати худам ба шумо нависам.

Ман ин қадар медонам, ки якеро гуфтан, якеро фурӯхтан аст. Мақсуди ман ин буд, ки аз баъзе дурӯяҳо, ки мутлақо ба манфиати худи дурӯён аст, барҳазар бошед ва фиребгаронро бишиносед.

Мактуби 25 моҳи майи шумо маро хурсанд кард. Зеро, ки хабари саломатии шумо дар он дарҷ буд. Охир, шумо намедонед мактубҳои аз нохушии сиҳҳатии шумо мӯҳтавӣ чӣ қадар маро парешон мекард ва ба ҳаёти бачаҳотон мепечонд. Шукр, ки фарзандонатон саломат ҳастанд.

Ман ин хатро аз наздикии шаҳри Киев менависам. Барои чаҳор моҳ ба ин ҷо омадаем. Аз рӯзи вуруд сиҳҳатии бачаҳо ва худам

дуруст шуд, зеро ҳавояш бисёр хуб аст, хушку форам ва дар ҳар тараф ҷангали коҷ. Шубҳа нест, ки агар баъзе мулоҳизаҳо набуд, ба дурии роҳ нигоҳ накарда имсол ба боғҳои Самарқанд меомадем. Дар он ҷо, албатта, бачаҳои ман забони тоҷикиро, ки хуб мефаҳманд, гуфтан мегирифтанд.

Муаллими мӯҳтарам, як хоҳиш дорам: дар ҷавоби ҳамин хат ба ман бинависед, ки дар давраи амири Бухоро чанд хел нолугҳо (налог) аз деҳқон мегирифтанд, бо чӣ номе ва чӣ қадар. Сонӣ барои шариат чӣ мегирифтанд. Ҳамин тавр косибони шаҳрӣ... санъатгарон ва савдогарон чӣ молиётҳо медоданд. Умед аст, ки инро зудтар ба банда бинависед, чаро ки мехоҳам як асаре бинависам ва ин иттилоот барои он даркоранд. Ин хатро бо аҷала навишта мефиристам. Ба бачаҳо ҷудогона хат мефиристам. Ташаккур ба Холидаи азиз, ба Камоли бемисл ва Лутфияи ширин барои хату саломашон.

Аз Бону ва бачаҳо ба рафиқаатон ва бачаҳотон салом бирасонед. Мо ҳама аз касал будани модари Холида мутаассир ҳастем. Умед аст, ки ба зудӣ сиҳату саломат шаванд.

Бо салом ва эҳтиром
Лоҳутӣ.

Киев, Ирпен, Тургеневская, 6,
Лоҳутӣ.

30.

Аз Киев, Ирпен ба Самарқанд,
(июн-июли 1938)

Устоди мӯҳтарам Айнӣ! Дар хати охирини худатон як нукта навишта будед, ки худамро барои тавзеҳ додан маҷбур ҳис мекунам. Шумо навиштаед, ки "ба ин хат фаврӣ ҷавоб додед".

Фаврӣ ҷавоб додани ман сабабаш аҳле нест. Ман ба як қисмат аз хатҳои шумо фаврӣ ҷавоб додаам. Умуман баъзеро, ки дертар ҷавоб навиштаам, сабабаш ин буда, ки дар мазмуни онҳо мавзӯе

роҷеъ ба худи шумо будааст, ки мебоисти роҷеъ ба он музокира мекардам, сонӣ ҷавоб менавиштам. Ҳатто баъзе хатҳои шуморо ба русӣ тарҷума кунонда ба роҳбарони ҷамъияти нависандагон нишон дода, натиҷа гирифта, сонӣ ҷавоб навиштаам. Баъзе хатҳои шуморо баъд аз муроҷиат аз сафари дар Маскав гирифтаам ва ҳоказо. Ин хати охиринатонро дар рӯзи пеш аз ҳаракат баУкраина гирифтам. Мазмунаш аз ду қисмат иборат буда: 1) Ин ки корҳои шумо хуб ва сиҳатиатон дуруст шудааст. Ба фикри ман барои ҷавоб наиштан ба ин бо касе машварат кардан ё тарҷума кунонда ба рафиқони марбута нишон додан лозим набуд. Худам хушҳол шудам ва забонӣ ба рафиқон гуфтам. 2) Бинобар мазмуни хати шумо колхози ба номи Лоҳутиро ба номи дигаре кардаанд. Ин ҳам роҷеъ ба шахси ман буд. Барои ҷавоб навиштан ба ин машварат кардан бо касеро лозим надонистам ва ба шумо навиштам он чиро ақида доштам. Навиштам, ки як зарра мутаассир намешавам. Инро бигузор халқи тоҷик, роҳбаронашон, нависандаҳои бузургашон мисли шумо фикр кунанд, ки ин иғвогарии ду се нафар хулиган ба манфиати кист; Сабаби дигари "фаврӣ" ҷавоб навиштанам ин буд, ки рӯзи дигараш боис ҳаракат мекардам ва нахостам, ки сафар боиси нанавиштани ҷавоб ба шумо шавад. Дар зимни корҳое, ки бояд пеш аз сафар анҷом дода шаванд, инро ҳам иҷро кардам. Ҳамин тавр дониста бошед, устод, ман ҳеҷ як хати шуморо бе сабабе дер ҷавоб нагузоштам.

Ҳоло шумо ҷавоби хатеро, ки дар он аз шумо хоҳиш кардаам, ки ном ва шумораи нолуғҳои давраи амири Бухороро барои банда бинависед, зудтар марҳамат кунед ва бидонед, ки агар ҳам фаврӣ ҷавоб надиҳед, дар сари ман як зарра хаёл намеояд, ки шубҳа дар самимияти шумо кунам.

Ҳама аҳли хонаводаро аз тарафи банда ва оилаам салом бирасонед.

Бо салому эҳтиром
Лоҳутӣ.

Украина, Киев,
Ирпен, ул. Пушкина, 32,
Лаҳути.

31.

Аз Самарқанд ба Москва,
/2 июли 1938/

Мӯхтарам рафиқ Лохутӣ!

Мактуби аз наздикии Киев 9 июн ба пӯчта супурдаатон, 18 моҳи мазкур ба ман расида буд. Аммо бадбахтона ба ман вақте расид, ки 39 дараҷа таб доштам ва соат ба соат қай ва исҳол рӯй медод. Маълум мешавад, ки ин беморӣ барои ман музмин шудааст ва рафта-рафта муҷмалак хоҳад шуд. Бояд дар хотир дошта бошед, ки ман пештар ҳамеша барҷом менӯшидам, он барои ҳамин беморӣ буд. Он вақтҳо ин қадар сахт набуд. Акнун, ки пир шудаам ва асабҳо аз кор баромадаанд, қувваҳои мосика суст шудаанд, ин беморӣ хусусан имсол бисёр ба таври сахт мегирад. Ин дафъа аз дафъаи моҳи апрел сахттар гирифт ва дертар кашид. 15 июн бемор афтода 27(ум) ба таом тавре рухсат доданд, ки он ҳам оби гӯшти мурғ буд. Аз якуми июл тавонистам, ки қалам ба даст гирам. Ин аст, ки ҷавоби мактуби бо он ки ба тарзи аҷала мехостед, дер кашид ва хоҳишмандам, ки маъзур доред.

Акнун менависам ҷавобро:

Нолук ва андози амириро ба як рӯйхат навиштан хеле душвор аст, ба дараҷае, ки идораи амир бетартиб буд, нолуки амирӣ ҳам ҳамон қадар бетартиб буд.

Ба ҳукумати амирӣ ҳар кас бо ҳар роҳ, ҳатто бо роҳҳое, ки худи он кас намедонист, нолук медод. Бо ҳамаи ин бойҳо гӯё аз нолук озод буданд, муллоҳо тамоман озод буданд. Ҳарчанд ин ба таври қонун дар ҷое сабт наёфта буд, аммо ҳақиқат ҳамин буд.

Як бетартибии нолуки амирӣ ин буд, ки чунон ки дараҷаи бисёрӣ, камии он ба шахсҳои нолукгиранда вобаста буд, инчунин дар вилоятҳо ҳам тафовут мекард. Дар вилоят ва ҳар район, ки аз марказ, аз Бухоро дуртар буд, нолуки вай ҳамон қадар вазнинтар буд. Ин буд аҳволи умумии нолукгирӣ ва нолукдеҳӣ.

Акнун ба тафсилот дароем:

Дар шаҳри Бухоро майдаҳунармандон зоҳиран нолук намедоданд, аммо онҳо ҳар чизе, ки гирифта хӯранд ё нӯшанд,

дар зимни пули он нолук медоданд. Зеро майдасавдогарон, ки барои ин косибҳо ва ҳунармандон мол мерасонданд, ба амир ба номи закот ва аминона нолук медоданд.

Масалан, як майдасавдогари ба кисааш ҳазор танга андохта аз Бухоро ба Шаҳрисабз барои мавизхарӣ ё алочахарӣ мерафт. Ин савдогар, вақте ки ба Қаршӣ расид, омилони закот аз пули ӯ дуним фоиз, яъне аз ҳазор тангааш 25 танга ба номи закот мегирифтанд, ин савдогар вақте ки ба Ҳизор расид, боз ҳамин муомила такрор меёфт. Ба Шаҳрисабз ҳам боз як бор закот медод. Агар харидаш хуб нашуда ба Китоб равад, дар он ҷо ҳам нолук медод. Хулоса аз ҳазор танга қариб саду панҷоҳ тангаашро ба номи закот дар ин сафар медод.

Вақте, ки молро харида баргашт, боз ҳамин ҳол сар мешавад: дар Ҳизор як бор, дар Қаршӣ як бор, дар пеши шаҳри Бухоро як бор аз молаш ба ҳисоби дуним фоиз закот медод. Вақте ки ба шаҳр даромад, ба номи аминона боз яку ним фоиз нолук медод. Дар вақти фурӯш ба номи тагҷоӣ (иҷораи бозор(боз намедонам чанд пул медод. Ҳамаи он намудҳо ба сари он мол, мавиз ва алоча (масалан) зам мешуд. Вақте, ки майдаҳунарманд ин молро барои сарф кардан мехарид, ин нолукҳоро зимнан ӯ медод. Вақте, ки аз як оила як одам бимирад, қозӣ одам фиристода моли ӯро тарака мекард. Дар тарака кардани моли мурда як сӯма чизро даҳ сӯм ҳисоб мекарданд ва аз рӯи ин ҳисоб аз ҳар ҳазор танга 5 танга нолуг мегирифтанд ва аз ғайри ин одамони қозӣ "хизматона" ҳам мегирифтанд.

Боз як нолуг харҷи қозихона буд. Ҳар сол бар сари ҳар кас бо роҳҳои гуногун даъво мебаровардаанд. Масалан, касе бо иғвои касе, бештарин бо иғвои одамони ҳукумат даҳ ҳазор танга даъво мекард. Ин даъво моҳҳо кашол меёфт. Дар ин моҳҳо ҳар рӯз ба дари қозихона пул харҷ мешуд.

Оқибат ҷанҷол маҷҷонӣ иброҳ мегардид, лекин дар хатти иброҳ аз рӯи маҳзари муддаиюналайҳ аз рӯи ҳар ҳазор танга панҷ танга пул медод. Қозӣ ин ҷумла пулҳоро бе рӯйхат ва дафтар ҷамъ карда, ҳар сол ба амир ба қадре, ки дилаш хоҳад ё амир талаб дошта бошад, медод.

Қозии Бухоро аз ҳамин қабил пул ҳар сол ба амир қариб ним

миллийун сӯм пул медод.

Аммо дар ҳамин шаҳри Бухоро бойҳои калон ба ҳеҷ қозӣ ва амир нолук намедоданд, таракаи мурдаи онҳо ҳам ба чизе, ки худи эшон ба ризо ва рухсат медоданд, мегузашт.

Аммо аҳволи деҳқонҳо тоқатгудоз буд. Заминҳои атрофи Бухоро, яъне ҷойҳое, ки ба районҳои шаҳр дохил буд, чор қисм буд: мулки ҳур, мулки хироҷ ва мулки султонӣ ва авқоф. Замини мулки ҳур кам буд ва он ҳам ба дасти бойҳо буд ва нолук ҳам аз он заминҳо намегирифтанд. Мулки хироҷ ҳар сол миқдори муайян пул ва ғалла нолук медод (ин миқдор ҳар сол дигар мешуд) . Ин қисм замин хоҳ кишта шавад ва хоҳ кишта наашвад, нолук медод.

Замини мулки султонӣ, ки қисми бештарини заминҳо (қариб 81 фоизи заминҳо буд) расман аз ҳосилот аз даҳ чор, яъне 40 фоиз нолук медод. Аммо ҳақиқатан баъд аз додани тамоми ҳосил гоҳо аз подшоҳ деҳқон қарздор шуда мемонд. Зеро тахмини масоҳати замин ва тахмини миқдори ҳосил ба дасти одамони нолукчин ва амин буд, ки метавонистанд 5 ман ҳосилро даҳ ман ва як таноб заминро ду таноб тахмин кунанд (барои тафсилоти нолукгирӣ аз заминҳои амлок, маҳлака ва ваққоф хоҳишмандам, ки ба қисми дуввуми рӯмони "Ғуломон" муроҷиат кунед ва барои фаҳмидани закоти роҳҳо ба боби "Бозгашт"-и "Одина" муроҷиат кунед).

Авқоф ҳам, ки ба мадраса ва масҷидҳо, ба муллоҳо сарф мешуд, айнан мисли заминҳои маҳлака нолук медод.

Аз ғайри ин деҳқонон ба номи кафсан, доруға, мироб, арбоб, ҳақулло (ба имола) аз ҳосили худ медоданд, ки миқдори инҳо вобаста ба зӯрӣ ва бақувватии деҳқонон буд, яъне деҳкони бойтар камтар медод ва камбағал зиёдтар медод.

Харҷи қозихона ва таракаи деҳқонон нисбат ба аҳли шаҳр 5-6 чанд вазнинтар буд.

Илова ба ин деҳқон бо ин ки ҷӯйҳоро шахсан худаш кофта роҳҳои обро худаш таъмир мекард, ба номи пули ҳашар ва пули боқӣ ба подшоҳӣ нолук медод. (Миқдори ин нолук вобаста ба ҳиммати мироб ва амин буд, ки дар ҳар таноб замин аз даҳ танга то 50 танга меафтод). Ин ҳол дар атрофи Бухоро буд, аммо дар

Қаршӣ аз ин вазнинтар, дар Шаҳрисабз боз вазнинтар, дар Чорҷӯй ва лабҳои Ому боз вазнинтар. Дар Тоҷикистони имрӯза, ки дар он вақтҳо Кӯҳистон меномиданд, аз ҳад зиёд вазнин буд.

Дар Тоҷикистон - Кӯҳистон деҳқонон бо ду-се чанд доданаш(он) нолукҳоеро, ки деҳқонони атрофи Бухоро медоданд, инҳо ба номи дастурхоншулӣ, уловпулӣ, амалдорпул, сарбозпул ва дигарҳо мол, хӯрокворӣ ва пул медоданд. Барои дастурхони ҳоким аз ҳар сар хона равған ва тухми мурғ мечиданд.

Барои кӯч додани арбоби ҳукумат ва сарбозҳо ба замми ин, ки хару асп медоданд, боз бо мол ва пули ба номи "уловпул" нолук медоданд. Ҳар қишлоқ барои амалдорони дар он қишлоқ буда чиз медод, муллоҳоро тамоман таъмин мекарданд. Замини муллоҳо ва амлокдорро бемузд кишта медоданд ва дигарҳо.

Рафиқи шафиқ!

Чунон ки дар боло гуфтам, тартиби нолуки амирро, ки ниҳоят бетартиб ва печ дар печ буд, ба як рӯйхат гирифтан қариб мумкин нест. Мумкин аст, ки инҳо ба тарзи ҳикоя дар зимни асарҳои адабӣ баён ёбад, барои инҳо боз як бор хонда дидани қисми дуввуми "Ғуломон" ва ду-се қисми аввали "Одина" ва саргузашти дар кӯҳистон гузаронидаи Одинаро хоҳишмандам.

Бо саломи рафиқона
Айнӣ.

Аз бачаҳо ба бачаҳо, аз худам ва оилаам ба мӯҳтарам Бону салом.

Айнӣ.

Мебахшед, ки ҳанӯз қуввати дуруст надорам, бинобар он қисми зиёд бадхон шуд.

Айнӣ.

Самарқанд,
квортоли Қӯрғонча, дом 10,
Айнӣ.

32.

Аз Киев ба Самарқанд,
25 июля 1938

Рафиқи мӯҳтарам салом!

Чанд рӯз буд барои кори зарурӣ (шахсӣ) ба Маскав рафта будам. Ҳоло баргашта хати шуморо дидам. Ҳам мамнун шудам, ҳам дилтанг. Мамнун аз гирифтани хат, дилтанг аз хабари бемории шумо. Бештар маро барои бачаҳоятон мутаассир мекунанд. Охир, ҳоло онҳо дар синне ҳастанд, ки тарбия ва таълими шуморо мустақиман ва ҳаррӯза лозим доранд. Ин касолатҳо ва бадбахтиҳо вақти шуморо мегирад. Ана ин таъсири сахт аст. Умед дорам то расидани хати ман сиҳат ва саломат шуда бошед. Беҳад муташаккирам аз масъалаи нолукҳои даврааи амир, ки навишта будед, махсусан дар ин ҳоли касал, авф кунед, домулло, ки заҳмат додам, Ман ҳам гирифтори муолиҷаи бачаҳо ҳастам. Имсол вақтам тамоман гум шуд. Ҳеҷ чиз навиштан натавонистам. Ҳамин масъала боиси зарар ба сиҳатам шуд. Хулоса, ин хатро фақат барои донистани сиҳати шумо ва бачаҳоятон менависам. Хоҳишмандам як ду сатр аз саломат будanатон бинависед, ки хурсанд шавам.

Рӯзи 20(?) июл ба Маскав меравем. Беҳтар аст, ки хатро ба адреси Маскав нависед.

Бо салом ва эҳтироми фаровон
Лоҳутӣ.

33.

Аз Самарқанд ба Москва,
3 августи 1938

Рафиқи шафиқ, Фозили мӯҳтарам Лоҳутӣ!

Мактубе, ки 25-уми июл аз Украина навишта будед, расида маро бисёр мамнун кард. Ман зиёда муташаккирам, ки шумо бисёр дар ҳаққи ман ва фарзандонам ғамхории самимона доред. Ҳоло иҷолатан сиҳатиам дуруст аст, лекин аз ҷараёни аҳволи баданиам маълум мешавад, ки чунон, ки дар мактуби пештараам

навишта будам (ин бемории меъдагӣ) қай ва исҳол дар ман музмин шудааст. Чунончи дар апрел гирифт ва сахт ҳам гирифт, дар май ғирифт, боз дар июн гирифт. Дар аввалҳои июл беҳтар шудам. Дар 20 июл гирифта то 25 давом кард. (лекин ин бор сусттар буд). Ҳоло ором аст ва ҳол он ки ман дар парҳез камоли эҳтиётро ба кор мебарам. Зардолу, ки имсол дар Самарқанд хеле хуб шуд, ҳеҷ нахӯрдам. Ҳоло мавсими харбуза аст, аммо ман намехӯрам. Дар таом ҳамеша сухорӣ ва франсузки булка ба кор мебарам, бештарин оби шӯрбои мурғ ба кор мебарам.

Ҷурғот-мост, ки беҳтарин чизҳост, барои сиҳҳати ман, деҳқонӣ кардам, яъне гов нигоҳ доштам. Агар дар ин програмҳо халале воқеъ шавад, албатта тамоман хароб мешавам.

Аз рӯи тавсияатон ҳоло ба ҳамин қадар навиштан қаноат кардам.

Ба рафиқаи мӯҳтарам Бону саломи самимона расида бод, бачагонро ягон-ягон мебӯсам.

Бачагонам саломатанд, модари Холида имсол қасди курорт дорад, комиссияи тиббӣ ба Сочи таъин кард. Союзи Наивсандагони Советии Ӯзбекистон мутасаддӣ шуд, ки барои 20-октябр аз Сочи путёвка таҳия кунад.

Агар путёвка тайёр шавад ва касе ҳам ёфт нашавад, ки ба ӯ ҳамроҳӣ намояд, эҳтимол худам то Маскав биравам, ба поезди Сочи шинонда баргардам.

Бо саломи самимии рафиқона
Айнӣ

Самарқанд,
квортоли Қӯрғонча дом номир - 10
Айнӣ.

34

Аз Москва ба Самарқанд,
25 августи 1938

Фозили мӯҳтарам рафиқ Айнӣ!

Хати охирини шуморо дар Маскав гирифтам. Рӯзи 21 моҳ бо

ҳама оила ба Маскав баргаштам. Дар ин ҷо рафиқ Қурбонуф хоҳиш карданд, ки ба Сталин (обод) рафта чанд вақте кӯмак кунам. Бошад, ки бо шумо биравам (Агар худи шумо розӣ бошед, яъне бароятон имконият дошта бошад). Ман ба ӯ ваъда додам, ки ба Самарқанд рафта, дар будани имконият бо рафиқ Айнӣ ҳамроҳ меоем. Дар ҳар ҳол ба хидмати шумо омадан мутобиқи орзуи худи ман аст. Агар сиҳҳататон иҷозат надиҳад ба рафтан, зиёрати шумо барои ман хурсандиест.

Фақат мехостам ба ман бинависед, ки чӣ вақт омадан беҳтар аст. Мутобиқи хати шумо ман гумон кардам, ки ҳамин рӯзҳо бо рафиқаатон ба Маскав, албатта, ба хонаи бародаратон меоед. Бону бисёр шод шуда буд, ки модари Холидаро пас аз чанд сол боз ҳам мебинад. Аммо афсӯс, ки ҳеҷ кас намедонад шумо омадаед ё не? Дар ҳар ҳол агар омаданӣ шавед телегром фиристонед, ки пешвоз кунем ва ба хонаи мо фароед. Шумо дар хати худ аз иродаи ман нисбат ба худ ва бачаҳоятон изҳори самимият кардаед.

Охир, домуллоҷон, аз одамҳои дунёи кӯҳна, ки ҳама кӯчаву паскӯчаи он оламро шахсан дида ва медонанд ва ҳоло дар зиндагӣ ва хидмат ба дунёи нав муваффақият пайдо кардааст ва шарафи иштирок дар сохтмони ҳаёти сусиёлизм ба ӯ додаанд, фақат мо дуто, охир, бошарафона пеш рафта истодаем.

(Аз адабиётчиён ва нависандагон).

Пас чӣ тавр мешавад, ки мо нисбат ба якдигар бад шавем, ё беиродат бошем ва ин вақте мешавад, ки яке аз мо нисбат ба сусиёлизм носамимӣ шавем, ин ки барои ман мумкин нест, ҳамин ақидаро дар ҳаққи шумо ҳам дорам.

Охир, инсоф диҳед, барои фаҳмондани як қисмат аз ҳаёти кӯҳна мо бояд барои ҷавонон чанд китоб нависем, аммо ҳар нигоҳи мо ба якдигар ҳазор тӯмори зиндагонии гузаштаро дар пеши ҷаҳониён боз карда, нишон дода мегузарад. Ҳаёти навро ҳам, ки зери роҳбарии партияи Ленин-Сталин бо якдигар тай мекунем, пас чаро беиродат бошем ва на ин ҷиноятро мо намекунем. Инро дунёпарастон ва манфиатдӯстон кунанд. Мо бояд то охирин нафас таҷрибаҳои гузаштаро барои насли нав ба шакли адабиёт нишон диҳем. Мо бояд ба фарзандони давраи

сусиёлизм, ки бачаҳои худи мо ҳам бо онҳо ва мисли онҳо бузург мешаванд, самимона хидмат кунем. Агар ҳар ду ҳамин тавр фикр бикунем, пас иродаамон содиқ ва комил аст.

Ман ҳатто ба касоне, ки тамоман ва аз тайи дил ба сусиёлизм самимӣ набуданд, аммо агар илму қувваи адабии онҳоро мумкин буд ба ҷомиаи шӯроӣ манфиат расонд, ҳамроҳӣ мекардам ва пушаймон ҳам нестам.

Мо медонем, ки деҳқонони бофаҳм барои пурҳосил кардани киштзори худ ҳатто аз фазилаи одамӣ ва ҳайвонҳо истифода мекунанд. Ин нисбат ба касонест, ки чунон ки муаррифӣ кардам, комилан ва ё аслан дӯсти сусиёлизм набуданд, вале истифода додан(?) метавонистанд. Шумо, ки бо асарҳои худ ин қадар хидматҳои содиқона ба халқи советӣ кардаед, сазовори беиродатӣ аз тарафи тарафдорони совет нестед.

Бо салом ва иродат
Лоҳутӣ.

35.

Аз Самарқанд ба Москва
4 сентябри 1938

Мӯҳтарам рафик Лоҳутӣ!

Мактуби муҳаббатуслуби 25-август навиштаатон 3 сентябр расид. Баёни ақидае, ки нисбат ба муносибат бо мардум ва аз ин ҷумла байни худ ва ман кардаед, тамоман мувофиқи воқеъ ва дар ин зимн мувофиқи ақидаи ман аст. Аз вақҳи ба Маскав рафтани рафиқаи ман ва мушояат кардани ман ӯро бошад, ин мавқуф ба роҳномаи курорт аст. Союзи Нависандагони Ӯзбекистон мутасаддӣ шуда буд, ки барои 20 ӯктабр барои рафиқаам путёвка диҳад. Агар ин ваъда ба амал ояд, бояд путёвкаро то сари ӯктабр бар ман расонанд. Баъд аз ин маълум мешавад, ки ӯро худам мушояат мекунам, ё ба ягон каси рафтагори он тараф ҳамроҳ карда мефиристонам. Рафтани худам (ҳарчанд то Маскав ҳам бошад) ду душворӣ дорад: якум ин ки вақте ки модарашон сафар кард, бачагон тамоман танҳо

мемонанд. Дуввум ин ки дар зимистон сафар ҷониби Маскав барои ман таҳлуканок аст. Ҳамаи инҳо ба шарти ба даст даровардани путёвка аст. Лекин ҳоло маълум нест, ки ваъда ба амал меояд ё не, зеро аз рӯи навиштаи "Правда Востока" маълум мешавад, ки кори Союзи Нависандагони Ӯзбекистон бесару бун меравад, дар ин ҳол маълум нест, ки сари савдои ман дошта бошанд.

Агар бар тақдире, ки то ҳол мерафтам ё ин ки баъд аз ин равам бе ҳеҷ даъвати шумо ва рафиқа Бону ҳам ба шумо бо телегроф хабар медодам ва хабар хоҳам дод.

Ҳамин рӯзҳо аъзои оилаам тамоман ба боғчаанд, то сари ӯктабр он ҷо хоҳанд буд ва бачагон аз он ҷо ба мактаб рафта меоянд. (Боғча дар дохили худи шаҳр аст). Худам шахсан хонабонам. Азбаски соли гузашта хона бе ремонт монда буд, ҷои бисёриаш рӯ ба харобӣ овард.

3 сентябр (рӯзи вуруди мактуби охирини шумо) ремонт сар кардам. Тахминан то 12 ҳамин моҳ тамом хоҳад шуд.

Аз вақҳи сафари шумо бошад ба тарафи мо ҳамин рӯзҳо мувофиқ аст (то омадани шумо ремонт ҳам тамом мешавад). Аз вақҳи ҳамроҳи шумо ба Сталинобод рафтани ман бошад, ин яке аз матлабҳои асосии ман аст.

Агар ремонт тамом шавад ва касеро ёфта посбонии хонаро ба вай супорам, барои ман монеии дигар наметонад, аммо агар ин сафар ба аввалҳои ӯктабр рост ояд, дар он сурат ҳеҷ монеъ нест.

Сафари шуморо ба тарафи мо дар сатрҳои боло барои аз баёни муддао берун ва дур нарафтан ба тарзи содда гуфта гузаштам, вагарна ин хабар муждае буд, ки ҳамаи аъзои оилаи моро (албатта сари оила худам) ба вақд овард. Агар ихтиёрро ба дилҳо монем, ҳеҷ гоҳ "ин вақт мувофиқ аст", ё "он вақт мувофиқ" намегӯянд, балки "ҳарчи зудтар аст, беҳтар аст", мегӯянд. Вақте ки ман мактуби шуморо бегоҳии 3-ми сентабр ба дасти аъзои оила барои хонданашон дода, баъд аз хондан "кадом вақт муносиб аст?" гуфта пурсидам: Ҳама якборагӣ "ҳамин ҳоло ҳамин соат хуб аст" гуфтанд дар ҷавоб. Аммо баъд аз қадре ором гирифтани ҳолати вақҳ ва шодӣ, Холида гуфт: "Ба фикри ман аввалҳои ӯктабр муносиб аст, зеро то он вақт мо ҳам ба шаҳр мекӯчем ва бисёртар

шарафёби ҳузур мешавем". (Ин фиқраи охирин таъбири ман аст, аз забони Холида таъбири худи ӯ "ҳамаҳомо бисёртар мебинем ва бисёртар гапҳошонро мешунавем" буд). Холида пеш аз мактаб рафтанаш, дар вақтҳои шашсолагиаш аз модараш алифбои арабиро қадре омӯхта буд. Баъд аз он гоҳ-гоҳ хатҳои арабиро аз назар гузаронида саводи арабиашро қадре пеш бурдааст. Ҳоло хатҳои чопагии арабиро мехонад. Порчаеро, ки шумо дар вай номи ӯ ва бародаронашро навишта дар даруни мактуб монда будед ва хусусан он порчаро хеле хоно ва гӯё ҳам навишта будед, худаш хонда тавонист. Ин ҳолат шодӣ бар шодии вай афзуд.

Ҳоло Холида ва бародаронаш дар мактаби русӣ мехонанд, Лутфияро ҳам дар боғчаи бачагонаи русӣ додам. Навиштаи конверт захми қалами русии Холида аст. Ман дигар барои адреснависонӣ одамковӣ намекунам. Телегрофи соддаро ҳам метавонад нависад. Баъд аз як-ду сол (агар зинда бошам) барои мактубҳои русӣ ҳам ба одамони беруна мӯҳтоҷ нахоҳам шуд.

Мунтазири сафар ва вуруди шумо ба Самарқанд.

Бо салом ва самимияти рафиқона:
Айнӣ.

Адреси ман:
Самарқанд,
квортоли Қӯрғонча, дом номир 10
Айнӣ

(Адресро хеле кӯтоҳ кардам).

Албатта рӯзи сафари худро ба тарафи Самарқанд бо телегроф ба ман хабар хоҳед дод.

А.

36.

Аз Москва ба Самарқанд,
/5 декабри 1938/

Рафиқи азизи мӯҳтарам устод Айнӣ! Хати шуморо гирифта, аз меҳрубониатон бисёр хурсанд ва аз муждаи сиҳат

саломатиатон хеле шод шудам. Дина чоруми декабр аввалин рӯзе буд, ки бетабу бе дарди дил ба сар бурдам. Дар ҳамин рӯз хати шумо расид. Ман ҳоло дарди дилро мудаво карда бошам ҳам, тамоман сиҳат шудам гуфтан мумкин нест. Чӣ бояд кард? Ҳадяи дӯстонаи Тоҷикистонро бояд қабул кунам. Ҳоло ман ба давом додани пъеса ва навиштани сенария сар кардам. Аммо ҳанӯз ба ин кор гарм нашудаам. Дар муддати беморӣ табиист майна хаста шудааст. Бачаҳо ҳам бемор буданд. Ҳоло фақат Гевак каме сармо задагӣ дорад. Боқӣ сиҳат шуданд. Дар Сталинобод ба воситаи гирифториҳои фикр ба беморӣ ғафлати калоне аз ман сар зад, ки китоби худро ба шумо тақдим накардам. Ҳоло як ҷилд ёфта ба шумо мефиристам. Умед аст, ки онро қабул кунед.

Ба азизони меҳрубон Холидаҷон, Камоли некӯхисол ва Лутфияи маҳбуба саломи амакашро бирасонед. Ба хидмати модараш аз тарафи Бону саломи дуру дароз бирасонед.

Бо салом ва эҳтироми дӯстона
Лоҳутӣ.

37.

Аз Москва ба Самарқанд,
(28 декабри) 1938

Рафиқи мӯҳтарам салом! Дирӯз 27 моҳи декабр дар идораи ҷамъияти нависандаҳо фаҳмидам, ки билети аъзоии шуморо ҳанӯз бароятон нафиристодаанд. Кофта ёфтам. Имзои М.Горкийро дорад. Билети рақами 7. Аз тарафи шумо имзо карда онро гирифтам. Намедонам чӣ кор кунам? Агар бо телегроф иъҷоза диҳед, онро ба А.Деҳотӣ медиҳам, ки барои шумо биоварад. Бо имзои Горкий билет доштан шараф аст.

Ман як шеър (мисраъ-138) навиштам. Як нусхаи онро ба рафиқ Деҳотӣ барои шумо мефиристам. Истидъо дорам, ки фикри худро дар он бора ба банда бинависед. Бисёр мамнун мешавам. Сиҳатиам беҳтар шуда истодааст, аммо бачаҳо боз ҳам касал шудаанд. Бемордорӣ вақти маро тамоман мегирад.

Ба фарзандони азиз салом бирасонед. Аз сиҳҳатии худатон бинависед. Хабар дошта бошам.

Бо салом ва эҳтиром
Лоҳутӣ.

38.

Аз Самарқанд ба Москва,
2 январи 1939

РАФИҚИ ШАФИҚ, МӮҲТАРАМ ЛОҲУТӢ!

Хати 24-декабр навиштаатон якуми январ гирифтам, мисли ҳамешагӣ дар ин мактуб ҳам аз аҳволи сиҳҳатии ман дилҷӯй ва ба бозгардонидани сиҳатии ман бо тақдими таҳияи путёвкаи курорт ғамхорӣ кардаед, ки бағоят миннатдорам.

Дар бораи бемории охирии ман, ки дар Сталинобод рӯй дода буд, дарёфти духтурони Самарқанд тамоман дуруст баромад. Ҳақиқатан ман грипп шуда будаам. Баъд аз хонанишинии дуру дароз - тахминан чиҳил рӯз, озори по гуфта мешавад, ки тамоман зоил шуд, аммо бо андак шамол ба зудӣ зукоме сар мешавад. Акнун ман ба ҳамин қарор омадам, ки дар айёми зимистон ва намигариҳои ҳаво ҳеҷ аз хона набароям, дар он вақт ман аз грипп эмин мемонам. Фақат эҳтиёҷи зиндагӣ маҷбур мекунад, ки ҳеҷ набошад, ҳафтае як ё ду бор берун равам, дар он вақт фавран хориши гулӯ, сурфа ва обоӣ аз димоғ сар мешавад.

Дар аснои хонанишиниам - яъне дар вақти омадани мактуби аввалинатон ва девони ёдгорӣ ба бемории одии исҳол гирифтор будам, ҳамон сабаб шуд, ки ҷавобнависӣ ба он хат ва ташаккур ба ёдгорӣ дер монд. Аз ин ҷиҳат узр мехоҳам.

Ёдгории шумо монанди ҳарвақта барои ман пурбаҳост. Махсусан ин ёдгорӣ боз ҳам пурбаҳотар ва шодиоварандатар шуда, на танҳо ба ман, балки ба Холида ҳам. Сабаби ин он аст, ки ман як нусха аз девони шуморо аз магазини Тоҷиккитоб дар Сталинобод ба даст дароварда будам. Вақте ки Самарқанд омадам, Холида аз ман талаб кард, ки он нусхаро тамоман ба ӯ диҳам. Аммо ман ба истифодаи муваққатиаш рухсат додам ва

тамоман ба ӯ доданро қабул накардам. Албатта ӯ хафа шуд, лекин чора набуд, зеро тирожи ин китобро чунон кам кардаанд, ки бо вуҷуди байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар бораи мубодилаи нашриёти худҳошон муомила будан, Тоҷиккитоб натавонистааст, ки лоақал даҳ нусха аз китоб ба Самарқанд фиристонад. (Ин аст, ки тоҷикзабонони Самарқанд ҳам то ҳол аз ин китоб маҳруманд ва ҳол он ки талабагони ӯзбеки шӯъбаи адабиёти дорулфununи Самарқанд ҳам ҳар кадом мехоҳанд аз ин китоб нусхае дошта бошанд). Вақте ки нусхаи ёдгорӣ ба ман расид: ман тавонистам, ки он нусхаи аз Сталинобод ба даст даровардаамро тамоман ба Холида бахшам, аз ин ҷиҳат такрор ташаккур менамоям.

Барои ман, албатта, курорт лозим аст, лекин масъалаи вақт ва фурсат монеъ аст, ман ба Тоҷигиз як дуговор бастаам, ки бояд то сари май тайёр карда диҳам. Бо кумитети юбилеии Навоии Ӯзбекистон ду дуговор бастаам, ки вақти тамом кардани кор дар ӯктабр ва ноябр аст.

Кори Навоӣ чунон аст, ки бояд ман дуру дароз мутолиа кунам. Масалан, дар натиҷаи мутолиаи шабонарӯзӣ ниҳояташ як сафҳа материал ғундорам ва баъд аз ҷамъ шудани материалҳо онҳоро ба шакли китоб нависам. Зеро (чунон ки медонед) манбаъҳои шарқи ҳамагӣ китобҳои бефеҳристанд, баъд аз хондани саҳифаҳо нохост ба як ҷумла вохӯрда мешавад, ки гирифтани он даркор аст. Бинобар ин аз ваҷҳи курорт ба ҳамин қарор омадам, ки баъд аз ба роҳ мондани корҳои дар даст доштаам, агар фурсати муносибе ба назар намоянд, аз ин ваҷҳ менависам.

Барои модари Холида Союзи Нависандагони Ӯзбекистон апрели соли 1939 як путёвкаи Сочи бо харҷи роҳ ваъда кардааст, агар ин ваъда ба амал ояд, ӯро бояд дар моҳи апрел фиристонам.

Мушкилии кор дар ин ҷост, ки ӯ ҳам ғайр аз моҳи апрел дар дигар вақт рафта наметавонад, зеро дар миёнаи моҳи мой вақти боғкӯчии бачагон мерасад. Ман ки боғ рафта ба бачагон нигоҳубин карда наметавонам, ӯ бояд доимӣ дар боғ бошад. Аммо дар вақти дар шаҳр будани бачагон назорати ман ба онҳо осонтар аст. Азбаски зимистон сафар душвор аст, моҳи аплелро муқаррар кардам. Аммо дар он вақт путёвка дар даст медарояд ё

не ин масъалаи толеъ аст.

Имсол дар Самарқанд сармои сахт нашуд ва барфи бисёр наборид. Дар рӯзҳои мо дар Сталинобод будан, каме барф борида, сармо ба даҳ дараҷа расида будааст, баъд аз он дар рӯи ҳавлӣ сардӣ шабона як-ду дараҷа ва рӯзона гармӣ 4-5 дараҷа шуда истодааст. Танҳо дар 21-22 декабр сармо ба 7 дараҷа расида буд, дар 30-31 декабр барф борид, аммо хунук нашуд. Ҳоло ду рӯз аст, ки монанди баҳорон борони сел меборад. Гармии рӯи ҳавлӣ 5 дараҷа аст. Ҳамин вақт ки соати 4-саҳарии дуввуми январ асту ман ин хатро навишта истодаам, осмон аз шишаи дар бо порчаҳои абри сиёҳ ва сурху сафед мулавван менамояд ва борон ҳам дақиқа дар миён меборад ва меистад. Гумон мекунам, ки моҳи апрел аст.

Ба мӯҳтарам Бону аз худам ва аз модари бачагон салом. Бачагонро мебӯсам ва ба зудӣ сиҳат ёфтанашонро хоҳишмандам. Бачагони ман шукр, ки саломатанд, ҳоло таътили зимистонаашон сар шуд, аммо бо муаллими хусусӣ дар хона забони русӣ меомӯзанд.

Лутфия ба боғчаи бачагони русӣ давом дорад. Ӯ илова бар ин, ки дар боғча ҳарфҳои русӣ ва забони русиро кам-кам меомӯзад, дар хона ҳарфҳои тоҷикӣ ва ӯзбекиро ҳам аз ғайри таклифи касе худ ба худ омӯхта истодааст. Ҳоло алифбои тоҷикиро хонда метавонад. Аз газетаҳои ӯзбекӣ сарлавҳаҳои ҳарфи калонро хонда ва баъзан маъниашро ҳам мефаҳмад.

Аз ҳамаи бачагон ба амакашон салом.

Бо салом ва эҳтиром
Айнӣ

Квортоли Қӯрғонча, нумур 10,
Айнӣ.

Маълум мешавад, ки нам барои ман аз сармо музтар аст, ҳоло ки борон давом дорад, бо вуҷуди дар хона, дар пеши печка бо гармии 19 дараҷа нишастаам, зукоме сар шуд, аз димоғ зардоб омад.

А.

Аз Москва ба Самарқанд,
(9 январи 1939)

Рафиқи мӯҳтарам устод Айнӣ!

Гарчи ин хатро ду ҳафта аз соли нав гузашта мегирам, аммо мисоли "моҳиро ҳар вақт аз об гиред тоза аст"-ро дар назар гирифта, соли навро ба худатон ва тамоми оилаатон табрик мегӯям.

Имрӯз соати ду рафиқ Деҳотӣ бо телфун аз ман хоҳиш кард, ки ба ғазали:

Ёр аз дили ман хабар надорад,
Ё сӯзи дилам шарар надорад.

се байт илова кунам. Бастакор (композитор) талаб кардааст, ки ба ин шеър 6 мисраъ илова шавад. Баъд аз тамом кардани корҳои ҳаррӯза, бисёр кӯшиш кардам, ки хоҳиши Деҳотиро анҷом диҳам, нашуд. Ҳоло соати 5 вақте ки тамоман маъюс шуда машғули корҳои дигар шудам, се байти зерин "худ ба худ" омаданд. Дар ҳоли навиштани онҳо хати шуморо хондам (2-1) ва ин байтҳоро навиштан гирифтам. Намедонам меписандед ё не?

Ё васли ту қисмати башар нест,
Ё толеъи ман ҳунар надорад,
Ё ишқ хати амон ба ӯ дод,
Ё дил зи шарар ҳазар надорад.
Ё мӯниси сабри ман хазон шуд,
Ё нахли умед бар надорад.

Агар инҳоро лоиқ донед, он вақт мумкин аст ҳавсала пайдо шавад, ки як ғазал кунам.

Телегромми шуморо гирифтам. Пеш аз он китобчаро ба А.Деҳотӣ дода будам. Гарчи ӯ мегуфт, ки шумо китобча доред, гӯё ба ҳисоби Ӯзбекистон, аммо беҳтар, ки дуто дошта бошед.Дар ҳар ду имзои Максим Горкий. Ин шарафи музоаф аст. Аз сиҳат шуданатон хеле хурсандам. Албатта эҳтиёт кунед, ки сармо назанад. Ба рафиқони Ӯзбекистон раҳмат, ки масъалаи курорти шуморо таъин мекунанд. Агар натавонед, то вақт дер

нашудааст, бинависед, ки аз ин ҷо таъмин кунам.

Аҳволи ман бад нест. Гарчи ҳанӯз ба таври табиӣ намехобам. Шабе ду соат хоб асту бас.

Ин рӯзҳо як шеър ба номи "Достони гул" навиштам. Нусхаи онро рафиқ Деҳотӣ ба шумо нишон медиҳад. Хоҳишмандам, ки фикри худро дар бораи он ба ман бинависед.

Аз Бону ва бачаҳо ҳамаи шумоҳоро салом!

Дар орзуи сиҳату саломати и шумо
Лоҳутӣ.

40.

Аз Москва ба Самарқанд,
1 феврали 1039

Рафиқи мӯҳтарам Айнӣ!

Хати 22-январ навиштаатонро гирифтам. Беҳад мамнун шудам. Умед аст, ки то кунун Камоли азиз сиҳату саломат шуда бошад. Ғазалро, инак, тамом карда бароятон мефиристам. Дар ҳини тамом кардан чанд байтҳои дигар аз фикрам сар зад, ки онҳо муносиб ба мазмуни ин ғазал нестанд. Бинобар ин онҳоро барои ғазали дигар гузоштам.

Масалан:
Ё бози ситам ҳаво гирифтаст,
Ё тоири сидқ пар надорад.
Ё ҷинси вафо шудаст нобуд,
Ё ҷайби замона зар надорад.
Ё гӯши суханшунав намондаст,
Ё гуфтаи ман асар надорад.

Ба ҳама бачаҳо салом бирасонед. Махсусан ба модарашон салом.

Бо саломи фаровон
Лоҳутӣ.

41.

Аз Москва ба Самарқанд,
2 феврали 1939

Рафиқи мӯҳтарам! Аз шодӣ дар пӯст намеғунҷам. Ҷавонони шоири тоҷик бо нишонҳои давлатии шӯроӣ сарфароз шудаанд. Дирӯз як телеграф фиристодам ба номи худи онҳо. Имрӯз дилам ҳукм дорад, ки боз онҳоро табрик кунам. Фармони дилро (мисли ҳамеша) итоат кардам. Ин шараф барои ҳама адибон ва адабиёти тоҷик аст. Ростӣ, ки ба шодии онҳо бисёр шод ҳастам.

Як нусхаи нав аз ғазали навро мефиристам. Хоҳишмандам нусхаи пештар фиристодаамро ё пора кунед, ё пас бифиристед, ё мутобиқи ин нусха дуруст кунед.

Умедворам, ки нури чашми Камолҷон то расидани ин хат тамоман сиҳат шуда бошад. Ба духтараки азизам, бародарзодаам Холидаҷон, ба Лутфияи меҳрубон ва Камолҷон салом бирасонед. Ба модарашон аз тарафи Бонуи ман салом ва эҳтиром.

Саломат ва муваффақ бошед.
Лоҳутӣ.

42.

Аз Самарқанд ба Москва,
11 феврали 1939

Рафиқи шафиқ, Лоҳутии меҳрубон!

Рафиқи мӯҳтарам, мактубҳо ва шеърҳои дар 2 феврал фиристодаатон расида, маро аз ҳад зиёд мамнун кард.

Шеърҳои шумо бо дастхатҳои худатон дар архиви ман будан ва барои таншиди хотир ҳамеша тайёр истодан (ашон) барои ман як фахр, як шараф ва як гавҳари гаронбаҳост.

Ҳарчанд баҳо додан ба шеърҳои шумо аз ғунҷоиши иқтидори ман берун аст, ба мазмуни "алмаъмур маъзур " амал намуда маҷбур шудам, ки нуқтаи назари худро баён кунам.

Достонҳо саъдиёна ва Камолиддини румиёнаи советӣ аст, ҳарчанд мо инҳоро аз ҷиҳати услуб саъдиёна ё ин ки румиёна

мегӯем, аз ҷиҳати мазмунҳои бикр - бериёёна мегӯям, ки онҳо ба гӯяндаи ин достонҳо нахоҳанд расид. "Шамъи бино" - ин унвон ва исботи ин унвон ба мисоли ҳаётии ҳақиқӣ дар фикри ҳеҷ классик нарасида буд.

Ё ин ки нишон додани образи боғбони пурасрори мо бо он ифодаҳое, ки тамоми муваффақиятҳои имрӯзаи моро дар бар мегиранд, аз иқтидори башарӣ берун аст.

Ин корро танҳо он башарӣ метавонад, ки аз мотореоли дигар сохтаанд. Рӯҳи раҳбари башариятро дар худ ҳулул кунонида тавониста бошад.

Ин нуктаро ҳам гӯям, ки таҷрибаҳои порсола ба мо нишон доданд, ки ҳарчанд ба тарзи символ аст, номи шахсҳои ҷудогонаро (ғайр аз он шахсе, ки мустасност) дар шеър овардан мувофиқ нест. Бинобар ин ман дар бастани достони гул ба номи "Михоэлс" мухолиф ҳастам, шояд он шахс ба ин кор ва ҳатто зиёдтар аз ин кор ҳам арзад. Лекин ҳар чӣ бошад шахс аст. Омадам ба ғазал. Мо дар шеърҳои шумо ғазалҳои равони ҳаяҷонбахшро бисёр хондаем,аммо аҳамияти хусусии ин ғазал дар он аст, ки бо тақлид кардани вазн, қофия ва услуб як ғазали тамоман мазмунҳои бикр суруда шудааст. Ин ғазали соддаи равони равонбахшро ҷуз "саҳли мумтанеъ" гуфтан дигар таъбире намеёбам.

Аммо ман аз баҳо додан ба байти охирини ин ғазал:

Ё чашми ту бо дилам рафиқ аст,
Ё шеъри сияҳ хатар надорад.
Ё бо дили хаста меҳрубон бош,
Ё ҷон биситон! Зарар надорад.

- оҷиз ҳастам.

Инро ҳам бояд бигӯям, ки

"Ё бар рухи ман намешавад боз,
Ё қалъаи бахт дар надорад", ҳарчанд аз ҷиҳати шеърият мисли ҳамқаторони худ дар пояи аълост ва ҳарчанд мутолиакунандагони холис мефаҳманд, ки гап дар бораи ишқ меравад, дар ин ғазал мувофиқ нест. Ин бояд дар қатори он байтҳое, ки барои ғазали ҷудогона мондаед, дароварда шавад. Ё ин ки дар ҷои калимаи "бахт" калимаи "васл" дароварда ба ин тариқа:

"Ё бар рухи ман намешавад боз,
Ё қалъаи васл дар надорад".

Хонда шавад. Ва инчунин ба хотири ман мегузарад, ки агар байти

"Ё тири ту бигзарад ниҳонӣ,
Ё синаи дил сипар надорад."

"Ё тири ту бигзарад ниҳонӣ
Ё синаи ман сипар надорад"

Мебуд, бо байтҳои болоии худ (бо таъбири тоҷикӣ) "бе ширеш мечаспид".

Пора кардани мусаввадаи аввалӣ ё тасҳеҳи он мувофиқи нусхаи покнависшудаи дуввумӣ (ки ин ҳам маъно ба пора кардан оид мешавад) ё пас фиристодани он ба ман таклиф шудааст.

Аммо ман наметавонам чизеро, ки бо дастхати шумо аз натоиҷи фикри худатон навишта шудааст, пора кунам. Ҳарчанд маҳфуз дар дасти худ нигоҳ доштани онро дил мехост, барои ба амал овардани таклиф, бар зидди хоҳиши дил (медонед, ки ин чи қадр душвор аст) пас фиристодам.

Камол дар 25 январ сиҳат ёфта, 26-ум тавонист ба мактаб равад, аммо модараш ба дардҳои гуногун гирифтор аст. Бачагони дигар ҳама саломатанд, худам дар рӯзҳои охир бемор нашудаам.

Хоҳиш дорам, ки бачагонро аз тарафи ман бӯсед. Ба мӯҳтарама Бону аз худам ва аз рафиқаам салом.

Бо саломи рафиқона:
Айнӣ.

Самарқанд,
Қӯрғонча, нумури 10.

43.

Аз Москва ба Самарқанд,
18 феврали 1939

Устоди азиз Айнӣ. Хати 2-ми моҳи февралиатонро дар санаторӣ гирифта, бо камоли шавқ хондам. Ҳамин рӯз ҳам ҷавоби онро менависам. Дар масъалаи ном набурдан дар шеър тамоман

дуруст мегӯед ва баъд аз ин номи ҳеҷ ҷунбандаро (номи муайяни як кас) дар шеър нахоҳам гуфт. Кӣ медонад номи паҳлавони имрӯза фардо ба чӣ ранг медарояд?

Дар масъалаи: "Ё қалъаи васл дар надорад", албатта, ин дуруст аст ва ман онро ба ҷо меовардам, агар: "Ё васли ту қисмати башар нест" намешуд.

Аммо дар бораи "Ё синаи дил сипар надорам".

Ба фикри ман "Синаи дил"-ро ҳеҷ кас то кунун нагуфтааст.

Ё гуфтаву ман хабар надорам

Ё гуфтаву дил хабар надорад.

Ин як байти навест, ки нахостам онро аз миён барам. Домуллоҷон, шумо медонед, ки дил азони шоир бошад ҳам, ҳамеша гӯянда онро мисли як шахси сонӣ дар муқобили худ гузошта бо ӯ гуфтугузор мекунад, шикоят мекунад, метарсад, гила мекунад...

Ё мисли як шахси сонии ғоиб бо ӯ муомила мекунад. Бинобар ин метавонад "надонад", ки тири ёраш ниҳонӣ андохта мешавад, ё "синаи дил", "шахси сонӣ" сипар надорад. Аммо синаи худашро шоир бояд бидонад, ки сипар дорад ё на. Инак, ҳамин ду масъала сабаб шуданд, ки "синаи дил" гуфтам. Агар ин арзҳо ба хидмати шумо маъқул афтад, он вақт он мисраъҳоро иваз намекунам. Як ғазал дар санаторӣ гуфтам. Баъд онро барои шумо мефиристам. Ҳоло соати 12 шаби 18-ум аст. Бачаҳоро салом бирасонед. Дасти шуморо мефишорам.

Бо саломи рафиқона
Лоҳутӣ.

Ҳоло, ки орзу доштаед хати банда муҷовири хидмати шумо бошад, онро пас мефиристам. Ҷояш дар пеши шумо гармтар хоҳад буд. Хуш ба ҳолаш!

44.

Аз Звенигород ба Самарқанд,
1 марти 1939

Рафиқи мӯҳтарам ва азиз Айнӣ!

Бачаҳои ман ҳама касал шуданд, бо модарашон табибон

гуфтанд, ки бояд берун аз шаҳр бираванд. Бо ин сабаб муолиҷа дар санатористо тарк карда, бо ҳамаи оила ба хонаи истироҳат омадаем. Имрӯз рӯзи чорум аст ва ҳама бачаҳо сиҳат шуданд. Ҳавои тоза ва покиза ба онҳо ҷон бахшид. Ин ҷо ду моҳ дар хонаи истироҳатии Академияи улуми СССР меистем. Имрӯз барои озмоиши табъ ғазале гуфтам. Онро ба ҳамин хат ба хидмати шумо мефиристам. Назария ва танқиди шумо барои ман пурқиматанд ва мунтазири он ҳастам. Аз рафиқа Бону ба модари мӯҳтарамаи Холидаҷон салом бирасонед. Ба нури чашмон Холида, Камол ва Лутфия саломи амакашонро бирасонед.

Бо салом ва эҳтироми фаровон
Лоҳутӣ.

Бо адреси хона агар хат кунед, барои ман мефиристанд. Хоҳари Бону он ҷо мондааст, ки дар мактаб мехонад.

Бо салом ва эҳтироми фаровон
Лоҳутӣ.

Устодҷон! Дар Эрон гар чизеро бо чизе иваз мекунанд, масалан, китобро бо дафтаре, соҳиби китоб метавонад бигӯяд: китоби ман аз дафтари ту пурқиматтар аст, як қалам "сар бидеҳ". Ман дар Тоҷикистон ба ин истилоҳ тасодуф накардам. Аммо хаёл мекунам, ки инро хонандагони тоҷик медонанд. Намедонам хаёли ман дуруст аст ё на? Агар надонанд, бояд дар ҷое, ки ин ғазалро чоп мекунанд, тавзеҳ бинависам.

Звенигород.

45.

Аз Звенигород ба Самарқанд,
6 марти 1939

Устодҷон! Мебахшед, ки мухтасар менависам. Ҳоло 39 дараҷаву ним таб дорам. Фақат мехостам, хоҳиш кунам, ки дар ғазали "Кораш ҳама ноз аст..." мисраи "Ҷон медиҳамаш дар ивази бӯсаву гуяд"-ро тамоман битарошед ё сиёҳ кунед ва ба ҷояш бинависед: "Ҷон дар ивази як нигаҳаш додаму гӯяд". Бахт

саркашӣ мекунад, ба хонаи истироҳат омадему ҳама касал шудем. Ҳамин дақиқа аз хонаи дигар (Ӯтоқи паҳлуи ман) садои гиряву нолаи писаракам Гевро мешунаваму дилам пора мешавад. Дар минёни мо як Бону сиҳат мондааст. Ӯ ҳам дар арафаи бемористон. Чандин шабест, ки намехобад ва бемордорӣ мекунад. Ба шумо ва оилаатон салом мерасонад. Бачаҳои азиз ва меҳрубонро аз ман салом гуфта бӯсед.

Бо салом ва эҳтиром
Лоҳутӣ.

46.

Аз Звенигород ба Самарқанд,
10 марти 1939

7 марти 1939, соати 4-5 субҳ. Бо 40 дараҷа табъ дар санотурий.

Чӣ дарди сахтею оташфишон табе дорам,
Саҳар намешавад асло, аҷаб шабе дорам!

Рафиқи мӯҳтарам Айнӣ, бешубҳа шумо бидуни тавзеҳи ман ҳис кардед, ки ин ғазал аз байти 2 шурӯъ шудааст. Сахтии ҳолатам дар он шаб аз мазмуни ин байт ҳам болотар буд. Ҳоло (рӯзи 10 феврали 1939) беҳтар шудам, 37,5 табъ дорам.

Хушбахтам, ки ман метавонам ба шумо ин хатчаро нависам. Фарзандони азизу модари мӯҳтарамашонро салом бирасонед.

Лоҳутӣ

47.

Аз Звенигород ба Самарқанд,
12 марти 1939

Ин ғазалро ҳам дар ҳамон шаби балоангези беморӣ гуфтаам. Ҳоло рӯзи 12-уми морт табам афтодааст. Ғазалҳои навро меписандед ё на! Заҳмати танқид дилатонро назад, ки? Агар ин тавр бошад, саломҳои мухлисонаи ман дар хидмати шумо узрхоҳӣ мекунанд.

Иродатманд
Лоҳутӣ.

48.

Аз Самарқанд ба Москва,
12 марти 1939

Рафиқи шафиқ ва дӯстдори меҳрубон Лоҳутӣ!

Мактубҳоятон дар вақти худ расиданд, аммо ман шарманда ҳастам, ки дар вақташ ҷавоб навиштан натавонистам, сабаби ин боз ҳамон беморӣ аст.

Имсол дар Самарқанд бар хилофи одати ҳарсола ва иқлимӣ зимистон гарм гузашт. Аммо баробари даромадани моҳи ҳут - 20 феврол), ки муқаддимаи баҳор аст, барфҳои пай дар пай боридан гирифт, дар рӯзҳои аввали бориш ҳаво онқадар сард нашуда бошад ҳам, рафта-рафта ба дараҷаи миёнаи зимистонҳои солҳои гузашта расид. Ин аст, ки ман бо вуҷуди камоли эҳтиёт, сармо хӯрдам ва илова бар ин касалии меъдагии одатӣ ҳам сар шуд. Ба ин сабаб ҷавобҳо дер монданд.

Ҳоло ҳам ҳаво, ҳам аҳволам рӯй ба беҳбудӣ оварданд, инак ҷавобҳоро якҷоя ба тарзи "ду ба як" (истилоҳи нонвойҳои ин ҷоҳо) ё ин ки "як ба ду" (истилоҳи худам) менависам.

Мактуби аввалинатон маро хеле парешон карда буд, чунки вайро аз санаторӣ навишта будед, маълум мешавад, ки бемор будаед, аммо дар мактуби дуввум аз истироҳати беруни шаҳр сиҳатии бачагон изҳори мамнуният кардаед, ба умеди ин ки худатон ҳам саломатии комил ёфта бошед, як дараҷа хотирҷамъ шудам. Дар мактуби аввал (18 феврол) байте, ки дар хусуси "Ё синаи дил сипар надорад", маслиҳат кардед, тамоман дуруст аст ва ин чунин байте ҳам, ки дар бораи "Ё қалъаи бахт дар надорад", гуфтед аз ҷиҳати тартиби ғазал риояи мисраи "Ё васли ту қисмати башар нест" дуруст аст. Лекин модоме, ки дар ин байт, дар ин ғазал ба сабаби шарҳи додаатон ба ҷои "бахт" "васл" гузоштан мумкин нест, ин байтро аз ин ғазал бароварда дар қатори он чанд байте, ки дар ин ғазал муносиб надида барои ғазали дигар кардан монда будед, даровардан муносиб менамояд. Албатта сабаби таклифи маро худатон медонед.

Мактуби якуми март навиштаатонро бо шоҳғазал бо ин

мактуби аз Звеногород фиристодаатон 8-уми моҳи морт гирифтам. Ин ғазал, ки ман мислашро аз ин пеш надидаам, маро девона кард. "Ин шеъри тару тоза зад оташ ба ниҳодам, Дар даҳр чунин оби шарарбор кӣ дидаст", ки ман дида бошам.Хусусан байти саввум - Ғайр аз дили ман шери ситамкаш кӣ шунидаст, Ҷуз чашми вай оҳуи ситамгор кӣ дидаст." - тамоман як эҷоз аст. Ситамкашии шерона ва ситамгарии оҳувона, ки ҳар дуи инҳо ҳам дида нашудаанд, муқобили якдигар афтода, аввалӣ ҳолати дили ошиқи шоирро ва дуввумӣ хусусияти чашми маъшуқи ӯро баён карда, як қиёмат барпо медоранд. Ин як қиёматест, ки пеш аз ин воқеъ нашудааст ва баъд аз ин воқеъ нашуданаш ҳам (мисли қиёмати динӣ) мумкин нест.

Чашмаш ба нигоҳи ғазаб аз ҳар тарафам тир,
Бар дил занад ин гуна тарафдор, кӣ дидаст.

Ин мазмуни бикр аст, ки то ҳол касе тасарруф накардааст ва натавонистааст, ки тасарруф кунад.

Акнун меоем ба сари матлаъи
Кораш ҳама, ноз аст чунин ёр кӣ дидаст,
Нозаш ҳама бо мост, чунин кор кӣ дидаст.

Ин ҳама чунон тоза, чунон мазмуни нав, чунон равон аст, ки сазовори болонишинӣ аст ва тамоман ҳақ дорад, ки дар ин ғазал матлаъ шавад. Аммо дар хотир чунин мерасад, ки дар мисраи дуввум агар ба ҷои "нозаш ҳама бо мост", "нозаш ҳама кор аст" мебуд, илова ба ин ки сар то пои матлаъ тардиди акси пурра мегардид, як тозагии дигар ҳам пайдо мекард, нози маҳбуби Лоҳутӣ ҳам бояд бар хилофи нози маҳбубони дигар - ҳама кор бошад.

Истилоҳи "сар бидеҳ"-ро дар миёнаи тоҷикон то ҳол ман нашунидаам, аммо дар ёд дорам, ки дар Бухоро ингуна муомила буд ва чизи иловашаванда як ном ҳам дошт, ки ғайр аз "сар бидеҳ" буд, лекин ҳарчанд фикр мекунам, он ном ба хотирам намерасад.

Дар ҳар ҳол дар вақти чоп эзоҳ додан даркор аст.

Бачагон ҳозир саломатанд, дар хондан давом доранд. Имсол русиро хеле омӯхтанд ва дарсҳояшонро дар забони русӣ мефаҳмонанд, ба амакашон арзи ихлос доранд.

Модари Холида дар як ҳол, яъне беморӣ. Намедонам Союзи

Нависандагони Ӯзбекистон дар хусуси путёвка ба ваъдааш вафо мекунад ё не?

Ба мӯҳтарам Бону аз ман ва аз рафиқаам саломи самимона.

Бо саломи самимона:

Айнӣ

Самарқанд, Қӯрғонча, 10

49.

Аз Самарқанд ба Москва
18 марти 1939

Рафиқи шафиқ ва мӯҳтарам Лоҳутӣ!

Ҳоло дар пеши ман се конверти шумо истодааст, ки ба ҳеҷ яки онҳо ҷавоб нанавиштаам. Мактубҳо аз ғазалҳое, ки бо ин конвертҳо бо вусули худ маро бахтиёр ва шарафёб карданд, дар айни замон дар изтироби пурпечу тоб ҳам андохтанд, зеро инҳо бемории мизоҷи шариф ва авлоди латифро хабар медоданд. Ман медонам: одами солаш ба эътидол расида дар вақте, ки бачагони хурдсол дошта бошад, бо бемории ҷисмонӣ чӣ қадар изтироби қалбӣ ҳам мекашад, хусусан, ки дар он вақт он бачагон ҳам бемор мешаванд.

Ин аст, ки қалби таҷрибадида ва ингуна бемориҳоро аз сари худ чанд бор гузаронида, музтариб мешавад. Қатъи назар аз он, ки шумо дараҷаи таби худро чиҳил навиштаед, нақши қалам ва мазмуни шеърҳо, хусусан шеъре, ки байти "Бемориву бедориву танҳоиву зулмат, Куштанд маро, эй шаби ҳиҷрон, саҳарат ку?" дар он аст, ки дараҷаи таби шуморо нишон медиҳад.

Ман аз он мактубе, ки дар вай ба кӯчидан ба Звенигород рӯ ба маҷбурӣ овардани худатон ва аъзои оилаатонро навишта будед, хеле хотирҷамъ будам, мутаассуф мактуби сонӣ боз шиддати бемориро нишон дод. Хуб аст чунон ки дар он ғазали беморӣ қайд кардаед, дараҷаи таб ба 37-ним фаромадааст, лекин ин дараҷа ҳам барои мову шумо таб асту таби сахт ҳам шуморида мешавад. Дар ин бояд фирефта нашуд, дар паи муолиҷа кӯшидан зарур аст. Муолиҷаи аввал ин аст, ки дар вақти беморӣ ва таб ҳарчанд, ки дараҷаи паст ва қариб ба эътидол бошад ҳам, ҳам

ҷисму ҳам димоғ осуда гузошта шавад.

Аз шеърҳо маълум мешавад, ки шумо димоғро аз вақти тандурустиатон бештар кор фармуда истодаед, бо ин ки худаш худ ба худ зиёд кор карда истодааст. Димоғро аз ин худрой нигаҳдорӣ кардан даркор аст, дуввум ҳамаи таҷрибаҳои чандсола нишон дод, ки ҳавои Маскав, хусусан дар айёми зимистон ва баҳор барои шумо созиш надорад. Дар ҳақиқат ҳам касе, ки як қисми муҳими умри худро дар тарафҳои ҷануб гузаронида бошад, сармои сахт, ҳавои сербориши беофтоб ӯро аз кор мебарорад. Бинобар ин се моҳи баҳорро, ки Маскав боз ҳам серборишtар ва намтар мешавад, бо оила ба Қрим кӯчида гузаронед. Албатта партия ва ҳукумат дар ин хусус ба шумо ёрмандии лозимиро хоҳад кард.

Дар оянда ҳам мувофиқи мавсим табдили макон карда истоданатон лозим аст.

Ман ҳоло дар таҳлили ғазалҳои охирӣ ва таассуроти аз онҳо гирифтаам, чизе намегӯям, фақат ҳаминро мегӯям, ки ғазали охири "Парвоз кун, эй мурғи вафо, болу парат ку...? вирди забон ва дилхоликуни ман гардид.

Умедорам, ки дар мактуби ояндаатон комилан сиҳат ёфтани худатон ва бачагонатонро хонам. "Ғунчагиҳоят насиби дидаи Бедил мабод, чашми он дорам, ки то бинам гулистон бинамат".

Бачагонро аз ҷониби ман бӯсед, ба мӯҳтарам Бону аз тарафи худам ва рафиқаам салом.

Бо саломи рафиқонаи самимӣ

Айнӣ

Самарқанд, Қӯрғонча, 10

50.

Аз Москва ба Самарқанд,
30 марти 1939

Рафиқи мӯҳтарам ва азиз, устод Айнӣ!

Хати 18-уми март навиштаатонро гирифта хондам ва мисли ҳамеша аз меҳрубонии шумо шоду мамнун шудам. Аз дер навиштани ҷавоб ё бечавоб гузоштани чанд хати ман мутлақо мутаассир нашавед. Бовар кунед, ки ман ба таври қатъӣ инро

фикр намекунам. Хатҳои мо ба якдигар мактубҳои расмии идора нестанд. Ҳар вақт бароятон мумкин аст (валав ин ки ҷавоби 10 хатро дар як хат) бинависед, ман хурсанд ҳастам. Аммо маънии ин гап нест, ки ман гӯё мунтазири хатҳои шумо нестам.

Ҳоло шаш рӯз аст, ки ҳама ба Маскав баргаштаем. Бачаҳо ҳанӯз тамоман сиҳат нашудаанд. Аммо қуввати моддӣ иҷозат надод, ки беш аз ин дар хонаи истироҳат монам. (ҳар моҳаш 5 ҳазор сӯм мешуд).

Баъд аз он ғазали охир, ки барои шумо фиристодам, фақат чанд байт гуфтаам. Омадан ба шаҳр, телфунҳо, талоши маош, беморӣ, бемордорӣ ба дари хонаи шеър қулф (ё қуфл) заданд. Ду рӯз пеш аз тарафи Литфунд омада ваъда доданд, ки ба зудӣ шурӯъ ба сохтани дача хоҳанд кард. Агар ин кор шавад, моҳоро наҷот медиҳад. Дар дача шурӯъ ба навиштан хоҳам кард.

Агар масъалаи дурии роҳ намешуд, бидуни шубҳа ба боғҳои Самарқанд мекӯчидем. Хушо ба ҳоли шумо, ки ҳар қадар ҳам сахт бошад (аз ҳайси идора кардан ва рафту омад ва ғайра) боз ҳам боғе дар наздики шаҳр доред, ки дар тобистонҳо бачаҳоятонро ба он ҷо мефиристед.

Хеле дилам мехоҳад, ки зудтар имконият ба даст омада, чунин мавзӯеро, ки дар назар дорам, бинависам.

Дар Маскав аз рӯзи 28-уми март ҳаво шурӯъ ба гарм шудан кардааст. Барфҳо дар ҳоли тамом шудан ҳастанд. Албатта Самарқанд гулистон аст. Баҳор ҳукмронӣ мекунад.

Бачаҳоро салом бирасонед. Аз Бону ва ман ба хидмати модарашон салом.

Бо саломи самимона
Лоҳутӣ.

51.

Аз Москва ба Самарқанд,
2 апрели 1939

Рафиқи мӯҳтарам ва азиз!

Шумо ғазали маро дар байти ширини худатон "оби шарарбор" номидаед ва бо ҳамин байт ба он " оби шарарбор" намак задаед. Ташаккур!...

Инак, барои шумо як шеъри нав мефиристам. Ин шеърро мешавад "Мубориза" ном дод. Чаро ки дар зимни гуфтани чандин ғазали шиква, рӯҳи мубориз онро эҷод кардааст.

Сиҳҳати худ ва бачаҳоям ру ба хубӣ мераванд. Таассуф дар ин аст, ки ҳанӯз як дача натавонистам ёбам, ки то вақти дуруст шудани дачаи худам дар он ҷо зиндагӣ кунам. Дар ҳар ҳол мекӯшам, ки ҷо биёбам.

Ин шеърро "ҳунар карда" покнавис кардам. Бештар навишта наметавонам. Бубахшед. Сиҳатии шуморо хоҳонам.

Ба бачаҳо ва хидмати модарашон аз тарафи мо салом гӯед.

Бо салом ва эҳтиром
Лоҳутӣ.

52.

Аз Самарқанд ба Москва,
6 апрели 1939

Дӯсти азиз, мӯҳтарам Лоҳутӣ!

Хати 30-март навиштаатонро ҳоло ҳозир гирифтам ва бар хилофи одати пештараам бе воситаи хонданам ба ҷавоб шурӯъ намудам, чунки ҳамин соат Тошканд рафта истодаам, агар ҳозир монад то баргашта омадан мемонад. Ин чанд рӯзи гузаштаро гоҳ гоҳ дар беморӣ, гоҳ дар нимбеморӣ гузаронидам. Дар ин миён кӯшиш кардам, ки Союзи Нависандагони Ӯзбекистон барои модари Холида як путёвка диҳад, охир хабар доданд, ки як путёвка, ки муддаташ аз 16-апрел то 15 мой аст, медиҳанд. Ман аз инҳо пурсидам, ки (бо телегроф) қимати путёвка ва харҷи роҳро кӣ медиҳад? Азбаски ман ба ин ҷавоб мунтазир набудам, як қадар пули иловагӣ таҳия карда будаму бас, дигар пул надоштам. Якбора дар паи пулёбӣ афтодам, албатта, дар ин гуна вақти танг пулёбӣ ба фурӯши асбоби хона мешавад. Ҳанӯз пул таҳия нашуда, як телегроф омад, ки агар пули путёвка бо перевод то 5 апрел нарасонед, союз 5-апрел путёвкаро мефурӯшад, (1 апрел). Ман кӯшиши худро боз ҳам суръатнок кардам ва дар дуввум пули путёвкаро, ки дар мактуб 1290 навишта буданд,

онро дар телегроф 1330 талаб карда буданд, рақами охириро перевод кардам. Билети роҳи оҳанро (албатта лар ин мавриди кампул вагони сахт) аз Самарқанд то Москав гирифтам, аз Самарқанд то Сочи билет набудааст). Шуфири ман, ки бачаи хубест, то Маскав ҳамроҳ мешавад ва баъд аз савор кардани холааш дар поезди Сочи баргашта меояд. Онҳо аз Самарқанд 8-апрел ба искори мебароянд ва ман ҳамин рӯз Тошканд рафта путёвкаро ба даст дароварда шаб аз Тошканд гузашта рафтани инҳо ба вакзоли Тошканд бароварда медиҳам.

Худам натавонистам, ки то Маскав равам, аввалаш ин ки Маскав ҳоло боришгарӣ аст, дуввум ин ки дар хона ва дар пеши бачагон касе нест.

Хулоса инҳо аз Самарқанд 8-апрел бо искори баромада, агар дар роҳ поезд намонад, 12 апрел ба Маскав медароянд. Умедворам, ки агар лозим шавад ёрӣ хоҳед расонд, хусусан ки модари Холида аз вакзоли Курски билет гирифта наметавонад ва шофир ҳам дар Маскав нобалад аст.

Ҳозир ба ҳамин қадар қаноат мекунам. Умедворам, ки дача ба зудӣ тайёр шавад ва бачагон ҳам ба зудӣ саломат ёбанд.

Бо саломи саммимӣ
Айнӣ.

Ба ҳама салом, Самарқанд.

53.

Аз Москва ба Самарқанд,
7 апрели 1939

Рафиқи мӯҳтарам! Дар яке аз хатҳо навишта будед, ки байти шикоятомези "Ё бар рухи ман намешавад боз, Ё Қалъаи бахт дар надорад"-ро ба ғазали дигар бигузорам. "Сабабро худатон ҳис мекунед" гуфта будед. Ман аз ин чунон фаҳмидам, ки шумо мегӯед мабодо мардум хаёл кунанд, ки Лоҳутӣ ба воситаи нагирифтани нишон ранҷидааст. Инро шумо дуруст фаҳмидаед ва аз ин насиҳататон муташаккирам. Аммо инро ҳам илова мекунам (на барои шахсан шумо), ки агар ман як зарра дар хаёли

нишон гирифтан буда ё ҳастам, ё аз ин нагирифтан ҳатто сояи хаёл ҳам ба сарам афтода бошад, бояд номамро аз дафтари одамҳо берун кунанд. Гирифтани нишон, албатта, шараф аст. Аммо фақат ба хотири гирифтани нишон кор кардан чандон шарафе надорад. Масъалаи дигаре аст худро муқобили тӯҳмат ва иғвои бешарафон мудофиа кардан. Шумо ин Туйғун ном шоири туркро мешиносед. Чандин сол пеш дар Сталинобод пеши ман омада хоҳиш кард, ки китоби шеъри ӯро бидиҳам ба тоҷикӣ тарҷума ва чоп кунанд. Ман гуфтам, ки агар мо барои тарҷума пул ёбем, китоби Максим Горкийро тарҷума мекунонем, на китоби туро. Эшон ранҷиданду рафтанд. Пас аз омадани ман ба Маскав (яъне баъди ду ё 3 моҳ) ба тавассути Ғанӣ Абдулло, Носируф ва ғайра китобашро ба тарҷумаи марҳум Мунзим чоп кунонда, пули бисёре гирифта буд. Акнун ин "болшевики дуоташа" (ба истилоҳи нонвойҳо) соли гузашта ариза додааст, ки ӯ (Туйғун) дар Душанбе бар зидди миллатчиҳо мубориза кард, аммо Лоҳутӣ Раҳим Ҳошимро аз Самарқанд ҳамроҳ оварда, бо зӯр котиби нависандаҳо кард. Лоҳутӣ бо Ғанӣ Абдулло, Носируф ва дигар душманони халқ гӯё ки дӯст буд. Коркунони онрӯзаи Союзи нависандаҳои СССР аҳдан ин хатро пинҳон карданд ва шӯҳрат додаанд, ки бар зидди Лоҳутӣ матриёлҳо ҳам ҳаст. Ман ба ин ҳарзагӯиҳо аҳамият намедиҳам-ку, аммо дигарон ё амалан ё ҳақиқатан аҳамият дод буданд. Фақат чанд рӯз пештар масъала ошкор шуд, (баъд аз маъӯзаи раф. Ждануф дар съезди партия) ки фақат аризаи Туйғун будааст. Табиист, ки собит кардани ин бӯҳтони бешарафона осон аст. Шумо ёдатон ҳаст рафиқ Айнӣ чӣ қадар ману шумо протест кардем, ки Раҳим Ҳошим котиб нашавад ва раф. Бройдо ҷиддан протести моро рад карда ва талаб кард, ки Раҳим котиб шавад. Дар зимни ҳамин кор ман аз Сталинобод рафтам ва то Бройдо секретори ЦК буд, дигар ба он ҷо барнагаштам. Ҳоло виз-визи ин пашаи беномус ду соли тамом маро азоб дод ва намедонистам, ки ин таъқиб ва бадрафторӣ аз куҷост. Ҳоло маълум шуд. Агар ҳамон рӯзе, ки ин аризаро гирифт, раҳбари онрӯзаи нависандаҳо онро ба маҷлис мегузошт, ҳақиқат ҳамон рӯз маълум мешуд. Аммо маслиҳати шахсии ӯ дар ин будааст, ки онро пинҳон кунанд ва шӯҳраташро олам

Дар ҳар ҳол ҳақиқат қавитар аз тӯҳмат аст. Бубахшед, ки нороҳат кардам.Ба дӯстон ва рафиқони азизамон Холида, Камол ва Лутфия салом мерасонем. Аз Бону ба хидмати модарашон салом.

Бо салом ва эҳтиром
Лоҳутӣ.

54.

Аз Самарқанд ба Москва,
18 апрели 1939

Рафиқи шафиқ ва мӯҳтарам Лоҳутӣ!

Мактуби 7-уми апрел навиштаатонро баъди аз Тошканд омаданам гирифта хондам ва имрӯз муваффақ шудам, ки ҷавоб нависам.

Маслиҳати ман дар бораи байти "Ё бар рухи ман намешавад боз" умуман буд. Дар он вақт на аз аризаи Туйғун ва на аз гапковии дигарон хабар надоштам. Лекин умуман медонам, ки ҳанӯз дар зеҳнияти як қисм одамон боқимондаҳои ахлоқи феодалӣ, буржуазӣ ва майдабуржуазӣ барқарор аст. Ҳанӯз дар масъалаҳои иҷтимоии асар нотавонбинии шахсии худро буруз медиҳанд ва ҳанӯз одамоне ҳастанд, ки шӯҳрати худро на ба кори худ, балки бо бадном кардани одамони машҳур таъмин карданӣ мешаванд. Сабаб он буд, ки ман он машваратро дода будам.

Аризаи Туйғун ва масъалаи Раҳим, чунон ки худ навиштаед, тӯҳмати маҳз аст. Шумо ва ман дар ин кор бисёр сахт муқобилат карда будем, аммо Бройдо ба сифати секретори сека (СК) гуфтаи худро карда буд. Агар зинда бошанд, Бройдо ва Раҳим Ҳошим ҳам, чизеро, ки ман ва шумо мегӯем, тасдиқ хоҳанд кард.

Вақте ки Бройдо аз кор гирифта шуд ва шумо ба Сталинобод омадед, ман аз Самарқанд истода ба шумо хат кардам, ки Раҳим аз кори союз гирифта шавад ва худи шумо ҳам, албатта, дар ҳамин фикр будед ва шумо дар он сафаратон (баҳори соли 1935) Раҳимро на танҳо аз кори Союз, ҳатто аз кори котибии журнали "Барои адабиёти социалистӣ" ҳам гирифтед. Ингуна фактҳои

таърихӣ аз хотири ҳеҷ кас намебарояд.

Акнун ду калима дар бораи сафари модари Холида. Ман вақте, ки барои вай то Маскав билет гирифтам, ба шумо хат навиштам. Аммо телегроф надодам, зеро дар хати шумо хондам, ки ҳанӯз бачагонатон дуруст сиҳат наёфтаанд ва худатон ҳам бемор мебошед. Дар дили худ гуфтам "агар хат пеш аз вуруди онҳо ба Маскав расад, онҳо ёрмандии комил хоҳанд дид ва агар нарасад, бо телегроф ташвиши барзиёд надиҳам.

Аз телегрофи рафиқаам маълум шуд, ки ба шумо меҳмонанд. Ман дар ин бора ба шумо ва мӯҳтарам Бону ташаккури самимона изҳор мекунам ва аз ин хусус, ки дар вақти ташвишмандии шумо ва оилаатон як ташвиши барзиёд зам кардам, узр мехоҳам.

Ҳоло дар хона худам ҳам хонабон, ҳам бачабардор ва ҳам ичрокунандаи ҳамаи корҳои дигари хона мебошам. Ба болои ҳамаи ин корҳо дирӯз хабар гирифтам, ки 23 апрел съезди дуввуми нависандагони Ӯзбекистон мешудааст ва иштироки ман лозим будааст. Намедонам хона ва бачаҳоро ба кӣ супурда ба Тошканд меравам. Як хизматгорзан ҳаст, аммо ӯ ҳам кар аст, ҳам гунг. Як хидматгормард аст, аммо мард аст. Албатта мисли ман дар хона нишаста (хусусан дар набудани ман) қаровулӣ нахоҳад кард.

Ду калима аз аҳволи ҳаво:

Имсол дар Самарқанд баҳор бар хилофи одат ва қиёс бисёр дер омад. 6-8 апрел ҳаво хунук шуда, меваҳои саридарахтиро сабук кард. 9 апрел гармӣ сар шуд. Дар 13-14 апрел гармии ҳаво дар аввали пагоҳ пеш аз баромадани офтоб ба 22-20 расид. 15-ум гармӣ ба ду дараҷа фаромада, шабона боди сахт ва борони сард сар шуд, дар Тошканд бод баъзе дарахтҳоро бо решааш канда партофт. 16-ум аз нимаи шаб дар Самарқанд барф сар шуд. То бегоҳӣ барфҳое, ки об нашуда буданд, як вақаб ғафсӣ доштанд. Дараҷаи ҳаво дар сифр буд. 17-ум дараҷаи гармӣ ба ду баромад. Аммо офтоб нашуд, борон монугир давом кард. Имрӯз ҳам, ки 18-(ум) аст, борони сард меборад ва шамоли сард мешавад.

Ба мӯҳтарам Бону салом, бачагонро мебӯсам.

Бо салом ва эҳтиром:

Айнӣ.

55.

Аз Самарқанд ба Москва,
30 апрели 1939

Рафиқи азиз Лоҳутӣ!!

Чунон ки дар мактуби охирини худ навишта будам, барои съезди нависандагони Ӯзбекистон ба Тошканд рафтам. Имрӯз, ки 30 моҳи апрел аст, аз он ҷо ба хона омадам, ки мактуби 16 апрел навиштаатонро пӯчтачӣ оварда монда будааст ва шофур ҳам дар набудани ман аз Маскав омада будааст. Ман аз мактуб ва ҳам аз шофур тафсилоти сафари рафиқаамро шунида аз шумо ва аз Бону бисёр миннатдор шудам ва аз он ҷо, ки сафари вай дар вақти парешонии шумо рӯй додааст (ҳарчанд, ки ин гуна аҳвол барои дӯстон сабаби хиҷолат нест) хиҷолатманд ҳам шудам.

Ҳаракатҳои шармгинонаи хоҳаратонро шумо ба одоби тоҷикӣ ҳамл кардаед, лекин аз кадом ҷиҳат, ки бошад, ба ин дараҷа расидани шармгинӣ шармовар аст.

Барои ба шумо хуб фаҳмонидани аҳволи хусусии ӯ як воқеаи имсол рӯй додаро арз мекунам (Албатта, маҳрамона ва худи ӯ нашунавад). Зимистон дастаи консерти Ӯзбекистон ба Самарқанд омад, ки сардори онҳо Ҳалимахони машҳур буд. Бачагон бо сардории хоҳаратон хостанд, ки ба консерт рафта хониши Ҳалимаро шунаванд. Ман барои харидани панҷ билет ба театр рафтам, ки билетҳо як рӯз пеш аз омадани Ҳалима фурӯш шуда будааст. Ман "шояд барои ба даст даровардани билет ёрмандӣ расонад" гӯён ба директори теотр муроҷиат кардам.

Директур гуфт: "Барои тамошобинони умумӣ ягон ҷои фурӯш ҳам нест, аммо ман метавонам, ки аз луҷаи совети шаҳр ба шумо ду ҷои маҷҷонӣ бепул диҳам". Албатта, ман розӣ шудам ва ӯ оварду барои ду ҷо аз луҷа хат дод.

Ин ду ҷоро дар байни панҷ кас тақсим кардан мумкин набуд ва инчунин ду бачаи хурдсолро ба луҷаи ҳукуматӣ баровардан ҳам муносиб нанамуд. Бинобар ин худам шахсан хоҳаратонро гирифта бурдам ва бачагонро дар навбати дигар ваъда дода

розиашон кардам. Мо рафтем. Дар луча ғайри моҳо котиби кумитаи облусти Самарқанд, котиби кумитаи шаҳрӣ ва раиси иҷроияи облуст буд. Дар вақти тамошо бо мо ва онҳо ғайр аз як вохӯрии оддӣ ва аҳволпурсии сари забонӣ дигар чизе дар миён нагузашт, аммо дар охири тамошо директури театр омада ба ман маълум кард, ки баъд аз тамошо як маҷлиси чойнӯшӣ мешавад, ки дар он ҷо Ҳалимахон ҳам роҳбарони облуст хоҳанд буд ва хоҳиш кард, ки ман ҳам бошам. Ман розӣ шудам.

Аммо азбаски дари даромади луча ба золи васеи сард кушода мешуд, даруни золи тамошо бо нафаси одамон гарм шуда буд ва дар ҳар даромада баромадани одамҳо аз он дар ҷараёни бод ба амал меомад. Хоҳаратон қадре сармо хӯрда аҳволи худашро бад ҳис карда ва хост, ки барои он маҷлиси чой намонад. Ман баъд аз тамошо дар золи истироҳат ба директур сармо хӯрдани рафиқаамро узр оварда, барои маҷлиси чой истода натавонистанамро маълум кардам. Ӯ узри маро ба котиби комитети облустии партия гуфтааст. Котиб, ки шахси аврупоии бисёр боназокате буд, шахсан пеши моҳо давида омада дубора истодани моро хоҳиш кард. Ман хоҳаратонро нишон дода бемории ӯро узр овардам. Ӯ шахсан аз вай "шумо чигуна бемор шудед" гуфта пурсид. Ӯ ҳам чунон ки дар пеши шумо кардааст, чашмашро ба замин дӯхта чизе нагуфт.

Шумо медонед, ки як шахси аврупой ба ин гуна муомила чиҳо хоҳад фикр кард ва низ шумо мефаҳмед, ки ман дар он ҷо ба чӣ ҳоли шармандагӣ афтода будам. Аммо дар ҳақиқат ӯ бемор шуда буд, ки баъд аз он тамошо бо ангина ва асложнениаи он як моҳ бистарӣ шуд, на танҳо ӯ ман ҳам грипп шуда, 15 рӯз дард кашидам. Ин аҳвол дар зиндагӣ шуданӣ аст. Аммо дар ҷавоби аҳволпурсии котиб чизе нагуфта, чашм бар замин дӯхта истодан нобахшиданист.

Дар бораи қабул накарданаш ёрмандии пулии шуморо ҳамин қадар узр меоварам, ки дар ҳақиқат ӯ ба пул эҳтиёҷ надошт, зеро пеш аз ба сафар баромадани ӯ ман ба хаёли он ки союз путёвка ва пули кироро медиҳад, барои харҷи иловагӣ як ҳазор сӯм тайёр карда будам. Баъд аз он ки союз путёвкаро ба ман фурӯхта ва пули роҳро ҳам надод, ман маҷбур шудам, ки ҳамаи чизҳои

даркориро дар ду рӯз таҳия кунам. Бинобар ин дар тангӣ афтодам, лекин бо кадом мушкиле бошад ҳам бо иродаи айниёна таҳия кардам. Билети ӯ ва шофурро то Маскав гирифтам, барои харҷи роҳ ба ӯ як ҳазору панҷсад сӯми пули нақд додам ва харҷи шофурро барои бозгашт аз Маскав таъмин кардам.

Хоҳаратон ҳам қадре пул доштааст, гирифта буд, бинобар ин ӯ натарсида аз Маскав барои бачагон яктагӣ либос харида фиристодааст.

Шофур ҳам ба он пул эҳтиёҷ надошт, эҳтиёҷ надоштани ӯ аз ин ҳам маълум аст, ки аз Маскав барои ошноёнаш аз пули ман додагӣ ба дусаду бист сӯм чизҳои техникӣ харидааст.

Аҳволи танги моддии худро, ки арз карда будам, дар арафаи ба сафар баромадани хоҳаратон буд. Аммо вақте ки ман барои съезд ба Тошканд рафтам, аз он ҷо Қорун шуда баргаштам: 2700 сӯм барои чизҳои аз ман ба матбаа додааш Узгиз ба ман дод.

Барои чоп шуда баромадани "Мактаби кӯҳна"-и ман дар забони ӯзбекӣ нашриёти бачагонаи ӯзбекӣ 675 сӯм дод. Журноли русӣ ва ӯзбекии адабии Ӯзбекистон аз порчаҳои дар соли гузашта чоп кардаашон 150 сӯм ба ман фиристода будааст, ки ман дар 21 апрел гирифтам.

Аз ғайри инҳо "Марги судхӯр", "Ҷаллодони Бухоро"_ро ӯзбекон ба матбаа додаанд, ки дар ҳамин наздикӣ мебарояд ва аз ин ду китобча ду-се ҳазор сӯм ба ман мерасад.

Бо кумитаи юбилеии Навоӣ дувогор баста будам, ки аз рӯи он муоҳида то ҳаштуми мой ба ман ду ҳазор сӯм мефиристонад.

Дар тоҷикӣ чоши чоруми "Одина" баромадааст, ки бояд дар наздикӣ пули вайро фиристонад. Ҳикояти "Ятим"-ро дар охири мой тамом мекунам, ки аз рӯи муоҳида аз вай 2400 сӯм ба ман мерасад... Ҳамаи инҳо ба ман нишон медиҳанд, ки ман Қорун шудаам ва Қорунии худро дар амал нишон додам, ки барои ҳамаи аъзои оила 13 метр марказит харидам ва ба хоҳаратон теглегроф кардам, ки агар эҳтиёҷ дорад бо телегроф хабар диҳад ва ба ӯ пул фиристонам.

Ҳоло дар вақти кӯфтагии чандрӯзаи сафари Тошканд ва бедорхобии роҳ ба ҳамин қадар кифоя мекунам, ки барои ташвишҳое, ки бо шумо ва мӯҳтарама Бону ба муносибати

сафари хоҳаратон рӯй дод, узр мегӯям ва барои таклифи ёрмандиҳои моддиатон арзи ташаккур ва изҳори миннатдорӣ мекунам. Дар бораи сафарҳо навиштанро дар навбати дигар мегузорам.

Бо саломи самимонаи рафиқона
Айнӣ.

56.

Аз Самарқанд ба Москва,
30 апрели 1939

Рафиқи шафиқ Лоҳутӣ!

Ман вақте, ки аз Тошканд омадам, (субҳи рӯзи 30) бачагон ба ман як извешение доданд, ки аз вай маълум мешуд ба ман аз Маскав як ҳазор сӯм перевод омада будааст. Аммо ман аз Маскав аз идорае нигарони пул набудам. Ман ҳарчанд фикр кардам фиристодаи ин пулро наёфтам, чун пӯчта рафта пурсидам, гуфтанд, ки аз Лоҳутӣ аст. Аммо аз ин ҷо, ки рӯзи охири моҳ ва пӯчта дар ҳисоб машғул будааст, додани он пулро дар баъди иди мой ваъда доданд. Лекин ман ба шумо барои чӣ ва аз кӣ будани ин пулро пурсида телегроф додам.

Вақте, ки аз пӯчта баргашта ба хона омадам, мактуби 22-апрел фиристодаатонро ба ман расониданд. Аз ин мактуб масъала равшан шуд.

Ман аз хусусияти шумо, ки агар ба ягон тангӣ афтодани ягон рафиқро ҳис кунед, фавран ба ёрмандӣ мерасед, бисёр миннатдорам ва аз ин ҷумла ба ин коре, ки дар ҳаққи ман кардед, бениҳоят ташаккур мекунам. Лекин бинобар сабабҳое, ки ҳозир Қорун шудани худро дар мактуби аввалиам арз карда будам, ба қабул кардани ин маблағ ҳеҷ эҳтиёҷ надорам ва аз ин ҷо ки шумо дода гирифтаед ва бояд бачагонро ба он ҷо кӯчонида тарбия намоед, шуморо аз худ мӯҳтоҷтар медонам. Бинобар ин бо камоли ташаккур ва узр ин маблағро , бе он ки аз пӯчта гирам (баъд аз ид, ки пӯчта ба кор медарояд), ба худатон баргардонам ва умедворам, ки шумо ҳамин тарз ҳисоб мекунед, ки ман ин

маблағро барои бачагонатон, ки дар айни замон бачагони ман ҳам мебошанд, ҳадя кардаам.

Ин радду бадал як манзараи шоирона медиҳад, ки мо мисли инро дар афсонаҳо дар байни дӯстон хондаем.

Такрори арзи шукрона мекунам ва узр металабам, ки аз ин баргардонии ман дилгир нашавед. Бо камоли эҳтиром Айнӣ. Албатта, вақти аз Сочи баргаштан ва ба вагзоли Қазон баромадани хоҳаратон боз шумо хеле ташвиш хоҳед кашид, ки ман барои вай пешакӣ арзи миннатдорӣ мекунам ва он гуна ёрмандиҳоро баробари миллиунҳо ёрмандии пулӣ медонам.

Айнӣ.

57.

Аз Москва ба Самарқанд,
1 майи 1939

Самарқанд, райони Ленин, Қӯрғонча, 10, ба Айнӣ.
Пул азони шумо

Бо салом
Лоҳутӣ

58.

Аз Москва ба Самарқанд,
14 майи 1939

Рафиқи азиз ва мӯҳтарам Айнӣ!

Дирӯз ҳазор сӯмро гирифтам. Ҳамон тавр, ки пештар навишта будам, албатта, ки намеранҷам. Аммо, росташро гӯям: агар ман мебудам ба ҷои шумо ҳазор дафъа ҳам Қорун шуда бошам, ин пулро пас намефиристодам. Хуб, он тавр ки шумо хостаед шуд. Ризоияти шумо асоси орзуи ман аст.

Моҳо рӯзи 12-ум боистӣ ба дача мекӯчидем. Барои пазироии хоҳарам нарафтем. Аммо то имрӯз ҳанӯз на хат, на телегроф аз он кас нагирифтаем. Намедонам кай аз Сочи берун меоянд ва

бо кадом поезд? Дар ҳар ҳол то 20-ми моҳ мунтазир мешавем. Ман метарсам, ки хоҳарам шарм карда телеграф нафиристанд ва танҳо дар Маскав парешон шаванд. То дина боз ҳам осуда будам. Аммо аз имрӯз фикрам парешон шудан гирифт. Мабодо он кас омада ва бехабар раванд. Агар билет ва плоскорти яксара дошта бошанд, гап нест, ки. Аммо барои ёфтани пласкорд шабро дар вокзал хоб кунанд-чӣ?...

Наход ки ба хонаи мо намеоянд? Хайр, боз ҳам то 20-ум 6 рӯз аст... Шумо ваъда додед, ки дар бораи шеърҳо назарияи худатонро нависед. Ман мунтазири ин ҳам ҳастам.

Ҳоло бачаҳоям ҳама саломат ҳастанд. Ба шумо ва бачаҳоятон салом мерасонам.

Бо салом ва эҳтироми тамом
Лоҳутӣ.

59.

Аз Сталинобод ба Москва,
14 июни 1939

Рафики мӯҳтарам Лоҳутӣ.

Ман дар пеши шумо худро гунаҳкор ҳис мекунам, ки ба бисёр хатҳотон ҷавоб нанавиштам. Сабабаш саргардониҳои ғайри мунтазирӣ буд. Дар курорт будани хоҳаратон чанд рӯз Камол бемор шуд. Баъд аз қадре беҳтар шудани ӯ дар 17-мой Холида бемор шуд. Бемории ин дар вақти имтиҳонҳои солонаи мактабаш рост омад. Шумо хуб медонед, ки бемории бачагоне, ки дар вақти пирии падарашон рӯида бошанд, ба он падар чӣ қадарҳо бад таъсир мекунад.

Мушкилии кор дар ин ҷо ҳам буд, ки ин бемориҳо дар вақти набудани модарашон рӯй дод. Масъалаи мушкили дигар - масъалаи озод кардани Холида аз имтиҳони солона буд. Аммо бо вуҷуди қарори комиссияи духтурон директори мактаб қабул накард ва ба имтиҳон додан маҷбур кард. Ӯ дар ҳоле, ки 38-таб дошт, дар 20-23 мой аз ду дарс имтиҳон дод, бо вуҷуди ин аз яке баҳои хуб ва аз дигаре, ки навиштани забони русӣ буд, баҳои

миёна гирифт, лекин табаш ба 39 ва зиёдтар бар он расид.

Вақте, ки Холидаро барои табобат боз ба беморхонаи бачагон бурдам, директори беморхона ҳикояи аз имтиҳон озод накардани директори мактабро аз ман шунида сахт шӯрид ва хати норизоӣ ва таҳдидомез карда оқибат ӯро аз имтиҳон озод кунонид. Баъд аз он ба табобат машғул шуд. Дар саввум ва чорумҳои июн Холида рӯ ба беҳбудӣ овард ва беморхонаи бачагон ӯро дар моҳи июл ба санаторӣ таъин кард.

Дар ин миён ман аз Союзи Нависандагони Тоҷикистон телегроф гирифтам, онҳо барои дидани қисми классикиии алманахе, ки барои даҳсолагии Тоҷикистон тартиб доданӣ будаанд, маро ҷеғ зада буданд ва ин даъвати худро аз номи СКА мекарданд. Ман ба қабул кардани ин даъват розӣ шудам. Директори беморхонаи бачагон дар ин сафар ҳамроҳи худам бурдани Холидаро ҳам тавсия кард, "табдили ҳаво, хусусан ба тарафи кӯҳистон барои ин бача нофеъ аст", гуфт. Ман ҳам Холида ва Камолро ҳамроҳи худ гирифта 7-ноябр ба роҳи Сталинобод баромадам.

Мана дар ҳамин миёнаҳо барои муқаддима навиштан ба "Тоҷикистон" ном маҷмӯаи шумо аз Зингер ва Икромӣ таклиф гирифта будам, лекин барои ин кор лузуми дидани он маҷмӯаро нашр (?) карданӣ ҷавоб гардониданӣ будам.

Баъд аз ин муросала бо Зингер маҷмӯаи шумо фиристодагӣ аз тарафи худи шумо расид, аммо ҳамроҳи худам аз шумо мактубе надоштам. Бо вуҷуди ин ман ба муқаддима навиштани худам ризоии шуморо ҳис кардам. Ман дар миёнаи ҳамин парешониҳо муқаддимачае навиштам ва дар Сталинобод дар мошинка чоп кунонида як нусхаашро ба Зингер ва дигарашро бо нусхаи маҷмӯаатон ба Шумо фиристода истодаам. Албатта дар чунин вақти парешонӣ муқаддимаи хубе нашуд, лекин мувофиқи қоидаи "моядраку кулла лоятрака кулла" амал карда ба фиристодани ин порча ҷасорат кардам.

Ман ният дорам, ки 17-июн (агар билети роҳи оҳан ба даст дарояд) ба Самарқанд баргардам.

Бо саломи рафиқона:

Айнӣ.

Ба мӯҳтарама Бону салом расониданатонро ва бачагонро аз ҷониби ман бӯсиданатонро орзу дорам.

Маҷмӯа ва муқаддимаро ба ходимони Тоҷигиз супоридам, ки посилка карда ба шумо фиристонанд.

А.

60.

Аз Москва ба Сталинобод,
17 январи 1940

Устоди мӯҳтарам Айнӣ!

Хати дуввуми ҳамин моҳ навиштаатонро имрӯз гирифтам. Ба меҳрубонии шумо раҳмат. Ин ҳам, ки ҳатро чунин муфассал навишта ва дар бораи "шутко ва қапчуқча" тавзеҳ доданатон меҳрубонии махсус аст ва ҷавоби онро муфассал нанавиштан беодобӣ мешуд. Ман бисёр маъзарат мехоҳам, ки ба воситаи ду телеграф сабаби ин ҳама заҳмат ва нороҳатии шумо шудаам. Ростӣ ҳоло мумкин аст, ки як шеър ба номи достони "шутко ва қапчуқча" (агарчи луғати кадом забон будани " қапчуқча"-ро намедонам) бинависам. Тафсили нашри онро ба раф. Улуғзода навишта будам. Намедонам барои чӣ ба шумо нагуфтааст, албатта, фаромӯш кардааст. Акнун худам мухтасари он муфассалро ба хидмати шумо менависам ва он ин аст:

1. Писари "бузургам" Далер, ки ҳоло панҷумин сол дорад, дар синни дуввунимсолагӣ як қошуқи оддии фулузиро ба ман "ҳадя" гуфта дода буд. Албатта 20 ҷо барои он иваз кард. Охираш онро дар пушти даруни шкофи китобҳо ҷо дода ва ҳар рӯз пагоҳӣ омада нигоҳ мекард, ки ҳадяаш саҳеҳу солим аст, ё на. Як рӯз ходимаи наве онро гирифта ба матбах бурда буд. Далераки ман баъд аз дидани ҷои холии ҳадяаш кам монад буд, ки ғаш кунад. Ин иғроқ нест, рост аст. Фақат ӯро бо ин осуда карда тавонистам, ки гуфтам: "Қошуқатро фиристодем барои падарат аз матбах авқот биёварад". Осуда шуд, аммо қавл гирифт, ки баъд аз он қошуқи ҳадяшударо заҳмат надода ҳеҷ ҷо намефиристем. Мабодо қошуқи дигар аз вай истифода карда ба ҷои вай

бинишинад. Ин "азоби рӯҳонӣ" сабаби касал шудани Далер шуд.

2. Гев писараки сесолаам . дар ду солагии худаш ин қошуқи "таърихиро" дида ва хост, ки онро дошта бошад. Ҷангу мубоҳисаи мобайни Далеру Гев агарчи як-ду соат бештар давом накард, аммо барои муфассалан навиштани он як ду рӯз вақт даркор аст. Охир, ки Гев муҷоб шуд. Аммо ӯ ҳам як шуткаи хурдак ба қадри як чаҳормағзро аз модараш гирифта ба ман ҳадя дод. Табиист, ки ӯ ҳам аҳволи ӯро мепурсад. Вақти ба Сталинобод омадани ман онро ҳамроҳи ман фиристод, ки ҳар рӯз ба бобо аз Гевак ёдоварӣ кунам ва талаб кунам, ки зудтар бобо ба Маскав пеши Гевак биёяд. Инак, ҳамин шуткаи "оламгир" дар дачаи совнарком, дар беруни шаҳри Сталинобод, ҷо монда буд. Ман мағлуби эҳсосоти шоирона шуда, ба як шоири дигар, ки ӯ ҳам падар аст, бо телегроф илтимос кардам, ки онро ёфта барои ман бифиристад. Ман нахостам гиря ва таъсири бачаи дусоларо (ҳоло наздики се сол дорад) бубинам. Ман дуруст фаҳмида будам. Вақте, ки ба Маскав расидам, аввал чизеро, ки Гевак пурсид, ҳадяаш буд, Аммо ман дар тамоми роҳ шабҳо нахобида ҷавоб тайёр карда будам ва аз ҷавоби қаноатбахши хандаовари хушҳолкунанда наҷот ёфтам. Телегроми дигар барои кисача ҷурме буд, калиди хонаам (дурусташро гӯям кабинети корам) даруни он буд. Аз он ҷо, ки калид аз қулфи англисӣ буд, бидуни он дарро фақат шикастан боз кардан мумкин буд. Чун нахостам дарро шиканам, заҳмати ба ходимони дача барои ёфтани он фармударо ба шумо додам. Табиист, ки ҳар ду телегроф ба итминон ва эътимод ба дӯстии шумо фиристода шуданд ва инак, шумо дар ҳамон ҷо манзил доред, маро ба фикри истифода аз ин итминон ва эътимод кашонед.

Аммо ин ки телегрофро одами комиссориёти дохила овардааст, ман яқин дорам, ки барои эҳтироми ба шумо буд ва ё ин ки барои корҳои дигар ба дача омаданӣ будааст, зимнан барои изҳори иродаи ба шумо он телегрофро ҳам ҳамроҳ овардааст.

Ин ки дар вақти буданатон дар Сталинобод баъзе дурусткуниҳо ба "хати халқи тоҷик ба падари халққо Сталини бузург" даровардаед, албатта, дуруст будааст. Ман онҳоро надида бошам ҳам дар марҳамати шумо ғоибона раҳмат мегӯям.

Саломи гарму ҷӯшони шуморо ба рафиқа Бону гуфтам. Ба шумо саломи шогирдӣ ва фарзандӣ доранд. Ба хоҳарам, рафиқаатон саломи бародаронаи маро расонед. Бачаҳотонро аз амакашон ва амаки бачаҳотон салом бирасонед.

Бо салому иродат
Лоҳутӣ.

61.

Аз Москва ба Самарқанд,
(феврали 1940)

Ба Сталинобод бо вагони 8-уми поезди байналхалқӣ рафта истодаам. Умедворам, ки барои мактуби халқи тоҷик боби иловагиро оид ба канал навишта тамом кардед.

Хоҳиш мекунам бо ягон роҳ матни онро ба вокзал фиристонед.

Бо салом
Лоҳутӣ.

61.А

Аз Москва ба Самарқанд,
18 феврали 1940

Бидуни хоҳиши худ ба Самарқанд фуромада наметавонам. Агар имкон дошта бошед, дар вокзал пешвоз гиред. 13-ум, бо вагони 8-уми поезди байналхалқӣ рафта истодаам.

Лоҳутӣ.

62.

Аз Самарқанд
26 феврали 1940

Мӯҳтарам рафик Лоҳутӣ!

Ман 19-уми феврал аз шумо як телеграф гирифтам. Телеграф 18 феврал аз Маскав дода шуда будааст. Мазмуни телеграф "Сталинобод рафта истодаам, шеъри бар бораи канал навиштаатонро ба вакзол фиристонед" буд.Ман ҳисоб карда

дидам, ки 18-феврал, яъне рӯзи якшанбе аз Маскав ба Сталинобод поезди нумури 8 ҳаракат намекунад. Ба ин мулоҳиза муқаррар кардам, ки бояд шумо аз Маскав 17 феврал ҳаракат карда бошед.

(Дар телегроф рӯзи ҳаракат навишта нашуда буд). Поезде, ки 17 аз Маскав ҳаракат мекунад, 22- ба Сталинобод мерасад. Ман 22-феврол дар вақти омади поезд ба вокзал баромадам. Поезд 7-соат дер карда меомадааст. Бинобар ин ба хона баргашта дар вақти таъйиншуда баромадам.

Поезд омад, аммо дар он поезд дар вагони международни шумо набудед ва касоне, ки шуморо шахсан мешиносанд дар он вагон буданд, онҳо ҳам тасдиқ карданд, ки шумо бо ин поезд аз Маскав набаромадед.

Ман гумон кардам, модоме ки 17-феврол аз Маскав набаромадаед ва 18 феврол навбати поезди Красноводск аст, бо вай ҳам ҳаракат нахоҳед кард ва 19-феврол боз барои Сталинобод поезд нест, лоҷарам бояд 20-феврол баромада ,бояд 25 дар Самарқанд шавад. Дар вақташ баромадам. Гуфтанд, ки боз 10 соат дер мондааст. Аммо дар вақти саввум ба баромадан комёб нашудам, бинобар ин бо ин мактуб аҳволро арз карда чизе, ки дар бораи канал навишта шуда буд, ба хидмат фиристодам.

Аз хоҳаратон ва аз ҳамаи бачагон саломи гарму ҷӯшон

Бо саломи рафиқона:
Айнӣ

63.

Аз Сталинобод ба Самарқанд,
26 феврали 1940

Устоди мӯҳтарам Айнӣ!

Хати ба р. Турсунзода навиштаатонро хондам. Дар вақти баромадан аз Маскав ба рафиқ Бону гуфта будам, ки ба шумо телегроме фиристода ва хоҳиш кунад(аз номи ман), ки агар

шеъри дар бораи канол гуфтаед, ба вогзол фиристонед. Ҳатто гуфта будам бинависад, ки бо шуфиратон фиристонед. Маълум мешавад, ки телегромро ҳам монанди телегром дар бораи "шутко" хато мухобира кардаанд, ки шумо худатон ба вогзол баромадаед. Вичдон шоҳид аст, ки қатъиян ба заҳмати шумо розӣ набудам. Инак, ҳоло шарм мекунам, ки сабаби дарди сари нав шудам. Дар хати муфассал ба шумо навишта будам, ки рафиқ Қурбонов хоҳиш ва исрор карданд, ки ба шумо нависам, худам бошам чунин заҳматро ба шумо намедиҳам.

Акнун дар бораи хати рафиқ Сталин бошад, шумо шахсан медонед, ки ширкати ман дар ин хидмат ба талаби Кумитаи Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон буд. Табиист, ки ба талаби Кумитаи Марказӣ асоси самимимяти ман нисбат ба раҳбар ҳам илова мешаванд.

Инак, ки шумо хаёл кардаед, ба воситаи дарозии хат "Правда" онро чоп накарда, дуруст нест. Чоп нашудани хат фақат ва фақат ба ин сабаб буд, ки халқи тоҷик онро даст намонда буданд. Маълум мешавад, ки халқҳои дигар, ки чанд сад ҳазор имзоҳои ҷудогона ба хатҳои худ фиристодаанду хати тоҷикҳо ба ҷуз номи ҷаҳор шоир имзои дигар надошт. Вақте, ки СК Тоҷикистон инро донист, аллакай ҷашни 60-солагии р. Сталин гузашта буд. Пас р. Прутупопуф ва Қурбонуф дар Маскав гуфтугӯ карда, қарор шуда буд, ки хатро ба ягон воқеа вобаста кунанд, то чоп шавад. Дар натиҷаи музокираҳо бино шуд, ки хатро ба конол вобаста кунанд ва р. Қурбонуф талаб кард, ки ба шумо хат ва телегром бифиристам, ки ба конол омада, ман ҳам равам, иловаи навро нависам. Ана ин таърихи росту дурусти чоп нахоҳанд кард, валекин на ба сабаби дарозии хат ё бадии обзорҳо, балки ба воситаи гузаштани вақт.

Мазмуни хат, махсусан обзорҳоро коркунони Кумитаи Марказӣ писандидаанд ва таъриф кардаанд, инро бовар кунед.

Бо салом ва эҳтиром

Лоҳутӣ.

Аз Самарқанд ба Москва
9 марти 1940

Рафики шафик, мӯҳтарам Лоҳутӣ!

Мактуби аз Сталинобод дар таърихи 26-феврол навиштаатон ба 8-морт расид. Сабаби дермонии мактуб дар ин аст, ҳарчанд шумо мактубро 26-феврол навишта бошед, ба пучта 3 морт супурда шуда будааст, ки мӯҳри пӯчтаи Сталинобод ба рӯи маркаи конверт 3 морт буд. (ба ин тариқа "3-3-40").

Шумо дар як ҷои мактубатон навиштаед, ки "дар хати муфассал ба шумо навишта будам, ки ..., "яъне ин мактуби муфассал, умуман мактубе аз шумо дар бораи илова кардани мавзӯъи канал ба мактуби халқи тоҷик ба ман нарасидааст, Дар ин бора танҳо аз рафиқ Раҳимӣ телегроф гирифта будам, ки дар ҳамон вақт куфияи он телегрофро ҳам ба рафиқ Деҳотӣ ва ҳам ба рафиқ Турсунзода фиристода будам (Куфияи он телегроф бояд дар дасти Турсунзода бошад).

Шумо дар мактубатон бисёр афсӯс хӯрдед ва нороҳат шудаед, ки "чаро ба сабаби хато мухобира шудани телегроф ман шахсан ба вакзол баромадаам".

Рафиқи шафиқ, тамоман осуда шавед, ки ман дар ин бора мазмуни телгрофро хато нафаҳмидам ва ин чунин телгроф ҳам дар ин хусус хато набуд, балки дар вай саҳеҳ навишта буд ки "агар шеър навишта бошед ба ягон кас ба вакзол фиристонед". Азбаски дар ин вақт ҳаво хуб буд, мошин ҳам буд, агар аз шумо телеграфе ҳам намешуд ва ман тасодуфан мефаҳмидам, ки шумо аз вакзоли Самарқанд мегузаред, хоҳ шеъре навишта бошам, хоҳ не, албатта ман вакзол мебаромадам ва барои ман ҳеҷ ташвиш ҳам набуд. Лекин таъсири ин дар ин ҷост, ки дар телегроф рӯзи ҳаракати шумо сареҳ навишта нашудааст ва худи телгроф аз Маскав 18 феврол дода шудааст ва ман ба қиёси таърихи телгроф (чунон, ки дар ин хусус дар мактуби пештараам муфассал навиштам) гумон кардам, ки шумо аз Маскав бояд 17-феврол ё ин ки 20-феврол, ки рӯзҳои ҳаракати поезди Сталинобод аст, баромада бошед ва ба асоси ин тахмини хатои худ ба вакзол

баромадам, аммо ба зиёрат мушарраф нашудам. Вагарна ман дар баромади вакзол ва дар интизорӣ дар вакзол, ки дар он ҷо дар хонаи ҳукуматӣ нишастам, ҳеҷ нороҳат нашудаам ва ташвише ҳам накашидаам.

Баъд аз он аз рафиқ Деҳотӣ фаҳмидам, ки шумо аз Маскав 15-феврол ҳаракат карда будед ва аз Куйбишев рӯзи ҳаракататонро сареҳ карда ба онҳо телгроф дода будед.

Агар ба ман ҳам рӯзи ҳаракати шумо 15-февролро сареҳ карда, телгроф медоданд, медонистам, ки шумо дар 20-феврол аз Самарқанд мегузаред ва ман ҳам, ки дар он вақт ҳаво 2-дараҷа гармӣ дошт, бе ҳеҷ ташвиш ба хидмат мерасидам. Агар ҳаво бад мебуд ба тексти телгроф амал карда, шуфир ва ё ягон каси дигарро мефиристодам. Хулоса таъсир аз тайин нашудани рӯзи ҳаракат аст, дар телгроф. (Ман барои исботи ин қавли худ нусхаи он телгрофро бо ин мактуб ба хидмат мефиристонам).

Баъд аз он, ки аз вохӯрдан бо шумо дар вакзоли Самарқанд маъюс шудам, 72-мисраъ шеърро, ки навишта будам, бо мактуби муфассале заказной карда ба Сталинобод ба номи шумо фиристодам, ки бояд расида бошад.

Бачагон ҳамагӣ саломатанд. Дар мактаб давом доранд. Хоҳаратонро имсол курорт фиристодан даркор шуд. 8-морт бо вагони международний Маскав фиристодам, ки аз он ҷо ба Сочи равад. Азбаски шумо дар Маскав набудед, ба Бону телегроф карда ташвиш додани он касро муносиб надидам ва ба ваколатхонаи Тоҷикистон телегроф кардам, умед аст, ки Галферин лар вакзол пешвоз гирифта ба Сочи узод мекунад (билет то Сочи аст).

Умедворам, ки шумо дар бозгашт ба Самарқанд фароед.

Намедонам, ки аҳволи "Мактуб чӣ шуд? Аз порчаи ман фоида бурда шуд ё не? Агар аз вай фоида бурдан муносиб дида нашуда бошад, хоҳишмандам, ки ба худам баргардонед ва ман ӯро дубора кор карда як чизи муфассалтар сохта ба маҷмӯае, ки дар бораи обёрӣ мебарояд, медиҳам.

Бо саломи рафиқона ва эҳтироми самимона:

Айнӣ

65.

Аз Сталинобод ба Самарқанд,
(26 марти 1940)

Устоди мӯҳтарам Айнӣ!

Ҳамон рӯз, ки хати шуморо гирифтам ва аз рафтани хоҳарам ба Маскав хабарро хондам, бо телфун ба Бону хабар додам, ки ба вакзол баромада, он касро пешвоз гирад ва ба хона барад. "Хатои" шуморо дуруст карданӣ шудам. Баъд аз чанд рӯз Бону бо телфун ба ман гуфт, ки ҳам ӯ ва ҳам Голферин ба вакзол баромаданд ва то бегоҳӣ кофтаанд, вайро наёфтаанд. Бону бисёр мутаассир буд, ҳатто ранҷида буд. Ман ба ӯ дилдорӣ дода ва гуфтам айб надорад, бародарҳо гоҳе ин гуна корҳои "хуб"-ро мекунанд. Охир, бародараш дар хона набошад, зани бародараш дар хона аст. Магар Бону одам нест?...

Хайр шуд-дия... Акнун масъалаи "Хати халқ ба р.Столин!" Ин рӯзҳо ҳамаи халқ бо ҷӯшу хурӯш хатро даст монда, шодӣ мекунанд. Гӯё чаҳор сад ҳазор имзо ҷамъ мешавад. Охир ин халқ ғалаба кард. Муҳаррири масъул р. Турсунзода аст, ки шеърҳои шуморо кайҳост гирифта буд ва баъзе аз онҳоро илова карда буд. Баъд аз он ки халқ имзо карда ба Маскав фиристод, радду қабули он вобаста ба иродаи роҳбарони он мебошад. Чизе, ки имрӯзҳо маро хурсанд кард ва ба завқ овард, ҳатто ифтихорманд намуд, хондани мақолаи ширин, содда ва хушуслуби Холидаи азиз буд. Офарин бар вай! Илтимос ин ки аз тарафи ман ба ӯ салом расонед. Ба худаш як хат менависам.

Бачаҳоро салом ва дуо гӯед.

Бо салом ва эҳтиром
Лоҳутӣ.

66.

Аз Самарқанд ба Сталинобод,
6 апрели 1940

Фозили мӯҳтарам ва устоди муаззам рафик Лоҳутӣ!

Мактуби шавқатуслуб, ки 26 морт навишта будед, 30 апрел

расид. Аз муваффақиятҳои имзои "Мактуб" мамнунам, аз ин ваҷҳ аз Миршакар ва Деҳотӣ ҳам хат буд.

Аз ояндагон хабари муваффақияти "Кова"-ро ҳам шунидам, ки фахри Даҳрӯза хоҳад шуд.

Деҳотӣ аз Маскав омад, назар ба қавли ӯ ҳарчанд ман дар телгроф "8-морт аз Самарқанд бо поезди 8 - дар вагони международний ҳаракат кард" гуфта, сареҳ навишта бошам ҳам, дар ваколатхона ҳаракати поездро аз Сталинобод ҳисоб карда, як рӯз баъд ба вакзол баромадаанд.

Бо саҳви онҳо Бону ҳам ташкиши муфт кашидаанд. (Аз ман узри ташаккур навиштанатонро хоҳишмандам).

Аз Сочи хат гирифтам, поезд то Маскав 12 соат дер монда, ба вакзоли Маскав соати даҳи рӯзонаи 13 морт расидааст, чун дар вакзол каси шиносеро надидааст, такси гирифтааст ва ба вакзоли Курски рафтааст ва дар он ҷо ҳам поезди Сочи тайёр будааст, зотан билет то Сочи буд, дар он ҷо бо осонӣ искорий ва плоскортро ба даст дароварда Сочи рафтааст. Ҳарчанд рӯзи вурудаш ба Сочи аз мӯҳлати путёвка ду рӯз пеш бошад ҳам, ӯро ба санатури қабул кардаанд ва аз он ҷо бо телегроф аз вурудаш ба Сочи ваколатхонаро хабардор кардааст.

Ҳар чи бошад ҳам ин тасодуф ва ғалатфаҳмии ногувор бо хушӣ ва осонӣ гузашта аст.

Бачагон саломатанд. Холида арзи ташаккур дорад, аввалин ҳикояшро дар журнал дида хурсанд аст. Боз як ҳикоя доштааст, ки то ҳол ба ман нишон надодааст (ҳикояи аввалинашро ҳам додараш дуздида ба ман нишон дода буд). То ҳол се бор кор кардааст, мегӯяд, ки дар таътили тобистона боз як бор кор карда, покнавис карда, баъд аз он ба шумо нишон медиҳам ва агар писандед ба матбуот мефиристонам.

Камол як фолклорро аз як кампир шунида кор кардааст, тобистони гузашта ба ман нишон дода буд. Дар таътили зимистонӣ боз як бор кор кардааст.

"Ба матбуот фирист гуфтам" - не мегӯяд, ҳоло ман хурдам, шарм медорам, ҳар вақт ба 16 дароям, бад мефиристонам".

Аммо фолклоре, ки ӯ кор кардааст, хеле хуб аст, як домуллоимомро расво мекунад, қобили чоп аст.

Худам ба тариқи доимӣ ба таҳрири "Луғати русӣ-тоҷикӣ" машғулам. Колпокуф (корманди илмии базаи Тоҷикистонии Академияи фанҳо) бо ман кор мекунад. Азбаски ӯ аз Ҳукумат харҷи сафар ва рӯзина мегирад ва ҳам бо харҷ дар гостинитса менишинад, ман бо вуҷуди қувватам кам будан, кӯшиш мекунам, ки зиёдтар кор кунам, то ки ба ҳукумат бори зиёд нашавад.

67.

Аз Самарқанд ба Москва,
4 августи 1940

Рафиқи шафиқ, мӯҳтарам Лоҳутӣ!

Дерест, ки аз шумо мактуб нагирифтаам, худам ҳам айбдорам, хате нанавиштаам. Ба наздики Абдушукур омада хабари саломатиатонро расонид, ба хонаи боб гузаштанатонро ҳам гуфт.

"Марги судхӯр", "Ятим", "Фирдавсӣ" ба наздикӣ аз чоп баромада буданд, як нусхагӣ ёдгорӣ фиристода шуд, аммо агар "Фирдавсӣ"-ро ҳам як нусха мефиристодам, баста ноҳамвор мешуд, бинобар ин ду нусха фиристодам ва тафоул карда як нусхаашро ба номи Далер навиштам. Охир вай ҳам бояд мактабхон шуда бошад ва лозим аст бидонад, ки мо ҳам классик дорем.

Бачагон дар боғанд, хоҳаратон ва ҳама бачагон салом мерасонанд. Худам шабҳо ва рӯзҳо ҳам дар вақти кор дар ҳавлӣ мебошам, фақат баъд аз фароғи кор боғ меравам ва соатҳои нӯҳ-даҳ бармегардам.

Бештарини ин тобистони ман дар роҳи кор кардан бар болои классикҳо рафт. Абӯалӣ Синоро дубора (кор) карда аз асарҳояш баъзе (порчаҳо) ҳамроҳ карда шуд. Барои Рӯдакӣ як маҷмӯаи алоҳида сохта шуд. "Бӯстон"-и Саъдиро интихоб карда 4 ҳазор мисраъ гирифтам ва эзоҳ додам. Барои вай як муқаддима ҳам навиштам.

Ман шунидам, ки Саъдиро ба шоири форсу тоҷик номидан баъзе шарқшиносон розӣ нашудаанд, аммо ман аз тарҷеъбанди ӯ ёфтам, ки вай худро тоҷик номидааст. Ӯ мегӯяд:

Гуфтори хушу лабони борик
Мо атяба фока ҷалла борик.
Ё зорибати бисайфи лаҳзен,
Воллоҳи қаталтани баҳотик.
Аз баҳри худо, ки моликон ҷавр,
Чандин накунанд бар мамолик.
Шояд, ки ба подшоҳ бигӯянд,
Турки ту бирехт хуни тоҷик.

Ман ҳамин масъаларо ҳам дар охири муқаддима илова кардам. Ҳозир дар болои асарҳои тоҷикии Навоӣ кор карда истодаам. Ба рафиқа Бону аз ман ва аз хоҳаратон салом расониданатонро орзумандам. Аз чашми бачагон мебӯсам.

Бо саломи рафиқона:

Айнӣ

Хона ҳамон бошад ҳам, дар номи кӯча ва нумури ҳавлӣ дигаргунӣ рӯй дод.

Адрес ин аст:

Самарқанд,
улитса Лаби Ғор, нумур 103а (Қӯрғонча)
Айнӣ.

68.

Аз Москва ба Самарқанд
(Августи 1940)

Самарқанд, Лаби Ғор, 103/а, Ба Садриддин Айнӣ. Китобҳоро гирифтам, беҳад миннатдорам, ҷавоби мактубро менависам, ба аҳли оила салом расонед.

Лоҳутӣ.

69.

Аз Москва ба Самарқанд,
17 августи 1940

Рафиқи мӯҳтарам устод Айнӣ! Мактубу китобҳои шумо чанд рӯз пеш ба Маскав расида бошад ҳам, ман дирӯз онҳоро

гирифтам. Сабаб ин аст, ки ҳанӯз дар дача ҳастам ва ҳафтае як бор ходимаро барои харидани хӯрокворӣ ба шаҳр мефиристам, зимнан рӯзномаҳо ва хатҳоро ҳам ҳамроҳи худ меоварад. Ин дафъа илова бар ғизои ҷисмӣ ғизои рӯҳии мо ҳадяҳои пурқимати шумо шуданд, ки ба ин фаровонӣ ба мо расиданд. Махсусан Далери ман чунон хурсанд шуд... "барои ман махсусан навиштаанд, амакам!" ва ба ҳама кас китобҳоро нишон дода мефахрид. Ба меҳрубониҳои шумо ташаккур! Асарҳои наватон барои халқи тоҷик ганҷинаҳои наве ҳастанд, ки боигарии адабиёти тоҷикро афзун мекунад. "Чашми бад дур!" Ҳанӯз як китоби шумо хонда нашуда, китоби дигар мерасад. Чӣ қадар бояд Тоҷикистон хурсанд бошад...

Ман бошам хеле хӯрдагир ҳастам ва дернавис. Як контото барои консерти охирини Даҳаи Тоҷикистонро 4 моҳ пеш навишта бошам, фақат моҳи гузашта хотирҷамъ шуда, онро тамомшуда ҳисоб кардам. Ман як нусхаи онро барои шумо мефиристам ва хоҳиш мекунам, ки назарияи худатонро марҳамат карда ба ман менависед. Чӣ кунам? "Зи дасти кӯтаҳи худ зери борам. Ки аз болобаландон шармсорам", асари қобили ҳадия надорам. Аммо умед ҳаст, ки "Девон"-и дуюм баъд аз як моҳ аз чоп барояд ва ба хидмати шумо бифиристам. Хидмати хоҳари мӯҳтарама аз ман ва аз ҳамаи аҳли оила салом бирасонед. Холидаи азиз, Камоли пурматонат ва хоҳарчаи пурфатонаташро салом мерасонам.

Бо саломи рафиқона
Лоҳутӣ.

70.

Аз Москва ба Самарқанд,
26 августи 1940

Устодҷон салом!

Чанд рӯз пеш дар ҳолати беморӣ ва сардардии сахт ҷавоби хат ва ташаккурнома аз ҳадяҳои пурбаҳои шумо навишта фиристода будам. Аммо ҳоло, ки беҳтар шудам, ба ёдам меояд, ки беморӣ ба бадхатии ман афзуда буд, чунон ки барои шумо хондани он мушкил хоҳад шуд. Албатта, мебахшед.

Рӯзи 21 ҳамин моҳ (шабона) як тарона барои декодо навиштаам, хостам, ки бо фиристодани як нусха аз он худро ба ёди шумо оварам. Духтарам Атия барои тарона як оҳанг навиштааст, ки онро компузитурҳо бисёр писандиданд. Афсӯс, ки ман дар ин фан бесавод ҳастам ва наметавонам нотаи онро навишта бароятон бифиристам. Ҳамин дирӯза як нусха аз контото, ки онро ҳам барои декода навиштаам, бароятон мефиристам. Китобҳои шуморо хонда лаззат мебарам. Аз Бону, ман ва бачаҳо ба шумо ва аҳли оилаатон саломи фаровон.

Бо салом ва эҳтиром
Лоҳутӣ.

71.

Аз Москва ба Самарқанд,
28 августи 1940

Рафиқи мӯҳтарам устод Айнӣ!

Дирӯз нусхаи лотинии ин таронаро барои шумо фиристодам. Имрӯз маълум шуд, ки ман иштибоҳан нусхаи аввалиро фиристодаам. Инак, нусхаи охиринро фиристода, хоҳиш мекунам аввалиро аз рӯи ин дуруст кунед.

Бо салом ва эҳтиром
Лоҳутӣ

72.

Аз Самарқанд ба Москва,
26 сентябри 1940

Устоди мӯҳтарам, рафиқ Лоҳутӣ!

Ду мактубатон паи ҳам бо ду нусха таронаи "Гуселкунандагон" расид. Ду нусха будани он бисёр хуб шуд, ки мошиниашро ба бачагон ва арабиашро ба худам гирифтам (албатта, лотиниашро мувофиқи арабиаш дуруст кунонидам).

Ҷавоби мактубҳо ва арзи ташаккур дер монд, сабабаш ин буд,

ки ба муносибати юбилеи садсолагии "Камине" (Камина) ба Туркманистон даъват шуда будам, умедворам, ки ташаккур ва арзи маро қабул фармоед.

Рафиқони туркман барои Камина, ки шоири халқи туркман будааст, хеле тӯйи тантанадор гузарониданд. То рӯзи тӯй асарҳои Каминаро ҳам ба забони туркманӣ, ҳам ба забони русӣ чоп карда баровардаанд. Аз ғайри ин 6 китоби дигар аз адабиёти халқии туркман чоп кардаанд, ки ҳама бо техникаҳои бисёр аъло. Аз шакли ин китобҳо гумон мекунед, ки асарҳои Пушкинро дар Ленинград чоп кардаанд. Як роман, 27 печатний лист ҳам аз нависандагони ҳозира ба ҳамон техникаи хуб чоп кардаанд. Ҳамаи ин китобҳо дар Ашқобод чоп шудаанд. Аз республикаҳои бародарӣ қариб сад нафар меҳмон буд. Ҳамаи роҳбарони ташкилоти партиягӣ ва советӣ, хоҳ рус бошад хоҳ туркман аз аввал то охир ба тӯй шахсан иштирок карданд. Бар болои ин оид ба ҳаёти Камина рафиқ Скосируф ба забони русӣ як романи калон нависонда омад, ки ҳам ба забони русӣ, ҳам ба забони туркманӣ чоп шуда баромадааст. Ҳозир рафиқони туркман ба тӯйи Махтумқулӣ тайёрӣ мебинанд, ки ӯ шоири хубест. Асарҳои ӯ то инқилоб ба забони русӣ ва забонҳои аврупо тарҷума шудааст. Ин тӯй дар соли 1942 мешудааст, ӯ дар соли 1780 вафот карда будааст. Ҳарчанд тӯй дар соли 1942 шуданӣ бошад ҳам, то ҳол ҳарҷумаи шеърҳои ӯ ба забони русӣ тайёр шудааст. Ӯзбекон як масал доранд, ки мегӯянд, "ғайратлидан имон қутулмас", (аз одами боғайрат имон халос намешавад"). Ин масал дар ҳаққи рафиқони туркман тамоман дуруст аст. Инҳо то инқилоб ҳаёти кӯчманчигӣ мегузарониданд. Аз тарбияи Партияи Ленин-Сталин чунон фоида бурданд, ки номи худро ба қатори миллатҳои мутамаддин дароварда тавонистанд. Аммо тоҷикон, ки маданияти чандин ҳазорсола ва адабиёти ҳазорсолаи зинда доранд, бисёр суст меҷунбанд.

Дар поёни гап ҳаминро гуфтан даркор аст, ки то ҳол дар байни тазкира ва таърихчиёни шарқ ва ҳам шарқшиносон дар бораи ватани Рӯдакӣ ихтилофе буд. Ӯро баъзеҳо аз Бухоро ва баъзеҳо аз Самарқанд мегуфтанд.

Ман аз рӯи тафтишоти охиринам, аз рӯи як ривоят, ки ровиаш астарободӣ буда дар Самарқанд зиндагонӣ карда, дар ҳамон ҷо

баъд аз 60 соли вафоти Рӯдакӣ мурдааст ва қабри Рӯдакиро зиёрат кардааст, қарор дода будам, ки Рӯдакӣ аз Самарқанд аст. Чунки ин ровӣ аз қарияи Рӯдаки Самарқанд мегӯяд.

Аммо ман паи тафтиши дар кӯчои Самарқанд будани деҳаи Рӯдакӣ афтодам. Дар наздикӣ дар вақти ремонти ҳавлӣ ба кори ман як мардикори моғиёнии фарбеҳе омад, ки аз райони Панҷакент аст. Ман аз вай номи деҳаҳои ба онҳо наздикро пурсидам. Маълум шуд, ки Рӯдак ва Панҷрӯд - Панҷрӯдак (ҳамаи инҳо ба Рӯдакӣ дахл доранд) дар кӯҳистони Панҷакент будааст. Ман ин маълумоти ҳавоиро ба котиби райкоми Панҷакент навишта тафтишро хоҳиш кардам. Котиби райком шахсан ба хонаи ман омада, ин маълумотро тасдиқ кард.

Ҳоло бо ташаббуси ман як экспедитсияи тадқиқотӣ аз тарафи базаи тоҷикистонии Академияи илмҳо ва Комиссариёти маорифи Тоҷикистон ба он ҷо фиристода шуд. Умедворам, ки ин экспедитсия маълумоти равшани расмие биёрад.

Дар ин сурат дар илм ва адабиёт як кашфиёти калон ба вуҷуд меояд.

Бояд тоҷикон аз ҳамин рӯз сар карда барои 1952, ки дар вафоти Рӯдакӣ ҳазор сол пур мешавад, тайёрӣ бинанд. Аммо намедонам, ки чӣ кор карда метавонанд.

Ба рафиқ Бону ва бачагон аз аъзои оилаи ман саломи гарму ҷӯшон. Хоҳаратон барои тайёр шудан ба Узгу (Институти Давлатии Ӯзбекистон) ба курси тайёрӣ даромад. Аммо сиҳатиаш хуб нест, намедонам муваффақ мешавад ё не. Аз ӯ ба шумо ва мӯҳтарам Бону саломи махсус аст. Бо саломи рафиқона: Айнӣ. Номи кӯча ва нумури ҳавлии ман дигар шуд:

Самарқанд,
ул. Лаби Ғор, дом номир 103/а
Айнӣ.

73.

Аз Москва ба Самарқанд,
26 октябри 1940

Мӯҳтарам устод Айнӣ, салом!

Ҷавоби хататонро дер навиштам. Гунаҳкорам, бубахшед.

Сабаб бемории ҳама хонавода, ба илова корҳои таъҷилӣ буд. Аз ширкати шумо дар ҷашни Камина бисёр хурсандам. Намедонам аз Тоҷикистон нависандагони дигар ҳам иштирок карданд ё на. Ба фикри ман барои онҳо таҷриба мешуд. Дар бораи ҷашни Анварӣ, Рӯдакӣ ва даҳҳо нависандагони пуразамати тоҷик, ёдовариҳо ва маслиҳатҳои шумо (бидуни риёкорӣ) қимати калон доранд. Фақат бояд кӯшиш кунем, ки ба ин гуна иқдомҳои олӣ ҳама ҷомеаи советии республикаамон алоқаманд шаванд. Бидуни ширкати ҷиддӣ бо алоқа ва боварии тагидилӣ, ин хел корҳо ноқис монда, дуруст ба анҷом намерасад. Базаи Академияи улум, Комиссариёти маорифи халқӣ, нашриёти давлатӣ, Союзи нависандагон, ташкилоти партиявӣ ва ҳукуматӣ, музей, китобхона ҳама ва ҳама бояд ба ин гуна ҷашнҳо - ҷашнҳои намоиши ифтихормандии таърихи халқи озоди тоҷик, ҷашни намоиши ҳосилот ва натиҷаҳои Инқилоби кабири советии ӯктобр иштирок кунанд. Масалан, магар рассомон, композиторҳо, коркунони театр ва инҳо барин мардумон ба чунин ҷашнҳо иштирокашон даркор не? Аммо ҳамаи ин корҳо, беҳтар гӯем, ҳеҷ кадом аз онҳо худсарона натиҷаи хуб намедиҳад. Ҷамъияти нависандаҳо бояд ин корҳоро ба таври ташкилоти идора ва раҳбарӣ кунад. Раҳбарӣ ва ёрии партия ва ҳукумат ҳамеша буда ва ҳаст. Бояд умедвор буд, ки союзи нависандагон баробари кашф кардани "ғайбҳои бузург"-и мо ба ин хидматҳои лозима ҳам чунон ки бояду шояд иқдом мекунад.

Нависанда ва шоири ҷавони мо Юсуфӣ дар мақолаи худаш (дар "Тоҷикистони сурх", 19 ӯктабр) лирикаи маро мухолифи ахлоқи ҷавонони советӣ муаррифӣ кардааст. Чаро ки дар он аз ишқ сухан меравад. Аз он ҷо ки шумо синнан аз пирони советӣ ҳастед, ман ҷуръат мекунам, ки ғазали дар сонотурӣ гуфтагиамро бароятон бифиристам. Чунон ки хоҳед дид, дар он на самолют, на тӯп, на тонк, ҳатто як чоку ҳам нест. Аммо дар он дил ҳаст, ишқ ҳаст, ки барои тайёрачиёни советӣ, тӯпчиён, тонкистҳо ва ҳама мудофиони ӯктабри Кабир доштанашон воҷиб аст ва онҳоро доранд ҳам.

"Уштур ба шеъри араб, дар ҳолатасту тараб,
Ту худ чӣ ҷонварӣ, к-аз шеър бехабарӣ..."

Дар ин ҷо "к-аз ишқ бехабарӣ" гуфтани соҳиби байт даркор буд.

Бо саломи бародарӣ
Лоҳутӣ.

74.

Аз Москва ба Самарқанд,
30 октябри 1940

Устоди мӯҳтарам Айнӣ, салом!

Аз омадани "Ятим" ва "Одина" ба хонаи амакашон бисёр хурсанд ҳастам. Ду касро, ки тавонанд намунаи ҳамаи халқи заҳматкаши тоҷик бошанд, беҳтар дидам, ки аз фарзандони шумо гирам. Ин аст, ки онҳоро даъват кардам. Онҳоро бад пазироӣ накардам, ки?...

Хайр, ба ҳамаи аҳли хонаатон аз ҳама хонаводаи ман салом.

Лоҳутӣ.

75.

Аз Москва ба Самарқанд,
7 ноябри 1940

Устоди мӯҳтарам!

Имрӯз аз рӯзномаҳои Тоҷикистон фаҳмидам, ки дар муқобили хидматҳои чандинсолаатон, хидматҳои пурбаҳо ва барои халқи советӣ зарур, ба номи шумо монанди олими хидматнишондода илова кардаанд. Мехоҳам бигӯям, ки хидматҳои илмии шумо, ки адабиёт, забон ва таърихи тоҷикро боигарии бузург додааст, баҳои ҳақиқӣ аз тарафи партия ва ҳукумати советӣ гирифт. Ин ба ҳамаи меҳнаткашони Тоҷикистон хурсандӣ медиҳад, махсусан ба дӯстони шумо шараф ва сарбаландӣ аст. Азбаски дер хабарро шунидам (чунон ки дар боло навиштам, газетаҳоро ҳамин рӯз гирифтам) фиристодани телгрофро ҳам дершуда ҳисоб кардам. Албатта, мебахшед. Ман ба василаи ин хат табрики самимонаи худро ба шумо тақдим карда, аз дилу ҷон дасти шуморо фишурда, бисёр зиндагӣ кунед ва бешумор ба халқи советӣ фоидаҳои

илмию адабӣ диҳед, мегӯям. Ин орзуи ҳақиқии ман аст. Риё нашавад гуфта беш аз ин чизе наменависам.

Бо салом ва иродат
Лоҳутӣ.

76.

Аз Самарқанд ба Москва,
24 ноябри 1940

Рафиқи мӯҳтарам, устод Лоҳутӣ!

Мебахшед, ки бо монеаҳои гуногун, ба шафқатномаҳои гуногуни шумо то ҳол ҷавоб навишта натавонистам.

Аз ҳама пештар рухсат диҳед ба табрик ва изҳори шодмонӣ, ки ба муносибати ба ман дода шудани номи "Ходими хизматнишондодаи илм" кардаед, арзи ташаккури самимона намоям.

"Ҳадяи Заррина" ҳам дар вақти худаш расида буд. Алҳақ, "Одина" ва "Ятим"-и маро хуш пазирӣ кардаед. Худам ҳам "Одина"-ро яке аз меваҳои пешпазаки чорбоғи ҳаёти худ ва "Ятим"-ро яке аз беҳтарин асарҳои замонии худ мешуморам.

"Ҳадяи Заррина"-ро дар рӯзнома ҳам хондам. Маълум мешавад, ки коркунони редаксия ин хушпазироии шуморо написандидаанд ва ба ҷои "Ятим" -у "Одина" калимаи "фақерак"-ро гузоштаанд.

Шеър ва мактубе, ки ба номи Холида фиристода будед, дар вақти худ расида буд. Ӯ то ҳол арзи ташаккур накардааст: "Ман танҳо як чизи ноарзанда навиштам ва ба муқобили он аз тарафи падари маънавиям ин ҳама меҳрубонӣ дидам. Аммо шарм медорам, ки ташаккур кунам. Ҳар вақт ягон чизи дигар нависам, он маънои арзи ташаккур мешавад. Ҳоло дар нӯҳум класси мактаби русҳо хонда истодаам, наметавонам, ки чизи наве нависам" мегӯяд.

Дар бораи мақолаи Юсуфӣ таассуроти худро изҳор кардаед. Ман ҳам дар вақти хонданам он мақоларо мутаассир шуда будам.

Шеъри лирикие, ки ба ин муносибат бо он мактуб фиристодаед, ҳақиқатан ба авҷи аълои лирика баромадааст. Бо ин ҳама баландӣ, ин ҳама соддагӣ, ин шеър маро аз шавқ ба ҳаяҷон овард, ки мо ингуна намунаҳоро дар классикҳо надидаем. Ман наметавонам, ки дараҷаи софӣ, соддагӣ, равонӣ ва ба болои инҳо ин қадар баландии ин шеърро тақдир намоям. Фақат дар тавсифи ин шеър метавонам, ки аз як таъбир тадқиқотчиёни классик (агар фаромӯш накарда бошам аввали ин таъбирро Абдураҳмони Ҷомӣ гуфтааст) фоида барам, ин шеърр бо тамоми маънояш "саҳли мумтанеъ аст".

Азбаски дар байни мову шумо нифоқу риёро ҷое нест, як хӯшаро, ки дар ин мақтаи шеър ба хотирам расид, изҳор кунам. Ин дар мисраи "Покиза бидораш, ки ба ҳастӣ сабаб аст ин" аст. Ман гумон мекунам, ки дар байни ҳукамои қадим як ҳамин гуна ҷараён буда ишқро сабаби хилқат мешуморанд, баъзе мутафаккирони сӯфияи ислом ҳам ин назарияро бо таъбирҳои гуногун дар таълимоти худ даровардаанд. Ин таълимот бояд ба марксизм мухолиф бошад, лекин ман дар ҳақиқат на он назарияи ҳукамои қадим ва на марксизмро бахубӣ намедонам. Шумо инҳоро аз ман беҳтар медонед. Фикр карда бинед, ки агар дар ҳақиқат ҳамин гуна фикрҳо дар таърихи фалсафа бошад ва ба марксизм мухолиф бошад, дар вақти ба чоп фиристодан ин мисраъро ислоҳ хоҳед кард. Аммо агар ман дар ин фикри худ хато карда бошам, хатоямро бо самимият хоҳед бахшид.

Воқиаи наве, ки имсол дар таърихи адабиёти форс-тоҷик рӯй дод, ёфт шудани деҳаи Рӯдак (ҷои таваллуди устод Рӯдкӣ) ва қабри Рӯдакӣ аст. Маълум аст, ки то ҳол дар байни аҳли таърих ва тазкираҳо ихтилоф буд, ки Рӯдакӣ аз Бухорост ё Самарқанд. Ман дар вақти навиштанам "Намунаи адабиёти тоҷик"-ро фикри аввалиро тарҷеҳ карда будам. Аммо имсол, ки дар бораи Рӯдакӣ мақола навиштам ба асоси як манбаи арабӣ, ки ривояти худро аз Идрис ном нақл мекунад, қарор додам, ки аз Самарқанд аст ва ин Идрис Астарободӣ буда, умри худро дар Самарқанд гузаронидааст ва дар ин ҷо пас аз шаст соли вафоти Рӯдакӣ мурдааст, ҳам таърихи Астаробод ва ҳам таърихи Самарқандро навиштааст. Идрис мегӯяд, ки Рӯдакӣ аз қарияи Рӯдак аст. Дар

ҷои дигар мегӯяд, ки қабри Рӯдакӣ дар Панҷрӯдак аст, ки яке аз қарияҳои Рӯдак буда, дар навоҳии Самарқанд аст.

Аммо намедонам, ки ин Панҷрӯдак ва Рӯдак дар кучои Самарқанд бошад. Профессор Семёнов, ки имсол дар ин бора мақола навишт, дар мақолаи худ қайд кардааст, ки Рӯдак ва Панҷрӯд дар 15-километри шаҳри Самарқанд аст. Аммо ман бо пурсуков аз атрофи Самарқанд ба ин номҳо деҳае наёфтам ва ба тариқи ҳазл ба Деҳотӣ гуфтам, ки охир Рӯдак аз Панҷакат ёфт мешавад. Ин сухан зоҳиран ҳазл бошад ҳам ба ақидаи худам ҷиддӣ буд ва бинобар ин ба ҳамин асос тадқиқот бурдам. Имсол дар моҳи июл вақте, ки ҳавлии худро ремонт мекардам, як мардикорро ба кор овардам. Ӯ аз деҳаи Фароби Панҷакат будааст. Аз вай Рӯдак ном деҳаеро пурсидам. Ӯ тасдиқ кард, ки дар Панҷакат аст, аммо ӯ надидааст ва бобои ӯ, ки ҳанӯз зиндааст, дидааст, Панҷрӯд (Панҷрӯдак) ҳам дар ҳамон ҷоҳо аст. Инро ҳам шунидааст. Ман ин маъниро ба секретари якуми райкомпартияи Панҷакат - ба рафиқ Муҳаммадиев навишта, аз вай илтимос кардам, ки ин маълумотро пурсуков кунад. Ӯ баъд аз чанд рӯз шахсан пеши ман омада маълум кард, ки Рӯдак ва Панҷрӯд - ҳар ду ҳам дар Панҷакат ҳастанд ва аз маркази район тахминан 60-70 километр меоянд. Ман ин маълумотро ба Сталинобод ба Союз навишта илтимос кардам, ки як экспедитсияи расмӣ фиристонад. Аз ин ҷо аз базаи Академия Бузургзода ва аз Наркомпросс Гаррецкий ном як таърихшинос омаданд ва маро раҳбари экспедитсия қарор доданд. Азбаски барои баромадан ба болои кӯҳи баланд дили ман тоб надошт, ман ҳамаи маълумот ва нишонаҳоро ба онҳо дода фиристодам. Онҳо рафта қабри Рӯдакиро ёфтанд. Ба қишлоқи Рӯдак бошад Гаррецкий нарафта, танҳо Бузургзода рафта омад ва ҳардуи инҳо ҳам ҳамаи маълумотҳоеро, ки ман ёфта будам, тасдиқ карданд.

Аммо вақте ки Гаррецкий бо мухбири радиои Москва мусоҳиба кардааст, ҳамаи ин кашфиётро ба худ нисбат додааст. Ба қавли ӯзбекон "Тайёр ошга бакавул" (боварчии оши тайёр).

Ман имсол бо даъвати панҷакентиҳо 11 ноябр ба болои кори каноли Марғедар рафтам, ки дар кӯҳистон дар шаст километр дуртар аз маркази район фарҳодвор сангро буррида кофта

истодаанд. Дар ин ҷо ман бо панҷрӯдиён ва ҳам бо рӯдакиён мусоҳиба кардам. Рӯдакӣ дар байни онҳо бо унвони як олими 400 шутурдор (чунон ки дар тазкираҳо маълуманд) ва ба унвони уфорӣ (уфарӣ) ба маънии сознавоз машҳур будааст. Ҳатто мегӯянд, ки азбаски шутурдорӣ дар кӯҳистон душворӣ кардааст, Рӯдакӣ чанд вақт дар Самарқанд ва Бухоро кӯчида рафта будааст. Дар охирҳои умраш боз омадааст.

Акнун ба ман маънии таъбири манбаи арабӣ маълум шуд, ки дар вай Рӯдак ва Панҷрӯд (Панҷрӯдак) аз навоҳии Самарқанд шумурда шудааст. Ноҳия бо маънои арабиаш ба канори дур кор шумурда шудааст. Дар ҳақиқат ҳам Панҷакати то розмежевание, то соли 1925 яке аз районҳои (ноҳияҳо) Самарқанд ба шумор мерафт.

Ман дар сари кори канол бо бисёр колхозчиён мусоҳиба кардам. Номи қишлоқҳои онҳо диққати маро ҷалб кард: шумо аз куҷо? - аз Ҳуснобод, Шумо чӣ? - Нигинобод, шумо аз куҷо? Аз Майкада, Шумо чи? - Аз Зебон)Зебиён) ва ҳоказо. Ҳақиқатан районе, ки ба деҳаҳои худ ин гуна номҳои шоиронаро қабул кардааст, ҳақ дорад, ки монанди Рӯдакӣ як устоди номурдании шеъру музикаро расонад.

Дар вақти кори канал ягона роҳи кӯҳӣ, ки ба Рӯдак мерафтааст, муваққатан баста шудааст. Вагарна ман ба он ҷо ҳам мерафтам. Чунки Рудак аз сари канал 8 ё 10 километр будааст.

Ин кашфиёт хеле муҳим аст. Ба ҳама аҳли хонаводаатон аз худам ва аз ҳамаи аҳли хонаводаам саломи самимона.

Бо саломи рафиқона
Айнӣ.

77.

Аз Москва ба Самарқанд,
28 декабри 1940

Рафиқи мӯҳтарам, устод Айнӣ!

Гарчи масъалае, ки ба шумо навиштанӣ ҳастам, барои ман

ғамангез аст, боз ҳам бояд нависам, ки баъзе иштибоҳҳо сабаби каҷфаҳмӣ нашаванд.

Чанд ҳафта баъд аз чоп шудани "Хати халқи тоҷик ба раҳбари халқҳо рафиқ Столин" дар ҳамаи матбуоти Тоҷикистон, аз р. Миршакар як хат гирифтам. Дар он хат ба ман навишта буд, ки аз редаксия силаи шеъри "Хати халқ"-ро ба союзи нависандагон фиристодаанд, валекин аз онҳое, ки хатро ба назм даровардаанд, ягон кас ҳам дар Сталинобод нест, ки аз вай пурсанд, ки ҳар як чанд навиштаанд. Бинобар ин аз шумо ва Айнӣ мепурсанд, ин мушкилро ҳал кунанд. Ман барои вақт ба навиштани хат гум накардан як телегроф фиристодам, ки чанд хат аз ман буданро муайян кард. Аз он ҷо ки ман вакили дигарон набудам, чанд хат навиштани ҳар касро ба худаш вогузор кардам. Пас аз 8-10 рӯз якҳазору панҷсад сӯм аз пӯчта барои ман оварданд... Ба ғайр "аз Сталинобод, аз союзи нависандагон, гонорар барои хати халқ" ҳеҷ чизи дигар навишта нашуда буд. Ман фикр кардам, ки ин гонорарро ба ман ҳам монанди шоири советӣ мефиристанд, пас чаро онро монанди як порча нон ба гадо медиҳанд? Охир ду сӯму чанд тин барои ҳар мисраъ ба ман додан, он ҳам барои мисраҳое, ки дар "Хати халқ" гуфтаам ва аз ҳар ҷиҳат қабули оммаи партиявӣ ва советӣ пайдо кардаанд, як порча нон ба гадо додан аст. Махсусан ки асари моҳо дар ҳамаи матбуоти Тоҷикистон чоп шудааст. Ман ин масъаларо ба р. Миршакар навишта ва хусусан гӯшзад кардам, ки инро ба вай монанди раиси кумитети мудофиаи ҳуқуқи нависандагон менависам. Дар масъалаи аз рӯи чӣ ҳисоб тақсим кардани гонорар як калима нанавиштаам ва ба сарам ҳам ин хаёл наёмад, чаро ки асосан чанд сӯм будани гонорар барои тамоми хатро намедонистам ва донистан ҳам мумкин набуд, чаро ки такрор менависам, инро ба ман нанавишта буданд, ғайбдон ҳам нестам. Мана, ҷавоби хати маро Миршакаруф чӣ менависад.

"...Домулло Айнӣ навишта буданд, ки:

- Муаллифон баробар барои навиштани мактуб вақтро сарф карда буданд. Масалан Раҳимӣ чандин бор мактубро аз нав чоп кард ва хатоҳои техникии онро дуруст кард. Вақти бисёри худро барои он сарф карда, бо вуҷуди он аз Раҳимӣ дар он ҷо зиёда аз

25 мисраъ нест. Бинобар ин ҳаққи қаламро ба таври зер тақсим карда шавад. Ба домулло Лоҳутӣ 70 фоиз, ба ману Раҳимӣ 15 фоизӣ ва ғайра..."

"Мо ҳам таклифи домулло Айниро рад накарда ва ба розӣ будани шумо ҳам боварии калон пайдо карда (мебинед рафиқи мӯҳтарам, боварии калон!) пули мазкурро ба тариқи зер тақсим кардем (мувофиқи талаби домулло Айнӣ):

1. Лоҳутӣ аз рӯи 70 фоизӣ 1463 сӯму 80 тин.
2. Айнӣ аз рӯи 15 фоизӣ 314 сӯму 10 тин.
3. Раҳимӣ аз рӯи 15 фоизӣ 314 сӯму 10 тин.

Ҷамъулҷамъ ду ҳазору нӯҳсаду чаҳор сӯм.

(Рафиқ Айнӣ агар дар ҷамъулҷамъ хатои ҳисобӣ ҳаст, кӯтоҳии ман нест. Ман айнан купияи хати р.Миршакаруфро навиштам). Миршакар давом дода менависад:

"Замоне ки шумо бо ин тақсимот розӣ набошед, ба бухгалтер фармон додам, ки 400 сӯми боқимондаи шуморо фиристад, он вақт дар союз 204 сӯми дигар мемонад, ки домулло Айнӣ ва Раҳимӣ дар байнашон, чӣ тавре ки хоҳанд, тақсим кунанд."

Акнун устод Айнӣ аз шумо мепурсам то ҷавоб (диҳед): ба кадом ҳисоб ҳаққи ҳалами 600-у чанд мисраъи ман, ки дар ҳамаи матбуот чоп шудаанд, ҳазору понсад сӯм шудааст? Ин бояд бошад? Ман то вақте, ки хати Миршакарро гирифтам, на аз хати шумо ба вай ва на аз таклифи шумо ва на аз шакли тақсими гонорар аз ҳеҷ кадомашон хабар надоштам. Ин ҷавоби Миршакар ба ман қадре бештар аз сӯитафоҳум нест? Хайр, ин телгроф фиристодам, ки фармони худро дар бораи фиристодани 400 сӯм иваз кунад. Чаро ки ин фармон бехабар ва ризоияти ман шудааст.

Акнун ду калима дар бораи сарф кардани вақт. Устоди мӯҳтарам чанд шаб нахобидани ман дар дачаи совноркум дар Столинобод барои навиштани "Хати халқ" ба худи шумо маълум аст. Шумо ҳам нахобидед. Илова бар ин ки хатро шахсан худам ҳам дар Столинобод ва ҳам дар дача дикта карда, чоп кунондам (охир мошинистка дар хонаи шумо чанд рӯз ба сар бурд ва хатро муқарраран навишт) дар Маскав ҳам барои тарҷума кунондан, тарҷумаҳоро дигар кардан, як 5-6 мартаба аз нав чоп кунондани асл ва тарҷума се моҳ ҳамаи вақтамро додам. 3 мартаба рафиқаам

Бону тарҷумаи нашри хатро барои мутарҷимҳо навиштааст, дар тамоми кори тарҷума ширкат кардааст. Як тин ҳам на талаб кардаасту на талаб мекунад. Гумон мекунам ҳамаи мо ин корро мисли ҳурмат ба халқ анҷом додем ва аслан дар хаёли гонорар набудем. Аммо вақте, ки медиҳанд, бояд мисли садақа надиҳанд, вассалом.

Ҷавоби хати шуморо фаромӯш накардаам, қарзнокам. Мебахшед, ҳамин ду рӯз-ба менависам.

Бо салом ва эҳтиром
Лоҳутӣ.

78.

Аз Самарқанд ба Москва,
15 феврали 1941

Рафиқи мӯҳтарам Лоҳутӣ!

Ман тамоми ин зимистонро дар мусофират гузаронидам. Аввалҳои декабр ба Тошканд ва Бухоро рафта, шеърҳои тоҷикии Навоиро ғундоштам. Дар бозгашти ин сафар чанд рӯз дар хона монда, маҷмӯаи Навоиро, ки дар тоҷикӣ тартиб дода будам, бо шеърҳои мазкур пурра карда ба Тоҷигиз фиристодам.

Баъд аз он фаврӣ боз Тошканд рафтам, чунки рафиқони ӯзбек дида баромадани луғатҳои Навоиро, ки аксаран форсӣ ва арабӣ буда ба чоп тайёр нашуда буд, ба ман ҳавола карда, маро ба Тошканд даъват карда буданд.

Ин дафъа дар Тошканд 17 рӯз монда кори луғатро иҷро кардам. Дар аснои ин кор маро ба Сталинобод ҷеғ заданд. Аз Тошканд рост ба Сталинобод рафтам, Миршакар набуд ва ман аз дигарон масъалаи ҳаққи қалами "Мактуб"-ро шунидам. Ман пеш аз он, ки маълумоти дар ин бора аз Сталинобод гирифтаамро арз кунам, воқеаи ба ин кор тадохул кардани худамро маълум намоям. Магар дар моҳи ноябр буд, ки аз Миршакар ба ин мазмун як мактуб гирифтам (кӯтоҳ карда медиҳам) "Редаксия ҳаққи қалами "Мактуб"-ро ба союз дода, тақсимашро аз он пурсид. Ҳозир дар Сталинобод касе аз иштироккунандагони мактуб нест.

Шумо маслиҳат диҳед, ки ба чӣ тариқа тақсим намоем..." Дар мактуби Миршакар чӣ қадар ва барои ҳар сатр чанд сӯм таъин шудани ҳаққа қалам навиштагӣ набуд.

Ман дар ҷавоби мактуби Миршакар ду таҷрибаи кори коллективиро, ки пештар аз сар гузаронида будам, ба назар гирифтам: яке "рапорте" буд, ки дар соли 1936 навишта будем. Дар он "Мактуб" аъзои коллектив на аз ҷиҳати сарфи вақт ва на аз ҷиҳати адади маҳсулот баробар набуданд. Бинобар ин ман дар он вақт ба фоиз тақсим карда будам. Ба Ҳамдӣ, ки кори бисёрро ӯ карда, вақти бисёрашро ҳам ӯ сарф карда буд, 50 фоиз, ба худам, ки ҳарчанд вақтро баробар сарф карда дар музокираи ислоҳот иштирок карда бошам ҳам, ба сабаби маҳсулотам камтар будан 25 фоиз, ба Раҳимӣ 15, ба Турсунзода 10. Дигар таҷрибаи кори "Оби ҳаёт" буд. "Оби ҳаёт"-ро рафиқон дар Самарқанд навиштанд. Пеш аз сар шудани кор ман ба онҳо (Деҳотӣ, Турсунзода, Юсуфӣ) эълон кардам, ки мо ҳаққи қаламро баробар тақсим мекунем, ҳарчанд, ки маҳсулоти мо баробар набошад. Ҳарчанд маҳсулоти худам аз нима зиёдтари он достон буда ва азони рафиқони дигар ҳам аз як дигарашон бо тафовут буд, ман он ваъдаи худро ба амал овардам. Чунки ҳамаашон баробар вақт сарф карда буданд.

Ман дар тақсими ин ҳаққи қалам як роҳи байн-байнро гирифтам: на баробари маҳсулоти ҳақиқии ҳар кас ва на тамоман ҳамаро баробаршуморӣ. Ба ин тариқа 1 (ҳаққи қалами Турсунзода ва Суҳайлӣ, ки маҳсулоти онҳо дар қисми охири мактуб дарҷ шудааст ва тахминан 25 фоизро ташкил мекунанд, 25 фоизи умумии ҳаққи қалам. Барои рафиқ Лоҳутӣ, ки гӯё ҳамаи боқимондаи мактубро навиштаанд ва дар Маскав ҳам барои илова ва ислоҳи вай бисёр вақти худро сарф карааанд, 70 фоизи бақияи ҳаққи қалам, ба Раҳимӣ, ки ғайр аз чанд мисраъ дар ин мактуб иштирок надорад, бо ҳамаи ин дар дача чанд рӯз бо мо истода бедорхоб шудааст ва ҳам бори дуввум ба мошинка чоп шудааст) ин мошинка дар моҳи январи соли гузашта шуда буд, ки баъд аз ислоҳи дуввуми шумо дубора чоп кардан лозим шуда буд) 15 фоиз, ба ман ки дар ин мактуб он қадар иштироки дуруст надорам, дар қатори Раҳимӣ 15 фоиз (ҷавоби худро ҳам дар ин

чо хулоса карда нақл намудам).

Дар охири мактуб ба Миршакар навиштам: Союзро лозим аст, ки аз ҳамаи журнолҳо ва газетаҳо хоҳ районӣ бошад, хоҳ маҳаллӣ, ки ин мактуб нашр шудааст, ҳаққи қаламро рӯёнида ба тартиби мазкур тақсим намояд. Чунки мудофиаи ҳуқуқи авторӣ ба зиммаи Союз аст (ва ҳол он ки ман дар он вақт на миқдори ҳаққи таҳрир ва додан ё надодани журнолҳо ва газетаҳоро намедонистам ва мактубҳои шумо ҳам ба ман нарасида буданд). Вақте ки ман ба Сталинобод рафтам, (Миршакар ба Қирғизистон буд) Деҳотӣ ба ман ҳикоя кард, ки газети "Тоҷикистони сурх" фақат ба ҳар мисраъ се сӯм додааст, дигар журнолҳо чизе надодаанд ва гуфтаанд, ки "бухголтерияи мо як аст".

Албатта ман хотирнишон кардам, ки ин кори газет тамоман беқонунӣ аст. Мебояд, ки редаксияи "Тоҷикистони сурх" мувофиқи тариф пурра диҳад ва журнолу газетаҳои дигар ҳам мувофиқи қонун ва мисли он ки чопи дуввум кардаанд, бояд шаст фоиз диҳанд.

Рӯзе Раҳматзода (муҳаррири "Тоҷикистони сурх") дар роҳе ба ман вохӯрд, ман ба ӯ масъалаи ҳаққи таҳрири "Мактуб" ва умуман дар ҳар мисраъ чанд сӯм тариф буданро аз ӯ пурсидам. Ӯ гуфт, ки дар вақти ба мактуб ҳаққи таҳрир додан тарифи мо дар ҳар мисраъ се сӯм буд, аммо баъд аз он ба 5-сӯмӣ баровардем.

Ман гуфтам баъд аз чоп шудан ба газети шумо дар журнолҳо ва газетаҳо дигар чоп шавад, чӣ медиҳетон ва ба ин мактуб чӣ додетон? Ӯ гуфт: Мо то ҳол танҳо аз як газет ҳақ дода омада истодаем ва ба дигар чопҳояш надодаем. "Чунки бухголтерияи мо як таст". Ман ба ин беқонунӣ ӯро сахт танқид кардам ва ӯ мутасаддӣ шуд, ки бақияи ҳаққи таҳрири "Мактуб"-ро (то 5 сӯм) диҳад ва аз чопҳои дигар ҳам рӯёнад.

Чӣ қадр аҳамияти амалӣ доштани ин қавли ӯро ман намедонам, аммо ҳамин қадар маълум шуд, ки онҳо аз кори кардагиашон сахт дар хиҷолат мондаанд. Албатта дар ин кор вазифашиносии роҳбарони союз, ки ҳуқуқи авториро мудофиа накардаанд, айбдор аст. То он вақт ман мактубҳои дар ин бора

ба ман фиристодаи шуморо надида будам. Вақте, ки (14 феврал) аз Сталинобод ба хона омадам, мактуби ба номи ман навиштаатонро, ҳам нусхаи мактуби русиро, ки ба Миршакар навишта будед, дидам. Гумон мекунам, ки фикрдавониҳои пешакии ман дар бораи нодуруст вазъ карда шудани ҳаққи таҳрир ба ин мактуби шумо ҷавоби амалии пешакии шумо ва дар ин бора ба фикри шумо ҳамроҳ будани маро нишон медиҳад. Албатта тақсими ман ҳам дар ҳақиқат нодуруст буд, лекин ман ин нодурустиро дида ва дониста кардам, чунки он фоизҳо нисбат ба мо ва шумо он қадар аҳамият надоранд. Оне ки муҳим аст ин аст, ки ин ҳодиса мувофиқи зарбулмасал ва мақоли ӯзбекон "Қорним учун йиғламайман, қадрим учун йиғлайман" (барои шикам гиря намекунам, аммо барои қадри манзалатам гиря мекунам) шуда баромад, ки ман ин ҳолро ба онҳо пешакӣ (пеш аз дидани мактуби шумо) ҳоле ва хотирнишон карда будам.

Бо салом ва эҳтироми дӯстона:
Айнӣ

Самарқанд,
Лаби Гор, 103/а
Айнӣ.

79

Аз Сталинобод ба Самарқанд,
12 марти 1941

Рафиқи мӯҳтарам устод Айнӣ!

Дар роҳ рафиқ Деҳотӣ гуфта буд, ки шумо бояд ҳоло дар Сталинобод бошед. Бинобар ин хату телегроф нафиристодам. Аммо падарашон дар вокзали Самарқанд гуфтанд, ки устод Айнӣ дар хонаи худашон нишастаанд. Аз як тараф афсӯс аст, ки ба шарафи мулоқоти шумо ноил нашудам. Аз тарафи дигар хурсандам, ки аз ин манзили ифлосу дарди сарҳои бефоида дур ҳастед. Шодмонии калони ман аз тайёр шудани Даҳаи санъати Тоҷикистон аст. Дар ҳар ҳол рӯзи 22-23 ҳамин моҳ ба Маскав меравем. Умед дорам, ки дар он ҷо ба хидмати шумо бирасам.

Мебахшед, ки қоғаз дар сари даст нест. Хайр, марҳамати шумо ки калон бошад, хурдии қоғаз зарар намерасонад.

Бо салом ва эҳтиром
Лоҳутӣ.

80.

Аз Сталинобод ба Самарқанд,
26 августи 1942

Дар ин қарибӣ аз фронт ба номи рафиқ Деҳотӣ мактубе омада буд. Мазмуни мактуб барои ҳамаи мо ғамовар аст дар бораи қаҳрамонона ба ватан хидмат карда истода ҷон додани рафиқи боистеъдоди мо, яке аз беҳтарин шогирдони шумо - драматурги ҷавони тоҷик Абдушукур Пирмуҳаммадзода мебошад. Ин талафот барои Союзи Нависандагони Советии Тоҷикистон хеле гарон аст. Ин талафот барои халқи мо хеле қимат аст, вале дар баробари ҳамаи ин талафот ғазабу кинаи халқи советиро, дар он қатор ғазабу адовати мо аҳли қалами Тоҷикистонро нисбат ба душмани ғаддори инсоният - гитлерчиёни лаин шиддатноктару болотар мекунад. Албатта барои бародари қаҳрамони марҳум ва падару модари вай ин хабари ҷонгудоз аст. Мо ҳанӯз ин хабарро ба онҳо нарасондаем, интизори омадани Деҳотӣ будем. Рафиқ Деҳотӣ дар ин рӯзҳо бояд ба Самарқанд бирасад. Зеро ки мо аз Куйбышев телеграммаи ӯро гирифтем.

Ҳоло мактуби ба номи рафиқ Деҳотӣ расидаро ба шумо фиристода хоҳиш мекунам, ки аз номи мо ба аҳли аёли марҳум таъзия расонида, ба ғами онҳо шарик буданамонро маълум намоед.

Бо салом ва эҳтиром:
Лоҳутӣ, Турсунзода, Миршакар,
Неъматуллоюф, Бону, Икромӣ,
Суҳайлӣ, Аминзода, Ниёзӣ ва диг.

81.

Аз Самарқанд ба Москва,
21 июли 1946

Фозили мӯҳтарам, Рафиқ Лоҳутӣ!

Аввало рухсат диҳед, ки ба муносибати бо хушӣ қабул карданатон бародарзодаатонро ва ёрмандӣ карданатон ба ӯ, шахсан аз тарафи худ ва аз тарафи хоҳаратон арзи ташаккур намоем. Дуввум ба мӯҳтарам Бону саломи худ ва саломи шогирдонатонро мерасонам. Саввум Атия, Далер ва бародарашонро мебӯсам ва аз ҷониби ман бӯсиданатонро аз шумо илтимос менамоям.

Аз рӯи гуфтаи Камол дар байни шумо ва баъзе эрониён бар болои калимаи "ҷангара" мубоҳиса рӯй додааст. Онҳо гӯё ба шумо эътироз мекардаанд, ки калимаи мазкур сирф калимаи тоҷикӣ аст, ба забони форс-эрон ҳеҷ алоқа надорад.

Фақир ингуна эътирози он касонро шунида тааҷҷуб кардам. Ҳарчанд дар "Шоҳнома" ва дар дигар ашъори шоирон ва устодони форсизабон диданам, ин калимаро дар ёдам нест, аммо бо далелҳои раднопазир исбот карда метавонам, ки ин калима моли холиси умуми форсизабонон аст.

Далели ман ба тарзи зерин аст: ҷои инкор нест, ки калимаи"ҷанг", ки решаи калимаи мазкур аст, аз рӯзи баромадани форсии ҷадид то имрӯз ҳам дар Эрон ва ҳам дар Тӯрон кор фармуда шуда омадааст. Инчунин муштақоти ин калима масалан "ҷанговар", ки исми сифатии мусбати ин калима аст, инчунин "ҷангтоҳ", ки исми макон аст ва инчунин "ҷангҷӯй", ки исми сифатии манфии ин калима аст, умумианд.

Акнун мо калимаи "ҷангара"-ро таҳлил карда мебинем: "ҷангара" монанди "коргар" исми сифатии умумии ин калима аст, ки тамоман ба қоидаи забони форсӣ мувофиқ аст ва ҳар касеро ки ҷанг мекунад, "ҷангар" гуфтан мумкин аст.

Қоидаи дигаре дар забони форсӣ ҳаст, ки мувофиқи он ҳар гоҳ исм ё сифати умумиро ба як чиз ё ба ягон гурӯҳ махсус кардан хоҳанд, дар охири он калима часпаки "а" ё "ак"-ро мечаспонанд. Чунончи, "девор", ки маънии маълум дорад, вақте ки вайро ба

асотираи даруни чоҳ ё ба давродаври кӯҳ махсус кардан хостанд "девора" гуфтанд, ки мо ҳеҷ гоҳ аз ин калима маънии "девор"-и маълумро намефаҳмем ё ин ки калимаи "оташгир" ба ҳар чизу ба ҳар касе, ки қобилияти оташро гирифтан дошта бошад, содиқ меояд. Вақте, ки хостанд ин калимаро ба олати оҳанини маълуми оташбардор махсус кунанд, бо иловаи "ак" "оташгирак" гуфтаанд. Инчунин калимаи "тар" ба ҳар чизе, ки тарӣ, обият дошта бошад, рост меояд. Вақте, ки мардум хостанд ин калимаро ба сабзавоти махсус хос кунанд, "тара" гуфтанд.

Монанди ин калимаи "ҷангара", ки маънии умумии"ҷангкунанда" дошт, хостанд ба касе, ки бебоист (ё бо сабабҳои сохта) бо одамон ҷанг мекунад ва ҳамеша барои ҷанг сабабҳо омода менамояд, хос гардонданд, ба ин калима часпаки "а" илова намуда "ҷангара - ҷанг-гара" гуфтанд.

Мувофиқи қоидаи дигари забони форсӣ, ки ҳар гоҳ дар калимаҳои мураккаб ду ҳарф аз як ҷинс ё ҳарфи қариб алмахраҷ дар як ҷо ояд, яке аз онҳоро хазф мекунанд. (Чунончи сафедор ба маънои дарахти маълум, ки дар асл сафеддор буд, ё ин ки "ягона" ки дар асл "як-гона" буд) яке аз ҳарфҳои "г"-ро ҳазф карда "ҷангара" гуфтанд ва аз ин калима маънии ҷангкунандаи манфӣ - бадро ифода намуданд(тоҷикон ин калимаро чунон, ки ба одами ҷангҷӯй ба маънои манфиаш кор мефармуданд, инчунин ба хурӯс, ба тагал (қӯч) ва монанди ингуна паррандагон ва ҳайвонот ҳам, ки зиёда ҷангдӯст бошанд, кор мефармоянд).

Дар ҳар ҳол ин гуна калимаҳо, ки ҳеҷ набошад ҳамаи муштақоташ дар адабиёт ва гуфтугузори ҳамаи форсизабонон кор фармуда мешаванд ва сохташ тамоман мувофиқи қоидаи забони форсӣ аст, аз оилаи забони форсӣ бароварда партофтан - дониста ё надониста забони худро танг кардан аст.

Ман дар тааҷҷуб мондам, ки шумо то ҳол китобчаи "Дар бораи Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ" навиштаи маро надидаед. Ман дар охири ин китобча як қисм луғатҳоеро, ки баъзе эроният луғатҳои махсуси тоҷикӣ медонанд, аз "Шоҳнома" ёфта дарҷ кардаам, ки аз назар гузарониданаш бефоида нест. Ба ин муносибат ба ин китобча як нусха ва инчунин аз "Муқаннаъ" ва "Темурмалик" ном китобчаҳое, ки дар айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ чоп шуда

буданд, як нусхагӣ бо бандерол ба хидмат фиристодам. Умед аст, ки қабул фармоед.

Дигар чизе, ки шумо аз Камол пурсидед, давои дарди пой аст. Маълуми шумост, ки ман дар Сталинобод дар охирҳои соли 1939 сахт дарди пой шуда будам. Вақте ки ман аз он ҷо баргашта ба хона омада ба духтурони таҷрибакори Самарқанд худро муоина кунондам, онҳо бемории асосии маро "грипп" ва дарди поро аз асари таҷовузи он (аслажнения) қарор дода ва мувофиқи ин дарёфти худ онҳо аз як тараф грипп даво дода бошанд, аз тарафи дигар барои дарди по бо арақ - ё бо спирт об омехта тарбандӣ (компресс) фармуданд.

Вақте ки ман дар ду се рӯз се-чор бор бо арақ (водка) тарбандӣ кардам, пеш аз рафъ шудани грипп дарди по бартараф шуд. Ғайр аз ин барои дарди пои худ давои дигаре ба кор бурданамро ёд надорам.

Баъзан дарди по бо таъсири ангина пайдо мешавад, дар ин сурат давои он сӯзондан ё бо амалиёти ҷарроҳӣ дур кардани ангина аст, ки ҳам дар таҷрибаи бемории бачагонам дар назди ман собит шудааст.

Холида имсол шӯъбаи адабиёти дорулфununи Ӯзбекистон УЗГУ (дар Самарқанд) дар гурӯҳи русӣ ба сифати аъло тамом намуд. Дар кори дипломиаш дар бораи "Шоҳнома" бо забони русӣ чизе навишт, ки ба вай Бертелс баҳои хеле хуб дод.

Акнун ӯ мехоҳад, ки дар Москва дар Институти шарқшиносӣ, ки ба тозагӣ кушода шудааст ва роҳбарии шарқии вай дар дасти Бертелс мебошад, ба сифати аспирант хониши худро давом диҳад. Аммо аз он ҷо, ки мизочи Холида хеле суст аст, ҳам имсол бисёр монда шуд ва инчунин ҳавои Москва бисёр сахт аст ва ба болои ҳамаи инҳо дар хобгоҳи умумӣ зиндагонӣ кардани ӯ қариб мумкин нест, ман дар ин кор ризоӣ надодам. Аммо ӯ бо инодкории сахт ин корро талаб мекунад.

Ман аз ин вазъ хеле ба душворӣ афтодаам ва маҷбур шудам, ки аз шумо пурсам, ки барои ӯ дар Москва истиқоматгоҳи як дараҷа оромона ёфтан мумкин аст ё на?

Агар шумо ба ин пурсиши ман лутфан дар ҳамин наздикиҳо ҷавоб мефиристодед, маро боз як бори дигар аз худ миннатдор

мекардед.

Дар охири мактуб боз як бори дигар ба шумо ва ба Бону изҳори ташаккур намуда, хушбахтии бачагонро хоҳиш мекунам.

82.

Аз Самарқанд ба Москва,
17 октябри 1946

Фозили мӯҳтарам рафиқ Лоҳутӣ!

Баъд аз саломи самимона, он ки дар 17 моҳи август ба мазмуни он, ки китобҳо расиданд, аз шумо як телеграмнома гирифта будам. Дар телеграмнома ҳамин ҳам қайд ёфта буд, ки "ҷавоб ба мактуб аст". Аз ҳамон вақт то имрӯз, ки 17 октябр аст, мунтазири мактуби муҳаббатуслуб шудам, аммо ба мутолиаи он мушарраф нагардидам ва яқин ҳосил кардам, ки бояд мактуб дар роҳ гум шуда бошад. (Чунончи Камол аз Ленинград 5 мактуб навиштааст, ба ман танҳо се то аз онҳо расид).

Баъд аз он лозим донистам, ки нарасидани мактубро хабар диҳам, то ки дар он мактуб матлабе бошад ва аз ман ҷавобе нашавад ва ин ҳодиса ҳамл ба бепарвоии фақир нашавад.

Камол 7 август Сталинобод рафта, аз он ҷо бо поезди таъҷилӣ рост ба Москва рафт (чунки аз Самарқанд ҷой ва билети роҳи оҳан ба даст даровардан аз имкон берун буд). Аз Ленинград мактубе гирифтам, ки менависад: се рӯз вагони мо барои таъмир аз қатор баромада дар роҳ монд ва 27-уми август ба Москва расидам, азбаски вақти таҳсил бисёр танг монда буд ва ҳам устод фармуда буданд, ки "ман то моҳи сентябр дар боғча хоҳам буд", рафта ба зиёрати эшон мушарраф шудан натавонистам.

Холида дар 18 моҳи август дар Тошканд рафта дар он ҷо имтиҳонҳои лозимиашро дода, ба аспирантураи САГУ даромад. Хаёл дошт, ки агар имсол профессор Бертелс зимистон ба Тошканд баргардад, (чунки ӯ ҳамин тарз гуфта буд) имсолро дар Тошканд гузаронад, вагарна дар паи таҳияи сафари Москва афтад.

Аз хабари охирин маълум мешавад, ки Бертелс ин зимистон

ба Москва нахоҳад омад ва хабари дигар низ расид, ки ӯ бемори сахт аст. Дар ҳар ҳоле, ки бошад, агар ба Тошканд баргашта наёмадани профессури мазкур муайян шавад, Холида маҷбур аст, ки зимистон ба Москва равад. Чунки дар Тошканд дар САГУ профессури шарқшиносе, ки ба адабиёти форсӣ роҳнамоӣ кунад, нест.

Лутфия дар ин ҷо дар Самарқанд дар синфи ҳафтуми гурӯҳи русӣ дар таҳсил давом дорад.

Ҳамшираатон имсол беҳтар аст. Дар айёми ҷанг, бинобар маҳрум мондан аз курорт ва муолиҷаи обҳои маъданӣ, дарди по ва озори дил хеле шиддат гирифта буд. Зимистони соли 44-45 бемориаш бисёр сахт шуда бистарӣ гардид. Ба духтурҳои гуногун табобат кунонда шуд. Охир духтури содиқе вохӯрд, ки асоси бемории ӯро дар ангинаи музмин ёфт ва дар ҳамин асос ба як профессуре, ки мутаххассиси ҳамин беморӣ буд, муолиҷа кунонданро маслиҳат дод. Дар ҳақиқат ин муолиҷа - амалиёти ҷарроҳии гулӯ, фоидаи калон бахшид ва беморӣ тамоман бартараф нашуда бошад ҳам, хеле сабук шуд. Имсол боз ҳам беҳтар аст. Албатта боз муолиҷаи дар обҳои маъданӣ зарур аст. Аммо ин кор мавқуфи осон шудани шароити сайру сафар аст.

Холида ҳоло дар Самарқанд аст, дар Тошканд мондан ё ба Москва рафтани ӯ то охирҳои ҳамин моҳ муайян мегардад.

Умедворам, ки маломати мизоҷи шариф ва сиҳатии ҳамаи аъзои оилаатон баркамол бошанд. Ба мӯҳтарама Бону саломи самимона расониданатонро ва аз пешонии фарзандони азиз аз ҷониби амакашон бӯсиданатонро хоҳишмандам.

Аз ҳамшираатон ба шумо ва рафиқаатон саломи пурэҳтиром расида бод.

Бо саломи рафиқона:

Айнӣ

Самарқанд,

Лаби ғор, ҳав. 103/а.

Аз аҳволи худ чизе нанавистам, зеро қувват ва сиҳатии касе, ки умраш ба ҳисоби ҳақиқӣ аз 70-солагӣ гузашта бошад, шарҳ ва эзоҳеро талаб намекунад.

83.

Аз Москва ба Самарқанд,
10 июни 1949

Ҳоло ҳозир аз рӯзномаҳо аз ҷашни бошарафи шумо хабардор шудам. Шуморо, инчунин тамоми халқи тоҷикро аз самими дил табрик мекунам.

Шумо бародари бузургворам, нависанда, олим - ходими ҷамъиятиро фикран ба оғӯш мегирам, мебӯсам, ба манфиати халқи шӯравӣ умри дароз, саломатӣ, комёбиҳои эҷодӣ хоҳонам.

Лоҳутӣ.

84.

Аз Москва, 11 майи 1953

Устоди назму наср, фозили мӯҳтарам Садриддин Айнӣ!

Аз он ҷо, ки табрикномаи бериёи ман ба идораи нависандагон нарасидааст, имрӯз онро дубора боисти ҳавоӣ бароятон фиристодам. Ин саводро ҳам барои худатон мефиристам ва аз дилу ҷон табрик мегӯям. Аз ҳама аъзои хонаводаам ба ҳама касони шумо салом ва табрик мегӯям.

Бо салом ва эҳтироми комил

Лоҳутӣ

85.

Аз Москва

Рафиқи мӯҳтарам устод Айнӣ!

Фақат имрӯз 20 моҳи август тавонистам ба Москва биёям. Хатро аз ин ҷо мефиристам. Аз дер фиристоданам маъзарат мехоҳам.

Бо салом ва эҳтиром

Лоҳутӣ.

86.

Аз Москва

Кай ва бо кадом поезд ба Москва меоед?

87.

(1937-1940)

Дар як ҷои мактубатон "қуфл (ё қулф) навиштаед. Ба ин муносибат чизе ба хотирам омад, ки ҳарчанд вақт танг бошад ҳам менависам: "Достони Вахш"-и маро ба Миршакар барои таҳрири сиёсӣ додаанд. Вай дар қатори эътирозҳои сиёсии беасосаш эътирози забонӣ ҳам кардааст ва ба ин далел овардааст, ки автор дар 72 саҳифа 124 эзоҳ додааст. Ва ҳол он ки ин эзоҳҳои ман бештарин дар бораи нешбанд, навбар, поёноб ва рағбанд барин калимаҳо буд, ки инҳоро деҳқононӣ бесавод медонанд, аммо ҷавонони "саводи сиёсинок" намедонанд. (Таҳрири забони карда чанд мисраъро вайрон ҳам кардааст).

Дар як асари дигари ман дар Тоҷигиз яке аз раҳбари шеърҳо калимаи "даҳанмард"-ро дидааст. Ва бо мактуб аз ман маънии инро пурсид. Ва ҳол он ки ин калима ҳам мисли калимаҳои боло дар ҳеҷ луғат набуда, танҳо дар даҳони мардум ҳаст, яъне тамоман халқӣ аст. Пеш аз навиштаҳои ман дар адабиёт нагузаштааст ва маънияш - даҳанмард одаме аст, ки касони дар атрофаш буда ба гапи вай медароянд ва дар вақти лузум ӯ аз тарафи онҳо монанди як вакили расмӣ гап задан мегирад. Даҳанмард аз даҳанкалон фарқнок аст. Даҳанкалон ҳамеша сифати салбии одамро ифода мекунад, аммо даҳанмард гоҳо дар маънии салбӣ ва гоҳо дар маънии эҷобӣ меояд. Акнун намедонам, ки ман бо ин раҳбарони забони тоҷик чӣ кор кунам. Инҳо забони адабии классикиро надонанд ва забони зиндаи халқиро надонанд ва маҷбур кунанд, ки "чизе навис, ки ман фаҳмам" дар ин сурат вой бар ҳоли ману монанди ман.

Боқӣ эҳтиром Айнӣ.

Аҷоиб дар ин ҷост, ки муҳаррири "сиёсӣ" Миршакар дар як ҷои тақризи худ "...мо материализм ҳастем" гуфтааст. Муҳаррири сиёсии "материалист", ки аз материализм то материалист фарқ накунад ва инро надонад, ки одам материализм намешавад, балки материалист мешавад, пас дар ҳаққи асар ва муаллифи он чӣ хоҳад накунад.

А.

ТАВЗЕҲОТ

1. Сарчашмаҳои матн: Архив фонди 18;

"Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ" (Минбаъд "Мукотиба")

Матни асосӣ: Архив фонди 18.

Ду ариза - ин ҷо муаллиф мактубро дар назар дорад. Саидризо Ализода (1886-1937) инқилобчӣ, маорифпарвар, журналист ва олими тоҷик Имомуф - Чинор Имомов, яке аз коркунони масъули ҷумҳурият дар он солҳо. Ҷабборӣ - Шароф Ҷабборов, муовини мудири онвақтаи Нашриёти Давлатии Тоҷикистон. "Кремль" достони Абулқосим Лоҳутӣ, ки аввалин бор соли 1923 дар Москва ва соли 1927 дубора дар Душанбе чоп шудааст. Ин ҷо нашри дуюм дар назар аст. Ҳасанзода - Чингиз Ҳасанзода (1900-13 июли 1938), аз муҳоҷирони эронӣ, дар он солҳо, корманди рӯзномаи "Тоҷикистони Сурх"). Қиблагоҳӣ Махсум - шояд Олимхон Махсуми Хуҷандӣ, шарикдарси мадрасагии устод Айнӣ бошад. Холидаҷон (1923-1986) - духтари Садриддин Айнӣ, адабиётшинос.

2. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18.

"Мукотиба"

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Муҳиддинов - Абдуқодир Муҳиддинов (ваф. 1934), яке аз ходимони барҷастаи давлатии Тоҷикистон, дар он солҳо раиси Кумитаи Инқилобии марказии Ҷумҳурии Бухоро.

Мунзим - Мирзо Абдулвоҳид (1877-1934), шоири тоҷик, дӯсти С.Айнӣ.

3. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18.

"Куллиёт", ҷ. 6, "Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Бертельс - Евгений Эдуардович (1890-1957), шарқшиноси машҳури рус, узви вобастаи АУ СССР, узви фахрии АУ Тоҷикистон, ходими шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. "Намунаи адабиёти тоҷик" - асари Садриддин Айнӣ, ки соли 1926 бо сарсухани Абулқосим Лоҳутӣ дар Москва чоп шудааст. Худашон ҳоло як китоб роҷеъ ба адабиёти Эрон менависанд -

ин китоб "Очерки истории персидской литературы" ном дорад, ки соли 1928 чоп шуда буд.

Ака Ҳасан - Ҳасан Ирфон (1900-1973), нависанда ва тарҷумони тоҷик. Як ғазал - ғазале дар "Овози тоҷик", ки дар зери он "пешкаш ба ҷаноби Мовандӣ" навишта шуда бошад, пайдо нашуд. "Адабиёти сурх" маҷмӯаи шеърҳои А.Лоҳутӣ, ки соли 1927 дуввум бор нашр шуда буд. "Кремль - маҷмӯаи "Кремл ва рубоиёт" дар назар аст, ки соли 1927 нашр шуда буд. Камолҷон - Камол Айнӣ - писари С.Айнӣ, адабиётшинос.

4. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18.

"Куллиёт", ҷ. 6; "Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Чанд дастовез роҷеъ ба ҳамон китоб - муаллиф шояд тақризҳои доир ба "Намунаи адабиёти тоҷик"-и устод Айниро дар назар дорад, ки дар матбуоти Эрон чоп шудааст. Нашриёт - Нашриёти марказии халқҳои СССР, ки "Намунаи адабиёти тоҷик" дар он ҷо ба табъ расидааст. Зеҳнӣ - Тӯрақул Нарзиқулов, тахаллусаш Зеҳнӣ (1891-1983), шоир ва олими тоҷик.

5. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18;

"Куллиёт", ҷ. 6, "Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Аммо чӣ чора, ки беморӣ (дар натиҷаи хиёнат ва ҷинояти корҳои чоплусонаи душманони дӯстнамо) кори худро карда - Рӯзномаи "Тоҷикистони Сурх", 1932; № 23, 8 октябр қарори комиссияи назорати байналмилалиро доир ба Лоҳутӣ аз рӯзномаи "Правда" гирифта чоп кардааст.

"1. Айбҳое, ки аз тарафи баъзе гӯяндагони эронӣ ба муқобили рафиқ Лоҳутӣ дар бораи гузаштаи ӯ то ба фирқаи коммунистӣ дохил шудани рафиқ Лоҳутӣ ба амал омада буд, беасос ҳисоб карда шавад.

2. Ҳеҷ навъ гунаҳгории рафиқ Лоҳутӣ чун коммунист дар вақти ба фирқа гузаштан дар кумитаи контролии байналмилалӣ исбот карда нашудааст.

3. Ба рафиқони эронӣ таклиф карда шавад, ки минбаъд дар бораи рафиқ Лоҳутӣ паҳн кардани гуфтугӯҳои беасос ва ҳуҷум карданро бас кунанд.

4. Қайд карда шавад, ки аз тарафи кумитаи фирқаи Эрон ба кори рафиқ Лоҳутӣ диққати махсус дода нашуда ва ҳуччатҳои рафиқ Лоҳутиро, ки барои беэътибор намононидани гуфтугӯҳои гузашта қувват дошт, аз назар нагузаронидааст".

Шояд Лоҳутӣ "душманони дӯстнамо" гуфта паҳнкунандагони чунин овозаҳоро, ки боиси ба амал омадани қарори кумиссияи назорати байналмилалӣ гардидааст, дар назар дошта бошад.

Як ҷумла аз охири мактуб кӯр шудааст, бинобар ин се нуқта гузошта шуд. Раҳим - Раҳим Ҳошим (1908-1993), олим ва тарҷумони тоҷик.

5. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18;

"Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Санаи ин мактуб июни 1930 тахмин карда шуд, зеро дар он сухан дар бораи Самарқанд рафтани "Яке аз коркунони байналмилалӣ" меравад. Дар мактуби аз ин пеш фиристодаи муаллиф гуфта шудааст, ки он рафиқ аввали август ба Самарқанд рафтанист. Мароҳим-марҳамат.

8. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18.

"Куллиёт", ҷ. 6; "Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

"Малая советская энсиклопедия" - нашри дуюми он дар назар аст, ки соли 1933 то 1940 ва 1947 дар 11 ҷилд ба табъ расида буд. Мақолаи Лоҳутӣ роҷеъ ба Айнӣ дар ҷилди 1, Москва, Изд-во "Советская энциклопедия", 1993, с. 205 чоп шудааст.

9. Сарчашмаҳои матн: Архив, "Куллиёт", ҷ. 6; "Мукотиба".

Матни асосӣ: "Куллиёт", ҷ. 6.

Нишони Сурхи Заҳмат - 18 октябри соли 1931 ҳукумати Тоҷикистон устод Айниро бо ордени "Байрақи Сурхи Меҳнат" сарфароз карда буд.

10. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18.

Ин шеърро, ки фиристодам.. - кадом шеър буданаш маълум нашуд. Садрулин - Хоҷаев Шаҳобиддин (1902-1982), дар он солҳо корманди матбуот буд.

11. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18.

Ин ҷо барои корректории китобам омадам - китоби "Адабиёти

сурх" дар назар аст. Дар он солҳо як қисми китобҳои Нашр. Давл. Тоҷикистон дар Симферополь чоп мешуд.

12.Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18,

Расулӣ - собиқ корманди Нашриёт

Шеъри "Ба Сталин" бо номи "Нохудо" чоп шудааст.Ниг.: "Девони Лоҳутӣ", 1938, саҳ. 269

13. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18.

Мактуби аз Симферополь фиристодаи Лоҳутӣ 20 ноябри 1932 навишта шудааст, бинобар ин санаи таълифи ин мактуб охири ноябр ё аввали декабри 1932 тахмин карда шуд.

14. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18.

Аминзода - Муҳиддин Аминзода (1904-1966), шоири тоҷик.

15. Сарчашмаи матн: маҷ. "Барои адабиёти сотсиалистӣ", 1933, № 5-6, саҳ. 22.

16. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18.

Дар ин мактуб Муҳиддинов Абдулқодир ёдоварӣ шудааст. Муҳиддинов соли 1934 вафот кардааст, бинобар ин тахмин кардан мумкин аст, ки мактуб то соли 1934 навишта шудааст.

17. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди № 17, "Мукотиба",

Матни асосӣ: Архив, фонди № 17

Ман ин очеркро дар ҳаҷми ду лист навиштам - ин очерк асоси повести ӯ "Мактаби кӯҳна"-ро ташкил кардааст. Китобчаи "Дар бораи "Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и ӯ" соли 1940 чоп шуд.

Модари Далер - ҳамсари А.Лоҳутӣ Ситсилия Бенисиановна Бону (с. тав.1911) шоир ва тарҷумон, ки шеърҳои устод Лоҳутӣ ва дигаронро ба забони русӣ тарҷума кардааст. Инчунин тарҷумони "Шоҳнома"-и безаволи Фирдавсӣ ба забони русӣ мебошад. Асарҳои Шекпир ва дигаронро бо ҳамроҳии устод Лоҳутӣ ба тоҷикӣ гардонидааст.

Тарҷумаи ҳоламро... - ҳамроҳи ин мактуб тарҷумаи ҳоли мухтасари устод Айнӣ - фиристода шудааст, ки ҳоло дар архив маҳфуз аст.

18. Сарчашмаҳои матн: рӯзн. "Тоҷикистони Сурх", 1935, 3 январ; "Куллиёт", ҷ. 6

Матни асосӣ: рӯзн. "Тоҷикистони Сурх", 1935, 3 январ.

19. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 17

20. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 17;
"Мукотиба"
Матни асосӣ: Архив, фонди 17.

Рапорт - мактубе, ки дар бораи иҷрои планҳо ба ҳукумат навишта мешуд.

Як порча шеър навиштам - ин шеър ба 100-солагии рӯзи вафоти А.С.Пушкин бахшида шуда, бо номи "Пушкин" аввалин бор дар рӯзномаи "Тоҷикистони Сурх", 1937, 10 феврал ва ба забони русӣ дар тарҷумаи Бону дар "Литературный Узбекистан" 1937, № 1 чоп шудааст. Лутфия - духтари С.Айнӣ, санъатшинос. "Ёри масчоҳӣ" - шеъри А.Лоҳутӣ, ниг.: "Куллиёт", ҷ. 1, саҳ. 204. Атия - духтари А.Лоҳутӣ.

21. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 17.

Ғайр аз рӯзномаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" - ниг. Ба тавз. 23.

22. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 17;
"Мукотиба"
Матни асосӣ: Архив, фонди 17.

Худам имрӯзҳо ба кори луғат машғулам - ин луғатро устод С.Айнӣ соли 1938 ба итмом расонида буд, вале бо сабабҳои гуногун он вақт чоп нашуд. Ҳоло бо номи "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик" ҷ. 12-уми "Куллиёт"-и устод Айниро ташкил мекунад.

Ба чоп тайёркунандагон К.Айнӣ ва Х.Рауфов, муҳаррир Раҳим Ҳошим.

Бектош - Нарзулло Ҳайдарзода Бектош (1900-1937), яке аз адабиётшиносони тоҷик. Нисормуҳаммад (1898-1938) - яке аз ходимоне, ки дар давраи ташаккули ҷумҳурии шӯравии Тоҷикистон барои пешрафти маданияту фарҳанги ҷумҳурӣ хидматҳои калон карда, ду бор вазири маориф шудааст.

Вадуд - Вадуд Маҳмудӣ (1898-1976), додарарӯси С.Айнӣ.

23. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18.

Дар поёни ин мактуб рақами 29 сабт ёфта моҳ ва соли таълифи он гузошта нашудааст. Аз рӯи мактуби ҷавобии устод Айнӣ санаи таълифи он "29 октябри 1937" муқаррар гардид. Устод Айнӣ дар мактуби худ аз ноябри соли 1937 чунин навиштааст: "хати 29 ӯктабир навиштаатонро 5 ноябр гирифтам."

...Мақолаҳои роҷеъ ба шуморо дар газета хонда - соли 1937 дар рӯзномаи "Ҳақиқати Ӯзбекистон" ва "Ленин юли " роҷеъ ба устод Айнӣ мақолаҳои саропо тӯҳматангезе чоп шуданд. Дар ин мақолаҳо эҷодиёти устод Айниро тамоман нодуруст маънидод карда, асарҳои ӯро ба Ҳокимияти Шӯравӣ душманона ва худи устодро душмани синфӣ номида буданд.

24. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 17.

...Ман дар он хабарҳое, ки дар ду газетаи "Ленин юли" ва "Ҳақиқати Ӯзбекистон" навишта шудааст, худро айбдор намедонам - мақолаҳои тӯҳматангезе дар назар аст, ки устод Айниро душмани Ҳокимияти Шӯравӣ эълон карда буданд.

Файзулло Хӯҷа - Хоҷаев Файзулло (1896 Бухоро - 1938) раиси СКХ (совети комиссариати халқии Ӯзбекистон соли 1937 ҳамчун душмани халқ ба ҳабс гирифта шуда баъд аз фош гардидани шахспарастӣ бегуноҳ дониста шуд.

Икромуф - Икромов Акмал Икромович (1898-1938) - котиби бюрои осиёимиёнагии КМ ВКП(б). Соли 1937 ҳамчун душмани халқ ба ҳабс гирифта шуда, баъд аз фош гардидани шахспарастӣ бегуноҳ дониста шуд. В.И.Ставский - котиби Иттифоқи Нависандагони СССР дар он солҳо.

Дар ҳошияи номаи устод Айнӣ бо хати устод Лоҳутӣ суханони зерин сабт ёфтааст:

"Аризаи рафиқ Айнӣ навиштагиро (30 саҳифа) рафиқ Бону ба русӣ тарҷума кард ва ман як нусхаи онро бо истидъои худам баҳри ёрӣ ба вай ба Кумитаи Марказӣ якеро ба ҳукумат додам, дар секретариати Иттифоқа Нависандагони Советӣ маърӯза карда, бегуноҳии ин пири мӯҳтарамро гуфтам ва хидматҳои ӯро баён кардам. Ман бо телефон пурсидам, маълум шуд, ки аризаи мӯҳтарам Айнӣ ба дасти роҳбари мӯҳтарами мо расида"

25. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 17; "Куллиёт", ҷ. 6; "Мукотиба"

Матни асосӣ: Архив фонди 18.

Д.3. Протопопов (тав. 1897) солҳои 1937-46 котиби якуми КМ ПК(б) Тоҷикистон буд.

26. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 17.

Аввалин бор дар рӯзномаи "Тоҷикистони Советӣ" аз 4 декабри

соли 1987 бо шарҳу эзоҳи М.Осимӣ чоп шудааст.

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

28. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 17.

29. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18; "Шарқи Сурх", 1962, № 12;

"Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

30. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18.

Дар ин мактуб низ сухан дар бораи налогҳои давраи амир меравад, ки Лоҳутӣ дар мактуби аз 9 июни соли 1938 тавзеҳи онро аз Айнӣ хоҳиш карда буд. Пас ин мактуб моҳи июн ва ё аввали июли соли 1938 навишта шудааст.

31. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Мукотиба", "Шарқи Сурх", 1962, № 12.

32. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Куллиёт", ҷ. 6: "Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

33. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 17.

34. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18;

"Куллиёт", ҷ. 6, "Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

35. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 17; "Мукотиба".

36. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Куллиёт", ҷ. 6; "Мукотиба"

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Ба давом додани пйеса ва навиштани сенария сар кардам - Лоҳутӣ бо номи "Биҳишт" доир ба гузашта ва имрӯзи Тоҷикистон песаи манзуме навиштанӣ будааст, аммо онро ба анҷом нарасонида аст. Танҳо баъзе сурудҳо аз он песа дар ҷилди шашуми "Куллиёт"-и ӯ чоп шудаанд. Вале ба навиштани чӣ гуна сенария шурӯъ кардани ӯ ҳоло маълум нест.

Гевак - Гев, писари А.Лоҳутӣ.

Китоби худро ба шумо тақдим накардам - муаллиф шояд "Девони Лоҳутӣ"-ро, ки соли 1938 аз чоп баромадааст, дар назар дошта бошад.

37. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Куллиёт", ҷ. 6;

"Мукотиба"; "Шарқи Сурх", 1962, № 12.

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Билети аъзоии шуморо - Билети аъзои Иттифоқи Нависандагони СССР, ки дар музеи С.Айнӣ нигоҳ дошта мешавад.

Ман як шеър (мисраъ - 138) навиштаам. - Шояд "Достони гул" бошад, зеро дар мактуби ҷавобии Айнӣ аз 11 феврали соли 1939 сухан дар бораи ҳамин достон меравад. Вале матни чоп шудаи "Достони гул" аз 152 мисраъ иборат аст.

38. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 17;

"Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 17.

Девони ёдгорӣ - Девони Лоҳутӣ. Сталинобод, Ленинград, Нашр. Давл.Тоҷикистон, соли 1938.

Бо Тоҷигиз як договор бастам - солҳои 1939-40 чанд асари бадеӣ ва илмии устод Айнӣ ба табъ расидааст. Ин шартнома ба кадоме аз онҳо оид аст, маълум нашуд. Бо комитети юбилеи Навоии Ӯзбекистон ду договор бастам - устод Айнӣ "Хамса"-и Алишери Навоиро мухтасаран ба нашр тайёр кардааст ва ба он сарсухан навиштааст, ки соли 1940 дар Тошканд ба табъ расидааст. Як шартнома шояд ба ҳамин китоб алоқаманд бошад, вале шартмомаи дуйум маълум нашуд.

39. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Куллиёт", ҷ. 6; "Мукотиба"; "Шарқи Сурх", 1962, № 12.

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Ғазали "Ёр аз дили ман хабар надорад" - ин ғазали классикӣ дар либреттои "Шӯриши Восеъ"-и М.Турсунзода ва А.Деҳотӣ истифода шудааст ва аз чор байт иборат аст. Инак, баъд аз ба итмом расидани либретто бастакор С.Баласанян талаб кардааст, ки ба он се байти дигар идова шавад. А.Деҳотӣ ба устод Лоҳутӣ мурочиат кардааст.

Байтҳои зерин:

Ё васли ту қисмати башар нест,
Ё толеи ман ҳунар надорад...
Ё мавсими сабри ман хазон шуд,
Ё нахли умед бар надорад.

Бо баъзе тағйирот дар либреттои "Шӯриши Восеъ"истифода шудааст. Дар мисраи якум ба ҷои "қисмати башар" "толеи башар" ва дар мисраи чорум ба ҷои "нахли умед" "боғи умед" оварда шудааст. "Достони гул" - ниг. "Девони Лоҳутӣ", китоби дуюм, саҳ. 130.

40.Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Куллиёт", ҷ. 6; "Мукотиба"; "Шарқи Сурх", 1962, № 12. Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Ғазалро инак тамом карда бароятон мефиристам - ғазали "Ҷуз ишқ ҷаҳон ҳунар надорад"-ро фиристодааст. Ниг.: "Куллиёт", ҷ. 2, саҳ. 187.

41. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Куллиёт", ҷ. 6; "Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Ҷавонони шоири тоҷик бо нишонҳои давлатии шӯроӣ сарфароз шуданд. - Бо укази Президиуми Шӯрои Олии СССР аз 1-уми феврали соли 1939 М.Турсунзода бо ордени "Байроқи сурхи меҳнат", А.Деҳотӣ ва М.Раҳимӣ бо ордени "Нишони фахрӣ" мукофотонида шудаанд.

Як нусхаи нав аз ғазали навро мефиристам - Ин ҳамон ғазали "Ҷуз ишқ ҷаҳон ҳунар надорад" аст, ки байтҳои он ба тартиби дигар паи ҳам чида шудаанд.

42.Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 17; "Мукотиба"; "Шарқи сурх", 1956, № 7.

Матни асосӣ: Архив, фонди 17.

"Шамъи бино" - номи достони Лоҳутӣ, ки ба шоири нобинои чечену ингуш Аҳмад Нечаев бахшида шудааст. Ин достон дар ҷилди сеюми "Куллиёт"-и шоир (саҳ. 33) таҳти унвони "Ба ҳофизи нобино" дохил шудааст.

Образи боғбони пурасрори мо - образи И.В.Сталин, ки устод Лоҳутӣ дар "Достони гул" офаридааст.

Михоэлс Соломон - артисти театри яҳудӣ дар Москва, ки соли 1937 ё 1938 ба тӯҳмат чун душмани халқ ҳабс карда шуда, баъд аз фош гардидани шахспарастӣ сафед карда шудааст.

43. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Куллиёт", ҷ. 6; "Мукотиба"; "Шарқи Сурх", 1962, № 12.

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Хати 2-уми моҳи февралатонро - Лоҳутӣ хати 11 феврал навиштаи Айниро 2-уми феврал гумон кардааст, азбаски он бо рақами римӣ навишта шудааст.

44. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Куллиёт", ҷ. 6; "Мукотиба"; "Шарқи сурх", 1962, № 12.

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Имрӯз... ғазале гуфтам - устод Лоҳутӣ бо ин мактуб, ғазали "Кораш ҳама ноз аст"-ро фиристодааст.Ниг.: "Куллиёт", ҷ. 2, саҳ. 196. Агар надонанд... тавзеҳ бинависам - сухан аз хусуси байти ҳаштуми ғазали "Кораш ҳама ноз аст" меравад.

45. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Мукотиба", "Шарқи сурх", 1962, № 12:

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

46. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Куллиёт", ҷ. 6; "Мукотиба", "Шарқи сурх", 1962, № 12.

Ҳоло (рӯзи 10 феврал) - устод Лоҳутӣ саҳван ба ҷои март феврал навиштааст.

Аввал ин ки дар болои саҳифа бо хати римӣ "7/111-39" навишта шудааст. Дигар ин ки ин ғазал ва мактуб ба устод Айнӣ бо мактуби дигари Лоҳутӣ аз 6 марти 1939 дар як пакет фиристода шудааст. Дар мактуби мазкур бошад, сухан дар бораи тасҳеҳ даровардан ба ғазали "Кораш ҳама ноз аст..." меравад, ки онро Лоҳутӣ 1 марти 1939 фиристодааст. Бинобар ин ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки санаи навишта шудани ин мактуб 10 март аст, на 10 феврал.

Устод Лоҳутӣ бо ин мактуб ғазали "Ба рӯят гуфтаам ҳуснат чу моҳ аст"-ро низ фиристодааст. Дар поёни шеър 6/111-39 навишта шудааст.

47. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18;

"Куллиёт", ҷ. 6; "Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 18

Ин ғазалро - ғазали "Замину осмонро гар бикобам" дар назар аст.Ниг. "Куллиёт", ҷ. 2, саҳ. 194.

48. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 17; "Мукотиба"; "Шарқи сурх", 1956, № 7.

Матни асосӣ: Архив, фонди 17; Г. Шохғазал - ғазали "Кораш хама ноз аст"

"Мукотиба", "Шарқи сурх", 1962, № 12.

Матни асосӣ: Архив, фонди 17.

49. Сарчашмаҳои матн: Архив фонди 17.

51. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Куллиёт", ҷ. 6; "Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

52. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18;

"Куллиёт", ҷ. 6: "Мукотиба", "Шарқи сурх", 1962, № 12.

Матни асосӣ: Архив, фонди 18. Матни асоси: Архив, фонди 18.

Инак барои шумо як шери нав мефиристам - бо ин мактуб шеъри "Посбони Ватан" фиристода шудааст, ниг.: "Куллиёт", ҷ. 3, саҳ. 36-39.

53. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18.

54. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18;

"Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Ғанӣ Абдулло - нависанда ва драматурги тоҷик (1912-1984). Носируф - Саид Тӯрабоевич Носиров (1901-1938) соли 1934 раиси Комитети ташкилии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд, як муддат низ раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон низ интихоб шудааст. Маърӯзаи раф. Ждануф дар съезди партия - съезди 18-уми ВКП(б) дар назар аст, ки 10-21 марти соли 1939 дар Москва барпо гардида буд. Бройдо - Бройдо Григорий Исаакович (тав. 1884, Вильнюс), аз декабри 1933 то ноябри 1934 котиби якуми КМ ПК(б)-и Тоҷикистон буд.

54. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 17; "Мукотиба".

55. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 17 "Мукотиба"

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Луча - ложа, ҷои нишаст дар театр.

56. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 17;

"Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

57. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 17.

Телеграмма

58. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18.

59. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 17; "Мукотиба"; "Шарқи сурх", 1963, № 4.

Матни асосӣ: Архив, фонди 17.

Мо ядрику кулла ло ятрака - ҳар кас чизеро нафаҳмад, аз он набояд даст кашад.

Маҷмӯаи шеърҳои Лоҳутӣ "Шеърҳои Тоҷикистонӣ" бо муқаддимаи устод Айнӣ соли 1940 нашр шудааст. Зингер - вакили Нашриёти Тоҷикистон дар Ленинград.

60. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18.

"Хати халқи тоҷик ба падари халққо Сталини бузург" - Назмкунандагон шоирон: С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, М.Турсунзода, М.Раҳимӣ, Ҷ.Суҳайлӣ. Дар матубот бо номи "Ба пешвои халққо, ба дӯст, ба муаллим, ба Сталини кабир" чоп шудааст.Ниг.: Маҷмӯаи шеърҳои "Сталини мо", Сталинобод, 1949, саҳ. 47-70.

Дар болои мактуб 17 январи 1940, вале дар охир 20 январи 1940 навишта шудааст. Шояд навиштани мактубро 17-ум шурӯъ карда, 20-ум ба охир расонидааст.

61. 61А Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18.

Аз мактуби Айнӣ ба Лоҳутӣ аз 26 феврали 1940 маълум мешавад, ки телеграмма моҳи феврал дода шудааст.

62. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

63. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Мукотиба".

Акнун дар бораи хати ба рафиқ Сталин бошад - ниг. Ба тавзеҳоти 60. Қурбонуф - Маҳмадалӣ Қурбонов (1905-1976) ходими ҳизбӣ ва давлатии шӯравӣ, солҳои 1937-46 раиси Совети Комиссарони халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

64. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Мукотиба".

Аз порчаи ман фоида бурда шуд ё не - ин порча бо номи "Комёб шудем" дар маҷмӯаи "Хати заррин", Сталинобод, 1940, ки ба канали калони Фарғона бахшида шудааст, чоп шудааст.

65. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 17.

66. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Мукотиба".

Матни асосӣ: Архив, фонди 17.

Кова - операи "Коваи оҳангар", ки либреттои онро Лоҳутӣ навиштааст. "Луғати русӣ-тоҷикӣ" - нашри соли 1946-и ин луғат дар назар аст.

67. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 17; "Мукотиба", "Шарқи сурх", 1963, № 4.

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Абдушукур - Абдушукур Пирмуҳаммадзода (1911-1942), драматурги тоҷик, дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок шудааст.

Мо атяба фи ҳи ҷалла борик
Ё зора баниби сайфи лафзин.
Валлоҳи қаталтани биҳотик -
Чӣ хуш аст он гуфтори ту
Эй он касе, ки задӣ маро бо шамшери сухан
Қасам ба худо, ки куштӣ маро бо ин бахшишат.

68. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18.

Устод Айнӣ дар мактуби худ аз 4 августи 1940 дар бораи ба устод Лоҳутӣ фиристода шудани китобҳои "Марги судхӯр", "Ятим" ва "Фирдавсӣ" сухан рондааст. - Лоҳутӣ дар мактуби худ аз 17 августи 1940 гирифтани китобҳоро хабар медиҳад. Шояд ин телеграмма пеш аз мактуб фиристода шуда бошад.

69. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Мукотиба".

Матни асоси: Архив, фонди 18.

Мактубу китобҳои шумо чанд рӯз пеш ба Маскав расида бошад ҳам... - китобҳои "Марги судхӯр", "Ятим" ва "Фирдавсӣ", ки устод Айнӣ фиристодааст. Девон-и дуйум ҷилди дуйуми "Девон"-и Лоҳутӣ, ки соли 1940 Нашр. Давл. Тоҷикистон нашр кардааст.

70. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Мукотиба"

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Як тарона барои Декодо навиштам - бо ин мактуб таронаи "Гуселкунандагон" фиристода шудааст.Ниг.: маҷм. "Асарҳои мунтахаб", Нашр. Давл. Тоҷикистон, Сталинобод 1949, саҳ. 337.

Ҳамин дирӯза як нусха аз контото, ки онро ҳам барои Декодо навиштаам, бароятон мефиристам - ин контото бо номи "Суруди кӯҳсор" дар маҷ. "Асарҳои мунтахаб", Сталинобод, 1944, саҳ.

149 чоп шудааст.

71. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18. "Мукотиба

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Дирӯз нусхаи мошинии ин таронаро барои шумо фиристодам. - Таронаи "Гуселкунандагон" дар назар аст.

72. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 17; "Мукотиба"; "Шарқи Сурх", 1962, № 12.

Матни асосӣ,: Архив, фонди 17.

Камина - Муҳаммад Валӣ (1770-1840) шоири туркман. Махтумқулӣ - тахаллусаш Фурӯғӣ (Фраги), шоири асри 18-и туркман.

73. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Мукотиба"

Матни асосӣ: Архив, фонди 18

Анварӣ - Аҳвадуддин Алӣ ибни Муҳаммад ибни Исҳоқи Абевардӣ (1126, Абеварди Хуросон - ваф. тах. 1040, Ғазнин) шоири форсу тоҷик. Нависанда ва шоири ҷавони мо Юсуфӣ - Ҳабиб Юсуфӣ дар мақолаи худ "Барои поэзияи муносиби давр" дар бораи лирикаи ишқии Лоҳутӣ чунин навишта буд: "Аммо вақте ки мо бо асарҳои ҷаҳоншумули устод Лоҳутӣ фахр мекунем, як қисм асарҳои охирини ӯро ҳам аз назар дур партофта наметавонем, ки дар ин асарҳо он сарояндаи баландовози ҳаёти нав, ба қуллаҳои баланд расонандаи поэзияи революсионии тоҷик дар қафаси лирикаи "софи"бадбинона ва ба ҷавонони имрӯзаи мо бегона мемонад. Вақте ки мо сатрҳои Хуршеди ман куҷоӣ? Сард аст хонаи ман,

Дур аз рухат сарои дард аст хонаи ман -ро мехонем, дар ҳайрат мемонем, ки оё онҳоро ҳам ҳамон табъи оташбор ва сарояндаи

Нӯшам ба шодмонии ин дам шароби сурх,

К-аз шарқи инқилоб дамад офтоби сурх.

Эҷод кардааст?"Ниг.: Маҷм. Ҳ.Юсуфӣ. "Роҳи нотамом". Нашриёти "Ирфон", Душанбе, 1973, саҳ. 223.

Ғазали дар санаторӣ гуфтаамро - Лоҳутӣ бо ин мактуб ғазали "Аз ҳар гапи он тоза шавад ҷон, чӣ лабаст ин"-ро фиристодааст.Ниг.: "Куллиёт", ҷ. 2. Саҳ. 205.

74. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Мукотиба" "Шарқи Сурх", 1962, № 12.

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

Устод Лохутӣ дар "Ҳадяи Заррина" ном манзумаи худ қаҳрамони асарҳои устод Айнӣ "Одина" ва "Ятим"-ро истифода кардааст:

Дил нағунҷад зи шавқ дар сина,
Гардад ичро хаёли дерина
Шуда Қорун Ятиму Одина.

75. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Мукотиба";

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

76. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 17; "Мукотиба", "Шарқи Сурх", 1962, № 12.

Матни асосӣ: Архив, фонди 17.

Шеъри лирикие, ки... - Ин шеър бо чунин мисраъ шуруъ мешавад:

Аз ҳар гапи он тоза шавад ҷон, чӣ лаб аст ин! Куллиёт, ҷ. 2 с. 205.

Профессор Семёнов - А.А.Семёнов (1873-1958) олими шарқшинос. Бузургзода - Лутфулло Бузургзода (1909-1943) олими забоншинос ва фолклоршинос, дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок шудааст. Наркомпрос - Народный комиссариат просвещения (Комиссариати халқии маориф). Размежевание - ишора ба тақсими ҳудудҳои миллӣ дар Осиёи Миёна, соли 1925.

77. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18.

"Хати халқ" - ниг.: ба тавзеҳоти 60.

78. Сарчашмаҳои асосӣ: Архив, фонди 17.

Маҷмӯаи Навоиро, ки дар тоҷикӣ тартиб дода будам. - Китоби устод Айнӣ дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Навоӣ бо иловаи шеърҳои мунтахаби форсӣ-тоҷикиаш таҳти унвони "Алишери Навоӣ" соли 1948 аз чоп баромад. Редаксия ҳаққи қалами "Мактуб"-ро -"Хати халқ ба Сталин" дар назар аст.

79. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 18; "Мукотиба"

Матни асосӣ: Архив, фонди 18.

80. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18.

81. Сарчашмаҳои матн: Архив, фонди 17; "Мукотиба"; "Шарқи сурх", 1963, № 4.

82. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 17.

83. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18.

Телеграмма, тарҷума аз русӣ.

Ба муносибати 70-солагии Садриддин Айнӣ.

84. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18.Ҳамроҳи ин мактуб шеъри "Ба 75-солагии фозил ва адиби муҳтарам "Садриддин Айнӣ" фиристода шудааст".

85. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 18. Телеграмма, тарҷума аз русӣ.

86. Сарчашмаи матн: Архив, фонди 17.

Аввали ин мактуб нест ва санаи навишта шудани он низ маълум нест.

Дар мактуб сухан аз хусуси "Достони Вахш" меравад. Таърихи итмоми ин достон 10 апрели соли 1937 буда, дар шакли китоби алоҳида соли 1940 ба табъ расидааст. Пас санаи таълифи мактубро 1937-40 тахмин карда мумкин аст.

Мукотибаи Садриддин Айнӣ
ва Абулқосим Лоҳутӣ.

(Нашри дуввум бо такмил ва иловаҳо)

Ба чоп ҳозиркунанда ва муаллифи тавзеҳот: **Хуршеда Отахонова**

Муҳаррири масъул: **Шаҳобуддини Шуҷоъ**
Муҳаррири ороиш: **Диловар Бобохонов**
Мусаҳҳеҳ: **Фарид Исматуллоев**

Ба чоп 20.03. 2003 таҳвил шуд. Коғаз ва чопи офсет.
Андозаи 60х84 1/16. Супориши № 9. Ҷузъи чопии шартӣ 9,0.
Адади нашр 500 нусха.

НАШРИЁТИ «ДЕВАШТИЧ»

Анҷумани «Шуҷоъ»
Нашриёти «Деваштич»
ш. Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, 36

10 шт

14с